ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК
БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

**УДК: 101.13**
**ББК:87.3(4/8)**
**Ҷ.92**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ҶУРАЕВ МАНУЧЕҲР БОБОҚУЛОВИЧ**

# МАСЪАЛАИ ИНСОН ДАР ФАЛСАФАИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа**

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
Узви вобастаи АМИТ
Муҳаммадалӣ Музаффар

**ДУШАНБЕ – 2023**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**…………………………………………………………...................3-14

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ИҶТИМОӢ-СИЁСИИ ТАШАККУЛИ АФКОРИ ФАЛСАФИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ**....15-67

I.1. Вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии замони Абдураҳмони Ҷомӣ.........15-31

I.2. Зиндагӣ, осор ва махсусиятҳои ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ........32-52

I.3. Асосҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ.......53-68

**БОБИ II. АНДЕШАҲОИ АНТРОПОЛОГӢ ДАР ФАЛСАФАИ АБДУРАХМОНИ ҶОМӢ**.........................................................................69-147

II.1. Инъикоси табиат ва моҳияти инсон дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ...69-97

II.2. Масъалаҳои ахлоқ дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ……….............98-121

II.3. Масъалаи инсони комил дар тасвири Абдураҳмони Ҷомӣ .............122-147

**ХУЛОСАҲО**...........................................................................................148-150

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..................................................................................................151

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**…………………………......................................152-168

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**...................167-168

# МУҚАДДИМА

**Аҳамияти таҳқиқи мавзуъ.** Фарҳангу маънавиёти миллати тоҷик реша дар умқи таърих дошта, дар марҳилаҳои мухталифи ташаккули хеш мутафаккирону равшанфикронеро ба майдони илму адаб ворид намудааст, ки маҳсули андешаи онҳо на танҳо арзиши миллию минтақавӣ, балки арзиши баланди умумиинсониро доро мебошанд. Аз Зардушт сар карда, то Монию Маздак, мутафаккирони фарҳангистони Гунди Шопур, мактаби Нисибин, намояндагони асҳоби ҳаюлло, машшоия, калом, ирфон, исмоилия ва ишроқия бузургтарин андешаҳои ахлоқию инсонгароёнаро баррасӣ намудаанд, ки имрӯз низ муҳимияти худро нигоҳ доштаанд. Яке аз чунин мутафаккирон, ки бо андеша ва таълимоти арзишманди умумибашарӣ шуҳратёр гардидааст, Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) мебошад. Афкору андешаи мутафаккир, ки дар руҳияи инсонгароию маърифатпарварӣ ва хурофотзудоӣ баён гардидаанд, на танҳо арзиши таърихӣ, балки қисмате аз онҳо барои ҷомеаи муосир низ дорои аҳамияти назариву амалӣ ҳастанд.

Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нисбати зарурати таҳқиқ ва омӯзиши афкору осори Абдураҳмони Ҷомӣ 20-уми марти соли 2014 зимни вохӯрӣ бо аҳли зиёи мамлакат иброз намуданд, ки “Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ бузургтарин адиб, олим ва ориф дар таърихи тамаддуни мо дар асри понздаҳум мебошад. Дар байни аҳли илму адаб, ҳамчунин дар назди ҳокимони сарзамини худ ва қаламравҳои дигар чунин шуҳрати беандоза пайдо кардан дар таърихи ҷомеаи башарӣ ба кам касон муяссар гардидааст. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи хусусиятҳои ин падидаи нодир ва омилҳои зуҳури он на танҳо барои шинохти дурусти шахсиятҳои нотакроре мисли Мавлоно Ҷомӣ ва осору андешаи онҳо, балки барои равшан кардани самтҳои асосии рушди илму адабу фарҳанги муосир ва сабақи даркорӣ бардоштан аз онҳо дар рӯзгори мо низ амри воҷиб мебошад” [1].

---

1 Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқоти наврӯзӣ бо зиёиёни кишвар 20-уми марти соли 2014// http://president.tj/node/6377 (санаи муроҷиат: 24.04.2020).

Воқеан, дар замони муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ бо суръати баланд рушд намудаву ҳама соҳаҳои ҳаёти инсониро фаро гирифтааст, таҳқиқи андешаҳои арзишманди мутафаккирони гузаштаи миллат, аз ҷумла, Абдураҳмони Ҷомӣ саривақтист, зеро "эҷодиёти Мавлоно Ҷомӣ басо пурвусъат ва пургунҷоиш буда, сабақи доимӣ бардоштан ва таҳқиқу таҳлили пайвастаро тақозо мекунад" [1]. Алалхусус, андешаҳои мутафаккир доир ба табиату моҳияти инсон, мақсаду мароми зиндагӣ, камолоти маънавию ахлоқӣ, талаби илму дониш, дурӣ аз ҷаҳолату хурофот ва таассуби динӣ барои тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи худшиносию худогоҳӣ ва ҳифзу нигоҳдошти арзишҳои маънавии умумиинсонӣ муҳиму зарурӣ мебошанд.

Аз ҷониби дигар, масъалаи инсон дар ҳар як давру замон ба таври мухталиф мавриди пажуҳиш қарор гирифта, зинаҳои гуногуни ташаккулро сипарӣ намудааст. Вале новобаста аз фазову вақти баррасии ин масъала, донишмандону файласуфон дар ин самт ҳатман ба саволи «Инсон чӣ гуна мавҷудот аст?» посух ҷустаанд. Маҳз ҳамин савол ва посух ба он воситаест, ки робитаи диалектикии ақидаҳои тамоми донишмандону файласуфонро таъмин месозад. Ин табиист, зеро инсон субъект ва барандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, посух ҷустан ба саволи мазкур роҳу равиши рушди ҷомеа, усулҳои муҳимтарини таъсири ҷомеаро ба инсон, ки ҳадаф аз он пешравии камолоти маънавии инсон аст, ба вуҷуд меорад.

Дар замони муосир талаботи ҷомеа ба камолоти маънавии инсон хеле баланд гардида, рушду нумӯи худшиносӣ, худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, дарки истиқлолияти давлатӣ, ҳисси волои ватанпарастӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва дигар хусусиятҳои ҳамидаи инсониро тақозо мекунад. Ҳамзамон, ба ин масъала ва мушкилоти дигари амсоли он назар андохтан, на хурофтоту таассуб, балки талаби илми фалсафа ва талаботи калидии даврони муосир мебошад.

1 Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ҷашни 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ//http://president.tj/node/7605 (санаи муроҷиат: 25.04.2020).

Таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи инсон дорои аҳамияти бузурги илмие мебошад, ки дар ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва руҳонии ҷомеа мавқеъи шоистаро сазовор гаштааст. Таълифоти ӯ то ба имрӯз ҳамчун намунаи беҳтарини афкори илмӣ, фалсафӣ ва ахлоқию маънавӣ хизмат менамоянд.

Таҳқиқи таълимоти мутафаккирони гузаштаи миллат, аз ҷумла, Абдураҳмони Ҷомӣ бо назари танқидӣ метавонад аз чанд ҷиҳат арзишманд бошад:

1. Дар шароите, ки ғасби рӯирости фарҳангҳо, аз ҷумла мутафаккирони соҳибандеша роиҷ гардида, бархе аз миллатҳо кӯшиши иваз намудани таърих, ба нафъи худ навиштани он ва аз худ намудани донишмандону файласуфони дигар мушоҳида мешавад, соҳибӣ намудани фарҳангу тамаддун ва шахсиятҳои барӯманди миллат муҳиму зарурӣ мебошад. Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ аз он мутафаккиронест, ки дар ривоҷу равнақи фарҳангу маънавиёти миллати тоҷик нақши бориз дорад. Бахусус, таълимоти ӯ доир ба инсон, моҳият ва мақсади ҳастӣ, инчунин камолоти маънавию фаъолияти ҷамъиятӣ арзиши баланди назариву амалиро соҳиб мебошанд.

2. Дар раванди густариши босуръати ҷаҳонишавӣ, арзишҳое пайдо гардидаистодаанд, ки ба ахлоқ ва фарҳанги суннатии миллӣ созгор нестанд. Ҳатто табиат ва моҳияти инсон ба таври сунъӣ тағйир дода шуда, арзиши ин мавҷуди олитарини табиат заиф мегардад. Аз ҷумлаи ин гуна таҳдидҳо тағйири ҷинсият, пайдо гардидани мафҳумҳои трансгендер, волидайни №1 ва №2, инчунин ташаккули зеҳни сунъӣ, ки ба муқобили нерӯҳои ботнию фитри инсон нигаронида шудаанд, ба ҳисоб мераванд. Дар ин раванд, таҳқиқи афкори арзишманди мутафаккирони гузаштаи миллат, аз ҷумла Абдураҳмони Ҷомӣ доир ба инсон ва мақому ҷойгоҳи он дар низоми ҳастӣ муҳиму саривақтӣ мебошад.

3. Бешак, ҷомеаи муосир ба мушкилоти ахлоқӣ мувоҷеҳ гардида, масъалаҳои марказии ахлоқ, аз қабили инсондӯстӣ, ҳамдардӣ, ҳамдилӣ, хизмати беғаразона ва монанди инҳо арзиши худро коста намуда, манфиатхоҳиву манфиатҷӯӣ ҷойи онҳоро гирифтааст. Ҷиҳати ҳифзу ҳимоя ва

густариши арзишҳои зикргардида таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ ва мутафаккирони дигари ҳамасли он аз манфиат холӣ нестанд.

4. Масъалаи дигар, доман паҳн намудани таассубу хурофотпарастӣ мебошад, ки он ба бегонашавии инсон боис гардида, нерӯҳои ботинию маънавӣ мутеи қувваҳои эзотерикӣ мешаванд. Чунин тарзи муносибат дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон эҳсос мешавад.

Бо назардошти андешаҳои баёнгардида таҳқиқи масъалаи инсон дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ муҳим ва зарурӣ мебошад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ**. Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ аз нобиғагони бузурги фарҳанги миллати тоҷик мебошад, ки бо эҷоди осори гаронарзиш ҳанӯз дар замони зиндагии худ шуҳратёр гардида буд. Комилан дуруст аст, ки “Завқи бадеӣ, донишу таҷриба ва ҳунару маҳорати Мавлоно дар арзёбии осори адабӣ ва масъалаҳои илму ирфони гузаштаву муосир маҳаки боэътимоду раднопазир ба шумор мерафт. Аз ин ҷост, ки ӯро беҳтарин ҳаками замонаш медонистанд” [1].

Бо назардошти андешаи фавқ метавон гуфт, ки омӯзиши афкору андеша ва осори Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ҳанӯз аз замони зиндагонии худи мутафаккир оғоз гардидааст. Аввалин муҳаққиқони осори ӯ шогирдаш Мир Алишери Навоӣ маҳсуб меёбад. Ӯ, дар нисбати Ҷомӣ менависад: “Мавлоно Ҷомӣ дар фанни адабу шеър мусаллами кул буд” [2]. Ҳамчунин, тазкиранависон Соммиризо, Фахруззамонӣ, Бохарзӣ[3] ва дигарон ба мақом ва манзалати шахсият ва осори Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ маълумоти таърихию тарҷумаиҳолӣ додаанд, ки дар шинохти таълимоти мутафаккир мусоидат карда метавонанд.

---

1 Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ҷашни 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ//http://president.tj/node/7605 (санаи муроҷиат: 25.04.2020).

2 Амир Алишер Навоӣ. Хамсаи-ул-мутаҳайирин. Тарҷумаи Муҳаммади Нахҷувонӣ аз туркии чағатоӣ. Бо кӯшиши Маҳдии Фараҳонии Мунфарид. –Теҳрон: Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, 1381. -62с.

3 Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ. Мақомоти Ҷомӣ. Гӯшаҳое аз таърихи фарҳангӣ ва иҷтимоии Хуросон дар аҳди Темуриён. Муқаддима ва тасҳеҳу таълиқоти Наҷиб Моили Ҳиравӣ. –Теҳрон, 1383. -400с.; Соммиризои Сафавӣ. Туҳфаи Сомӣ. Бо тасҳеҳ ва муқобалаи Ваҳиди Дастгардӣ. –Теҳрон, 1314. -191с.; Мулло Абдунабӣ Фаррухзамонии Қазвинӣ. Тазкираи Майхона. –Теҳрон, 1340. -1104с.

Ба таври мушаххас афкор ва осори Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ таввачӯҳи муҳаққиқони соҳаи фалсафа, таърих, фарҳангшиносон, забоншиносону адабиётпажуҳон ва дигар риштаҳои илмро ҳам дар дохил ва ҳам хориҷи кишвар ба худ ҷалб намудааст. Осори таҳқиқотиро доир ба таълимот ва осори мутафаккир метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Муҳаққиқоне, ки ба осору афкори мутафаккир таваҷҷуҳ намудаву дар доираи таҳқиқотҳои умумии ба таърихи афкори маънавию адабии тоҷику форс аз Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ном бурдаву мавқеи ӯро дар ҳаёти илмиву фарҳангӣ баланд арзёбӣ намудаанд. Ба ин қатор метавон Баҳоваддинов А.М., Диноршоев М.Д., Муҳаммадхоҷаев А., Олимов К., Ҳазратқулов М., Қодиров К.Б., Комилов Р.С., Зиёзода И.Ғ., Брагинский И.С., Броун Э., Бертельс Е.Э., Корбен А., Крымский А.Е., Николсон Р., Дюрант В., Зарринкуб А., Нафисӣ С., Нуъмонӣ Ш., Пурҷаводӣ Н., Забеҳулло С.Меҳрин А.Ш., Шарифов Х., Ғафуров Б., Орифӣ М., Зоҳидов В., Рустамов Е.Р.[1] ва чанд муҳаққиқи дигарро ворид намуд.

Масалан, муҳаққиқи рус Бертельс Е.Э.[2] дар як қатор асарҳои худ шари ҳол ва осори Ҷомиро мавриди тадқиқ қарор додааст. Таҳлили умумии эҷодиёти Ҷомӣ дар «Таърихи халқи тоҷик» низ вуҷуд дорад. Эҷодиёти Ҷомӣ тавваҷӯҳи як қатор муҳаққиқонро дар матни таъсири ақоиди ӯ ба шоири классики адабиёти узбек Алишери Навоӣ низ ҷалб намудааст. Дар чунин тадқиқот масоили муносибатҳо ва равобити дӯстона ва илмии Ҷомӣ бо Навоӣ ва дигар паҳлуҳои эҷодиёти мутафаккир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Андешаҳои фалсафии Ҷомӣ мавриди омӯзиши як қатор файласуфон, аз ҷумла Баҳовуддинов А.М.[3], таҳлили муфассали фалсафаи Ҷомӣ дар монографияи М.

---

1 Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. 3-е издание. –Душанбе, 2011. -334с.; Мухаммеджоджаев А. Идеология Накшбандизма. –Душанбе: Дониш, 1991. -232с.; Ғафуров Б. Тоҷикон Ҷ. 1-2. -Душанбе: Ирфон,1983-1985; Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийская литература. –М.: Наука. -1960. -524с, Захидов В. Мир идей и образов Алишера Навои. -Ташкент 1961., Рустамов Е.Р. Узбекская поэзия в первой половине XV века. - М., 1963; Зиёзода И.Ғ. Тасаввуфи фалсафӣ (ҳастишиносӣ ва маърифати сӯфиёна), қ. 2, С. 112-155, Душанбе, 2016

2 Бертельс Е.Э. Джами, Таджикиздат 1949; Роман об Александре. -М.-Л., 1948., Навоӣ. М.- Л., 1948 ва ғайра.

3 Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. Таджик гос издат. 1961.

Раҷабов[1], таҳлили “Нафаҳоту-л-унс” дар асарҳои К. Олимзода[2], андешаҳои иҷтимоӣ-утопиявии мутафаккир дар монографияи Р. Комилов[3], андешаҳои ваҳдати вуҷудии мутафаккир дар тадқиқоти И. Зиёзода[4], андешаҳои ахлоқӣ ва педагогии ӯ дар тадқиқотҳои А. Мирзоев[5] ва М. Орифӣ[6] таҳлил шудаанд.

Омӯзиши осори Ҷомӣ дар як қатор асарҳои С.Брагинский таҳқиқ гардида, ҷаҳонбинии иҷтимоӣ-утопявии мутаффакир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.[7] Тавсифи умумии эҷодиёти мутафаккир дар асарҳои Раҳим Ҳошим[8] ва А. Насриддинов[9], афкори эстетикии мутафаккир дар мақолаи Ш. Ҳусейнзода[10], А. Сатторов[11], Курбонмамадов[12], Ҳодизода Р.,[13] ва таҳлили муфассали ҷаҳонбинӣ ва осори Ҷомӣ дар асарҳои А. Афсаҳзод[14], маҷмӯаи мақолаҳо дар бораи Ҷомӣ[15], Ниёзов П[16]. ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

Дар баробари муҳаққиқони ватанӣ осор ва таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ мавзӯи таҳқиқоти як қатор муҳақиқони хориҷӣ, аз ҷумла муҳаққиқони эронӣ - Алиасғари Ҳалабӣ[17], Аббос Меҳрин Шуштарӣ[18] Забеҳуллоҳи Сафо[19] ва дар Афғонистон ду асари Муҳаммад Исмоили Мубаллиғ[20] ба омӯзиши муқоисавии афкори Ҷомӣ ва Ибни Арабӣ бахшида шудаанд.

---

1 Раҷабов М.Р. Абдурахман Джами и таджикская философия XV века. -Душанбе, 1968.
2 Олимов К. «Нафаҳоту-л-унс»-и Ҷомӣ манбаи муҳими омӯзиши тасаввуф, -Душанбе, 2014.
3 Комилов Р. Теория утопического общество в истории персидко-таджикской культуре. -Душанбе 1997.
4; Зиёев И. Ибни Арабӣ ва Ҷомӣ, Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино. – 2016. –№ 3/2 (198). . – С. 105- 112.
5 Мирзоев А. Абдураҳмони Ҷомӣ ва проблемаҳои тарбияи фарзанд//Садои Шарқ 1964.,№ 12. С.9-28.
6 Орифӣ М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик.-Д.,1964
7 Брагинский И.С. Из истории таджикской нородной поэзии. -М.,1966; Очерки из истории таджикской литературе. Таджик издат,1956; 12 миниатюр. -М., 1966
8 Рахим Хашим. Имя, прославленное в веках. (на тадж яз). Душанбе 1964
9 Насриддинов А. Джами-поэт и великий мыслитель. -Душанбе 1964
10 Ҳусейнзода Ш. Шеър ва шоирӣ аз назари Ҷомӣ// Садои Шарқ 1965. . – С. 84-103
11 Сатторов А. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ, - Душанбе 1975.
12 Курбонмамадов Эстетические воззрения Джами, Душанбе,
13 Ҳодизода Р. Ақидаҳои адабӣ – эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ. // «Абдурраҳмони Ҷомӣ - 550». – Дущанбе, 1965. . – С. 87-104.
14 Афсаҳсод А. Таҳаввули афкори Абдураҳмони Ҷомӣ.-Душанбе 1981.; Ҷомӣ-шоир ва мутаффакир. Душанбе 1989
15 Маводи конференсияи байналмиллалӣ бахшида ба 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ “Мероси Абдурраҳмони Ҷомӣ дар илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ”, 4-5 октябри соли 2014, (бахши фалсафа),
16 Ниёзов П., Абдураҳмони Ҷомӣ ва “Саломон ва Абсол”-и ӯ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.
17 Алиасғар Ҳикмат. Ҷомӣ.-Теҳрон 1320 (1942).
18 Аббос Меҳрин Шуштарӣ. Тасаввуф чӣ буд ва чӣ бояд бишавад.-Теҳрон 1962
19 Забеҳуллоҳ Сафо. Ганҷи сухан.-Теҳрон 1340
20 Муҳаммад Исмоили Мубаллиғ. Ҷомӣ ва Ибн Ал-Арабӣ.-Кобул 1343., Нақди фалсафа аз нигоҳи Ҷомӣ.-Кобул 1343

Тавре ки баён намудем, таҳқиқотҳои анҷомдодашуда ҳамагӣ арзиши баланди илмӣ дар шинохти таълимот ва осори Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ доранд, вале дар онҳо масъалаи инсон, таҳлили андешаҳои мутафаккир доир ба табиат ва моҳияти инсон ба таври мухтасар мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, аз ин лиҳоз, таҳқиқоти анҷомдодаи мо дар ин самт иқдоми нахустин буда, кӯшиш ба харҷ додаем, то андешаҳои арзишманди мутафаккирро доир ба масъалаи инсон мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, барои тарбияи насли муосир пешниҳод намоем.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуҳои илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров дар мавзуи “Масоили иҷтимоӣ –сиёсӣ ва фарҳангии рушди устувори ҷомеаи тоҷик 2016–2020 ва 2021-2025” анҷом ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади пажуҳиши мазкур ба риштаи таҳлил кашидани андешаҳои Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ доир ба инсон ва ошкор сохтани аҳамияти онҳо барои ҷомеаи муосир мебошад.

**Вазифаҳои илмии таҳқиқ**. Ҳаллу фасли масоили зерин меҳвари пажуҳишро дар бар мегирад:

- таҳлили заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии ташаккули афкори фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ;
- омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи зиндагинома ва осори мутафаккир;
- муайян намудани асосҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ;
- мушаххас намудани назари мутафаккир оид ба табиат ва моҳияти инсон;
- ошкор намудани масъалаи ахлоқ дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ;
- таҳлил ва таҳқиқи таълимоти мутафаккир оид ба масъалаи инсони комил;
- мушаххас намудани арзиши андешаҳои мутафаккир дар замони муосир.

**Объекти таҳқиқот.** Таълимот ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ.

**Предмети таҳқиқот** масъалаи инсон, инъикоси табиат ва моҳият, ахлоқ ва камолоти маънавии инсон дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назарявии таҳқиқотро осори муҳақиқони шинохтаи таърихи фалсафа, тасаввуф, ахлоқ, антропология ва муаррихони муосири ватанию хориҷӣ ташкил медиҳад. Дар таҳқиоти диссетатсионӣ, пеш аз ҳама осори худи мутафакир ҳамчун сарчашмаи назариявӣ истифода шудаанд. Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки масъалаи мавриди таҳқиқро аз сарчашмаҳои аслӣ пайдо ва дар асоси таҳқиқотҳои анҷомшудаи соҳавӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Бо мақсади равшан шудани вижагиҳои масъалаи инсон, инъикоси табиат ва моҳият, ахлоқ ва камолоти маънавии инсон дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ дар диссертатсия аз усулҳои маъмулу санҷидашудаи таҳқиқи умумифалсафӣ; таърихӣ-муқоисавӣ, фалсафӣ-антропологӣ қоидаҳои умумии таҳлили донишҳои фалсафӣ, умумиметодологӣ ва ғайраҳо истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Бори нахуст дар адабиёти ба соҳаи таърихи фалсафа ва антропология бахшидашуда масъалаи инсон дар таълимоти Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, бори нахуст:

- инъикоси табиат ва моҳияти инсон дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ нишон дода шуд;

- масъалаҳои ахлоқ дар таълимоти мутафаккир баррасӣ гардида, муайян карда шуд, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ба ахлоқ муносибати ақлгароёна дошта, онро натиҷаи заҳмати пайвастаи инсон медонад. Ба таври мухтасар, мутафаккир ҷонибдори назарияи иктисобӣ будани ахлоқ мебошад;

- андешаҳои мутафаккир доир ба назарияи "инсони комил" таҳлил гадида, ошкор карда шуд, ки Абдураҳмони Ҷомӣ камолоти маънавии инсонро имконпазир медонад;

- арзиши андешаҳои Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ барои тарбияи насли муосир дар самти шинохти моҳият ва табиати инсон, инчунин маънии зиндагӣ ва масъулиятҳои иҷтимоию инфиродии он муайян карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пениҳодшаванда:**

1. Раванди таҳқиқот нишон медиҳад, ки бо вуҷуди анҷом додани таҳқиқотҳои зиёди илмӣ доир ба муҳити фарҳангию иҷтимоӣ ва сиёсию иҷтисодии замони зиндагонӣ ва фаъолияти илмии Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ҳанӯз ҳам масоили зиёде ҳастанд, ки ба таҳлилу баҳогузорӣ эҳтиёҷ доранд. Дар таҳқиқотҳои қаблӣ, бо назардошти идеологияи ҳукмрони давр (замони Шӯравӣ) вазъи сиёсиву фарҳангӣ ба таври ошкоро баён нашудаанд. Дар зербоби якуми диссертатсия масъалаи мазкур ҳамаҷониба баррасӣ гардида, ба таври воқеӣ баҳогузорӣ карда шуд.

2. Зиндагиномаи Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва асарҳои таҳқиқотӣ таҳлил гардида, осори мутафаккир вобаста ба хусусиятҳои мазмуниашон тасниф карда шуданд. Таҳқиқот маълум намуд, ки Ҷомӣ рисолаи махсуси фалсафӣ нанавишта бошад ҳам, вале масоили мухталифи фалсафӣ, аз қабили ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, ахлоқию эстетикӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва инсоншиносиро дар шакли назму наср ва жанрҳои адабӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

3. Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ аз ҷумлаи мутафаккиронест, ки ба фарҳангу тамаддуни бостонии тоҷику форс ва асримиёнагӣ ошноии комил дошта, нисбати ин падаидаи ҷомеа таваҷуҳи хоса дорад. Таҳлили осори мутафаккир нишон медиҳад, ки дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ахлоқию сиёсӣ ба фарҳанги пешазисломии тоҷик мурочиат намуда, ҳикояҳо ва панду андарзҳои тарбиявиро аз ҳаёти шоҳону ҳокимон ҳикоя намуда, бо ҳисси эҳтиром ба онҳо менигарад. Ҳамзамон ба фарҳанги исломӣ низ эҳтиром қоил шуда, ба ҳайси сарчашмаи назаривии фаъолияти илмии хеш истифода намудааст. Дар фаъолияти илмии мутафаккир кӯшиши ҳамоҳанг сохтани фарҳанги пешазисломӣ ва давраи исломӣ, хусусан масъалаҳои ахлоқию инсоншиносӣ ба назар мерасад.

4. Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ табиат ва моҳияти инсонро дар осори худ ба таври возеҳ инъикос намудааст. Мутафаккир табиати физиологию анатомӣ ва равонию хирадии инсонро дар достони “Саломон ва Абсол” таҳлил намуда, ҳамоҳангӣ ва тафовути онҳоро дар фаъолияти амалии инсон нишон медиҳад. Нерӯҳои моҳиятии инсонро низ ба таври муфассал матраҳ намуда, истифодаи мувофиқи онҳоро дар камолоти ахлоқию маънавии шахс асоснок менамояд.

5. Мусаллам аст, ки Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик ҳамчун мутафаккири баррасикунандаи ахлоқ шинохта шудааст. Масоили ахлоқӣ дар аксари осори ӯ таҳлил гардида, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ коркард шудаанд. Андешаи Ҷомӣ он аст, ки инсон ягона мавҷудест, ки метавонад рафтору кирдори худро танзим ва мақсаду моҳияти зиндагиро дарк намояд. Ин бартариятро мутафаккир тавассути фазилатҳои ахлоқӣ асоснок намуда, масъулияти инсонро иборат аз дарки моҳияти ахлоқ ва қувваҳои нафсонӣ иборат медонад.

4. Хулосаи андешаҳои антропологии Абдураҳмони Ҷомӣ аз он иборат аст, ки инсон олитарин мавҷуди олам мебошад. Дар фалсафаи мутафаккир инсон ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз ҷиҳати биологӣ комил аст. Назари Абдураҳмони Ҷомӣ дар нисбати “инсони комил” ирфонию теологӣ бошад ҳам, вале бебунёд нестанд. Мутафаккир дараҷаи камолоти инсониро аз пайдоиши инсон ва шинохти моҳияти вай оғоз намуда, вазифаи сохторию функсионалии руҳ, моҳияти зеҳнии инсон, асосҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, қобилияти эҷодӣ ва роҳҳои худтакмилдиҳиро асоснок кардааст. Ба андешаи Ҷомӣ консепсияи “инсони комил” нуқтаи баландтарини антропологияро ташкил медиҳад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Рисолаи илмӣ метавонад манбаи муҳими назариявӣ зимни анҷом додани таҳқиқотҳои илмӣ дар самти таърихи фалсафаи тоҷик, андешаҳои ахлоқию иҷтимоӣ ва ташаккули фарҳанги миллӣ истифода шавад. Коркардҳо ва хулосаҳои назариявии пешниҳодшуда дар диссертатсия баҳри шинохти табиат ва моҳияти инсон ва дараҷаҳои камолоти он низ дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои коркарди курсҳои махсуси таълимӣ аз фанҳои фалсафӣ метавонанд маводи лозима ва ёрирасонро пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, аз натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавон дар корҳои тарғиботию ташвиқотӣ доир ба беҳдошти фарҳанги миллӣ, худшиносии миллӣ ва тарбиявию ахлоқӣ истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти** диссертатсионӣ аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ иборат мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарявӣ ва таҷрибавию амалӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсионии «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби унвони илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ–таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар баррасии бевоситаи андешаҳои антропологӣ дар таълимоти фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад, ки то имрӯз мавриди омӯзиш қарор нагирифта буд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Диссертатсия дар маҷлиси муштараки кафедраҳои фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии хешро дар раванди таълим пайдо намудаанд. Ҳолатҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф инъикос

ёфтаанд. Қисматҳои алоҳидаи диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявю байналмилалӣ ва семинарҳо, аз ҷумла: конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Нақши фалсафа дар раванди ҷаҳонишавӣ: мушкилот ва дурнамо Вазъи иҷтимоӣ сиёсии замони Абдураҳмони Ҷомӣ дар тадқиқотҳои олимони рус. (15 марти соли 2022, Душанбе); конференсияи илмӣ– назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20 – солагии факултети фалсафаи ДМТ, (27–уми октябри соли 2021, Душанбе), конференсияи илмӣ– назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «От Низами до Навои: Времен связующая нить», Отражение эпохи Джами и Навои в книге "Таджики" Б.Гафурова. ( Москва,2022), Тасвири низоъ ва таҳаммулпазирӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ // М. Ҷӯраев. Маводҳои конфронсияи байналхалқӣ. –Ҷиззах, 7.05.2022. ва ғайра дар шакли маърӯзаҳо баён гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи натиҷаҳои мавзуи диссертатсия**. Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар 4 мақолаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида, пешниҳод гардидааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, ки дар бар гирандаи шаш зербоб аст, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 168 саҳифаи матни компютерӣ ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ИҶТИМОӢ-СИЁСИИ ТАШАККУЛИ АФКОРИ ФАЛСАФИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

## I.1. Вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии замони Абдураҳмони Ҷомӣ

Мусаллам аст, ки дар ташаккули афкору андеша ва ҷаҳонбинии ҳар як мутафаккир ба ин ё он ваҷҳ муҳити иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии замони зиндагониаш таъсир мерасонад. Ин таъсирот метавонад ҳам хусусияти мусбат ва ҳам манфӣ дошта бошад. Ба андешаи М.Раҷабов "Ҳар як мутафаккир ҳар чӣ гуна истеъдод, ки надошта бошад, фарзанди асри хеш ва парвардаи он аст" [1]. Дар мавриди замони зиндагӣ, фаъолияти эҷодӣ ва шаклгирии ҷаҳонбинии Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ низ метавон таъсири муҳити иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангиро бараъло мушоҳида намуд.

Тавре аз осори таърихӣ ва сарчашмаҳои илмию адабӣ бармеояд, замони зингиву эҷоди Абдураҳмони Ҷомӣ бо давраи ҳукумати Темуриён, алалхусус, Шоҳрух (солҳои 1405-1447), Абӯсаид (солҳои 1451-1469) ва Султон Ҳусайни Бойқаро (солҳои 1469-1506) рост меояд. Ин замон нисбат ба давраи ҳукмронии худи Темур барои фаъолияти олимону донишмандон мувофиқтар буд, зеро Шоҳрух на ба кӯчманчиёни турку муғул, балки ба мардуми таҳҷоӣ ва аҳли фарҳанг таваҷҷӯҳи бештар мекард. Ҳамин аст, ки бештари тазкиранависону таърихнигорон асри XV-ро асри илму фарҳанг ва худи Шоҳрухро ҳокими закӣ ва адолатпарвари мусалмон ба қалам додаанд. Дар ҳақиқат, Шоҳрух як тарзи давлатдориеро пеша карда буд, ки дар миёни ҳукуматдорони темурӣ фарқ мекард. Фарқияти он на аз лиҳози ҳарбию сиёсӣ, балки фарҳангию иҷтимоӣ буд. Ӯ "қобилиятҳои давлатдории эътидолиро азхуд намуда буд"[2], ва онҳоро дар фаъолияти сиёсиву идоракунии хеш самаранок истифода мекард.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки манзур аз таҳлили фаъолияти сиёсии Шоҳрух тарзи давлатдории идеалӣ набуда, танҳо тафовути ӯро аз дигар роҳбарони давлатдории Темуриён муайян месозад. Аз ҷониби дигар, Шоҳрух низ меросбари ҳамон давлати Чағатой (солҳои 1277-1370) мебошад, ки дар

1 Раджабов, М. Абдурахман Джами и таджикская философия XV века. – Душанбе: Ирфон, 1968. . – С. .36.
2 Раджабов, М. Абдурахман Джами и таджикская философия XV века. – Душанбе: Ирфон, 1968.- С. 37.

ниҳоят “пароканда шуда, ба давлатҳои хурд мубаддал ва марказаш ба Қаршӣ кӯчонида шуд. Идоракунии хонҳои Қазон (солҳои 1343-1346) ба охир расида, давлати Темуриён ба вуҷуд омад».[1]

Бисёре аз муаррихон шахсияти Темур ва қудрати сарварии ӯро асотирӣ баён намуда, бар он боваранд, ки Темуриён дар натиҷаи ҷангҳои тӯлонӣ ва хунин қудратро ба даст овард ва дар ин музаффарият ҳаракати ҷамъиятию сиёсии «сарбадорон» ба онҳо ёрии калон расонид. Муаллифони китоби «Таърихи фалсафаи тоҷик» таъкид менамоянд, ки “Муборизаҳои давлати Эрон якуним аср давом кардааст. Империяи Муғулистон ба давлатҳои хурд, ки миёни онҳо зуд-зуд ҷангҳои харобиовар рӯх медод, пароканда шуд. Ҳаракати зиддимуғулии “Сарбадорҳо” давлати Сабзавори Эронро барпо намуданд, ки 45 сол арзи вучуд дошт”[2].

Хондамир, Низомиддини Шомӣ, Шарафиддин Алии Яздӣ ва чанд тазкиранавису таърихнависи дигари асримиёнагӣ муътақид бар онанд, ки сарбадорон дар тамоми Хуросону Мовароуннаҳр, бахусус Самарқанд, ки маркази сиёсии минтақа ба шумор мерафт тарафдорони зиёде доштанд. Ба шарофати роҳбарии босалоҳияти шӯришчиён ва амалиёти муташаккили онҳо баъди чанде муқовимат ҳокимият дар Самарқанд ва атрофи он ба дасти сарбадорон расид. Дар натиҷаи ин мубориза Хоҷа Илёс, ки ба муғулҳо сарварӣ мекард ба мағлубияти комил дучор гардид. Яке аз сабабҳои асосии мағлубияти ӯ дар он буд, ки манфиатҳои моддии шахсӣ бар манфиатҳои ҷамъиятию давлатӣ ва миллӣ бартарӣ пайдо карда буданд. Дар ин вақт, Темур ва амир Ҳусайн, бо иттилое, ки аз Хоҷа Илёс – ҳокими Муғулистон гирифта буданд, дар боғҳои Балх ва атрофи Омӯ интизори лаҳзае буданд, ки дар Самарқанд хокимиятро ба дасти худ гиранд. Бо даъват ва ташаббуси ашрофони самарқандӣ шаҳрро маккорона истисмор намуда, ба ёрии онҳо рӯзи дигар сарбадаронро доварӣ карда, ба дор овехтанд.

---

1 Муҳаммадхоҷаев, А. Идеологияи нақшбандия. – Душанбе: Дониш, 1991. . – С. .11.
2 Ниг.: Муҳаммадхоҷаев, А., Ҷонбобоев, С. Муқаддима // Таърихи фалсафаи тоҷик (аз замонҳои қадим то асри 15). Дар се чилд. - Душанбе: Дониш, 2013. . – С. .59

Аз ин маълум мегардад, ки дар майдони сиёсии Мовароуннаҳр ҳудуди асри XV Темур, писари Псарагай яке аз намояндагони бонуфузи қабилаи муғулони Барлос буд, ки дар ибтидои асри XIV дар водии Қашқадарё маскан гирифта буд[1], ҳукмронӣ мекард. Тибқи малумоти таҳқиқоти таърихӣ, Мовароуннаҳр ва Хуросон дар давраи ҳукмронии Темуриён (1370-1500) душвортарин давраи зиддиятнок дар таърихи давлатдории ин минтақа дониста мешавад. Аз соли 1360 Темур ба мубориазаи зидди қабилаҳои дигар ворид шуда, дар атрофи худ «қабилаи Барлос»-ро муттаҳид намуд, ки соли 1364 бо кӯмаки амир Ҳусайн Мовароуннаҳрро аз хони Муғулистон забт намуда, ҳокими Шаҳрисабз ва Қаршӣ таъин шуд".[2] Пас аз ин табаддулоти сиёсии «бомуваффақият» барои Темур фаъолиятҳои густурдаи ӯ дар саросари Осиё, Шарқи Наздик, Миёна ва Ҳиндустон оғоз ёфт. Дар натиҷа, вай империяи азимеро ба вуҷуд овард, ки он «Мовароуннаҳр, Хоразм, минтақаҳои дарёи Хазар, Эрон, як қисми Ҳиндустон, Ироқ, қисман Қафқози Ҷанубӣ ва кишварҳои Осиёи Ғарбӣ»[3] -ро дар бар мегирифт.

Ҷангу хунрезиҳо ва низоъҳои феодалӣ дар замони Темур боиси бад шудани вазъи иҷтимоию фарҳангии ҷомеа гардид. Шиканҷаву озори мардум ва бераҳмиҳои Темур нисбат ба заону кӯдакон, нобуд кардани занон, кӯдакон ва мардон аз фаъолиятҳои харобиоварӣ Темур мебошанд, ки онро муҳаққиқон бо далелҳои муътамад исбот кардаанд. Ҳатто, ба таври фоҷеавӣ дар Эрон, Ҳиндустон ва манотиқи дигар одамонро бераҳмона қатл ва аз сари онҳо калламанора сохтани ӯ низ дар бисёре аз осори таърихӣ зикр мешавад. Хулоса, замони ҳукуматдории Темур муҳити иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр барои ташаккули ҳеҷ илм ва андешаи озод созгор набуд.

Пас аз марги Темур дар соли 1405 империяи таъсисдодааш пош хӯрда, Шоҳрух (1405-1447) Самарқандро мутеъ карда, писараш Мирзо Улуғбекро

---

1 Ниг.: В. В. Бартольд. Улуғбек ва замони ӯ // Асарҳо - М., 1964. ҷилди 2. Қисми 2. - С.25-27; Якубовский А. Ю. Хусусиятҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Алишер Навоӣ // Алишер Навоӣ: - М .: - Л, 1946. - С.5-30; Таърихи халки точик. - Л., 1964. чилди II. Китоби 1. . – С. 289-363; Ғафуров Б.Г. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асримиёнагӣ.–М., 1972.- С.476-518 ва ғайра

2 Хушқадамов Д.Таълимоти ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ.-Душанбе: Адиб, 2003.-С.8.

3 Ниг.: Б. Ғафуров. Тоҷикон. –Душанбе: Ирфон, 1989. Китоби 2. . – С. 219.

ҳокими ин вилоят таъйин намуд. Дар зери роҳбарии Шоҳрух ду давлат ташкил ёфт: Хиротеи Улуғбек ва Самарқанд.[1]

Хондамир дар «Ҳабиб-ус-сияр» менависад, ки "Хуросон, Балх, Бадахшон, Мовароуннаҳр, Туркистон, Зобулистон, Сиистон, Ҷурҷон, Мозандарон, Ироқ, Форси Озарбойҷон дар ихтиёри Шоҳрух буданд. Ҳарчанд Шоҳрух сарвари давлати ягонаи Темуриён маҳсуб мешуд, аммо дар асл он, чунон ки зикр кардем, аз ду давлат иборат буд: яке – Ҳирот пойтахти Хуросон, дигаре – Самарқанд"[2].

Тавре зикр намудем, дар нисбати давлатдории Темур, замони ҳукмронии Шоҳрух ва Султон Ҳусайн барои пешрафти илму маърифат шароити мусоидтар фароҳам оварданд. Дар ин давра болоравии ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ то андозае ба рушди фарҳанг ва илм мусоидат кард. Шаҳри Ҳирот маркази фарҳанг ва фаъолияти илмӣ эълон гардид. Дар ҳамин шаҳр олимон, шоирон, рассомон ва навозандагони барҷастаи Шарқ, ба мисли Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ, "Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Алишери Навоӣ, Умари Тафтазонӣ, Камолуддини Биноӣ, Бадруддини Ҳилолӣ, Камолуддини Беҳзод, Шоҳқулӣ, Хондамир, Ҳофиз Абрӯи Исфисорӣ ва дигарон фаъолият доштанд".[3]

Дар Ҳирот, на танҳо барои рушди илм, фалсафа, таърих, адабиёт, балки барои ташаккули сохтмон, меъморӣ, наққошии муҷассамасозӣ ва ғайра шароити нисбатан хуб ба вуҷуд омад. Бо сарпарастӣ ва пуштибонии Шоҳрух муаррихони он замон, аз қабили Низомаддини Шомӣ, Шарафаддин Алии Яздӣ, Абдурраззоқи Самарқандӣ, Ҳофизи Абрӯ ва дигарон баҳравар буданд.[4] Аммо, ҳамоно вазъи сиёсии ҷомеа барои ташаккули муназзами илму фарҳанг созгор набуд. Дар моҳҳои сентябр ва октябри соли 1449 писари Улуғбек Абдулатиф падарашро кушта, соҳиби тахт мешавад. Ҳамин тавр, дар натиҷаи

1 Ҳамон ҷо. - С.222.

2 Ниг.: Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр. -Теҳрон, 1336. . – С. .46.

3 Ниг.: Хушқадамов Д. Таълимоти ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ.-С.9.

4 Ниг.: Раҷабов М. Абдураҳмони Ҷомӣ ва фалсафаи тоҷики асри 15.-С.49.

фитнаҳои дохилӣ Абдулатиф аз тарафи Абдулло ибни Иброҳими Султон ва ӯ аз ҷониби Абӯсаид ном ҳокими навбатӣ кушта шуданд.[1]

Таърих Абӯсаидро ҳамчун ҳокими бераҳм қаламдод менамояд, ки ӯ ба илму маърифат ва  озодандешии донишмандон имконият намедод. Ӯ, пас аз забт кардани Хуросон, Самарқандро аз Ҳирот авлотар дониста, онро пойтахти худ эълон кард. Бартольд В.В. бар он назар аст, ки «охири моҳи январи соли 1462 дар Ҳирот андозситонони шоҳ Хоҷа Муиззуддин ва саррофи (динорсанҷ) – Шайх Аҳмадро ба ришвахорӣ ва тамаъкорӣ муттаҳам кардааст”.[2]

Баъди марги Абусаид вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ором нашуда, мубориза барои ба сари тахт омадан байни ворисонаш авҷи тоза гирифт. Аввал ҳокимият ба дасти писараш Султон Аҳмад (1469-1494) ва баъд аз марги ӯ соли 1494 ба Мирзо Султон Маҳмуд гузашт. Пас аз як сол, соли 1495 охирин писараш Султон Алии Мирзо ҳокими Хуросон шуд, ки муддати дароз ҳокимиятро нигоҳ надошта дар охири соли 1500 ба Муҳаммад Шайбонихон таслим намуд. Муҳаммад Шайбонихон сабаби пайдоиши сулолаи Шайбониён гардид.

Новобаста аз ғасбу хунрезиҳо ва шӯришу тороҷҳо бархе аз муҳаққиқон давраи хукмронии Темуриёнро «марҳилаи дуюми эҳёи Осиёи Марказӣ»[3] меноманд, ки аз дидгоҳи илмӣ он қадар саҳеҳ нест. Эҳёи кадом дастовардҳо? Кадом фарҳанг? Кадом анъанаҳо? Ба ҳамагон маълум аст, ки дар Аврупо «Эҳё», (дар асри XVII) як марҳилаи таҳаввули илму фарҳанг, эҳёи дастовардҳои арзишманди даврони гузашта, дар асрҳои IX-XI “Эҳёи Аҷам”, ки фарҳангу маънавиёти ориёиро зинда кард, вале “марҳилаи дуюми эҳё”, ба андешаи мо он қадар хусусияти илмӣ ва фактологӣ надорад.

Адам Метс – муҳаққиқи фарҳанги Шарқ дар асари худ «Эҳёи мусалмонӣ» ба таври густурда доир ба дастовардҳои мардумони Шарқи исломӣ андешаронӣ намуда, нисбати давраи салтанати Аббосиён, “эҳё”-и

---

1 Ниг.: Чехович, О. Д. Аз маъхазҳои таърихи Самарқанд дар асри XV. Аз таърихи даврони Улуғбек.- Тошкант, 1965-С.306.

2 Бартолд, В.В. Трактаты. – М, 1964.2. - Ч.2. . – С. .170-171

3Ниг: Дастури методӣ аз фанни «Фарҳангшиносӣ» барои донишҷӯён. //http://uz/ denemetr/com/ olocs/768/index-282541-1. html? paq=8; Таърихи Узбекистон. – Тошкант, 2002.

фарҳанги эронӣ – сосонӣ ва монанди инҳо маълумот додааст, вале доир ба хизматҳои Темур ва эҳёи арзишҳои фарҳангӣ чизе намегӯяд.

Темур барои мустаҳкам намудани қудрати худ дар ташкили як навъ қабила ва давлати истибдодӣ, аҳли илму санъатро аз Байнаннаҳрайн, Сурия, Эрон, Ҳиндустон ва мамолики дигар ба Мовароуннаҳр бурда, тавассути нерӯи зеҳнии онҳо хост давлати худро муқтадир гардонад. Бо истифода аз ин нерӯ ва меҳнати ғуломон, косибон, олимон ва рассомон ҳудуди Самарқандро васеъ намуда, барои шаъну шуҳрат ва абадӣ мондани номаш дар ин ҷо ба сохтмони баъзе биноҳо, қасрҳо, анборҳо шуруъ намуд.

Ба ин муносибат Е.Э.Бертельс навиштааст, ки қароргоҳи Темур «бо деворҳои шаҳр ва хандақҳои чуқур иҳота карда шудааст. Дар қисмати ҷанубӣ қалъае сохта шуд, ки дар он қасри Темур воқеъ гардида буд ва барои ӯ ҳамчун анбори сарватҳои (ғоратнамудааш – М.Ҷ.) хизмат мекард. Дар беруни шаҳр, дар байни боғҳои азим, боз як қатор коххо низ сохта шуданд. Дар атрофи Самарқанд деҳаҳо низ пайдо шуданд, ки ба онҳо номҳои шаҳрҳои машҳурро номгузорӣ крда буданд: Бағдод, Димишқ, Қоҳира, Султон, Шероз ва ғайра. Бунёдкориҳои Темур, на ба хотири пешрафти ҷомеа ва фарҳангу маънавиёт, балки характери намоишкорона дошта, “мехост, ки пойтахтҳои дигар мамлакатҳои Шарқ дар қиёс бо ин пойтахт дар намуди деҳа бошанд”.[1]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки худи Темур дар андешаи бунёди давлати миллӣ, ки асоси онро илму маърифат ва сармояи зеҳнӣ ташкил диҳад набуда, балки созмон додани империяи авторитарӣ, ки шакли зоҳирии он фарққунанда бошад, идеали аслии ӯ будааст. Тарзи муносибат ба мардум, мавқеи инсон дар ҷомеа ва муносибату муомила ҳанӯз хусусияти консервативии динӣ дошта, ҳеҷ гуна таҷдиду дигаргуниҳо ба амал наомад. Қишри болоии ҷомеа дар мавриди қадру манзалати инсон, моҳияту хусусиятҳои он, қобилият ва тавони зеҳнӣ, инчунин қудрати офаридгории инсон умуман таваҷҷуҳ зоҳир намекарданд. Темур мавқеъгирӣ карда, мехост, ки худро ҳокими Шарқу Ғарб

1 Бертелс, Э. Е. Навоӣ ва Ҷомӣ // Асарҳои мунтахаб.-.М., 1965.В.4-С.22.

нишон бидиҳад. Ҳамин тавр, кишварро тобеи худ దониста, худро дар маркази олам қарор медод. Истиморгарии ин ҳоким дар зӯроварӣ ва таъқиботи бераҳмона, марги беасос ва хунрезӣ, зоҳир мешуд.

Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, фарҳанги замони Темуриён тазодҳои хусусияти эстетикӣ, ахлоқӣ, динию ирфонӣ ва иҷтимоӣ-сиёсиро инъикос мекард. Ҳамаи ин ба «таркиш»-и фарҳангӣ ва муқовимати зиддидавлатии халқҳои ғайритурк сабаб шуда метавонист. Мисоли равшани гуфтаҳои боло интиқом алайҳи бузургтарин шоир ва мутафаккири тоҷик Бадриддини Ҳилолӣ мебошад. Ин тарзи муносибат ба бахшҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиву сиёсии ин даврон таъсири манфӣ расонида, эҷодиёти бадеӣ, шеър, фалсафаву ирфон хусусияти мистикию динӣ касб мекард. Ба маънии дигар, тафаккури динию ғайриилмӣ дар сари намояндагони илму фарҳанг ва фалсафаи тоҷику форс ҳукмрон гардида буд. Шахсиятҳои эҷодкор, мутафаккирон, аҳли илму маърифат имконияти озодона андешаронӣ карданро надоштанд. Сохтори давлатию сиёсӣ ва ҳаёти фарҳангии замони Темуриён аз энергияи манфӣ пур шуда буд, ки ба асолати мазмуни арзишӣ-маънавӣ таъсири худро мерасонд. Нерӯи ҷаҳонии қудрати Темуриён як навъ энергияи марг, беморӣ, харобшавӣ буд. Дар чунин шароит, эҷод намудани таълимоти арзишманд кори саҳлу осон набуд, вале бархе аз мутафаккирони тоҷиктабор тавонистанд, ки асарҳои мондагор ва афкори арзишманди илмиро эҷод намоянд.

Маҳз, заҳмати ин гуна донишмандон боис гардид, ки пас аз даргузашти Темур ва ба сари ҳокимият омадани Улуғбек вазъи фарҳангию маънавӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ то андозае тағйири шакл намояд. Улуғбек нисбат ба Темур шахсияти равшанфикр ва фарҳангӣ шинохта мешавад. Ӯ, дар такя ба аҳли илму фарҳанг равиши идораи ҷомеаро тағйир дода, ба бунёдкорию созандагӣ машғул мегардад. Дар шаҳрҳои калонтар ва марказҳои маъмурӣ – Самарқанд, Ҳирот, Шаҳрисабз ва як қатор шаҳрҳои дигар сохтмони фаъолонаи биноҳои гуногуни маданӣ-маишӣ ва илмию таҳқиқотиро оғоз менамояд. Ба андешаи муҳаққиқон «Биноҳои динӣ - масҷидҳо, хонақоҳҳо, мазорҳо ва ғайра сохта шуданд. Олимони машҳур дар пойтахтҳо ҷамъ омада, илмҳои адабиёт, тиб,

санъат, мусиқӣ ба вуҷуд омаданд. Мактаби риёзии Самарқанд ва расадхонаҳое, ки дар он олимони маъруфи он замон: Ғиёсиддини Ҷамшед, Алии Қушчӣ, Қозизодаву Румӣ ва дигарон фаъолият мекарданд, шуҳрат пайдо карданд».[1]

Дар ин давра, дар баробари илмҳои динӣ, аз қабили илоҳиёт, тафсири Куръон, фиқҳ, асосҳои назариявию амалии тасаввуф, илмҳои дунявӣ, аз қабили риёзиёт, кимиё, астрономия, мусиқишиносӣ, фалсафа ва ахлоқ низ инкишоф ёфтанд. Муҳаққиқи тоҷик Н.М. Сайфуллоев дуруст қайд менамояд, ки "Замони зиндагӣ ва машғул бо фаъолияти эҷодии Ҷомиро метавон ҳамчун давраи инкишофи илм, бахусус риёзӣ ва табиатшиносӣ тавсиф кард, ки аз он гувоҳӣ медиҳад. Мероси илмии Улуғбек, Қозизодаи Румӣ, Ғиёсуддини Кошӣ, Алӣ Қушчӣ, Мирим Челебӣ, Абдулқодири Руёнӣ, Баҳоваддини Омулӣ, Ҳусайни Бардаҷонӣ, Наҷмуддини Алахонӣ, Ибни Насиба, Фаридаи Деҳлавӣ ва дигарон хело ғанӣ аст, рушди илми табиатшиносии ин давра ба таври ҳаққонӣ ба онҳо тааллуқ дорад".[2]

Алии Кушчӣ на танҳо дар соҳаи риёзиёт ва астрономия олими машҳур буд. Ӯ ҳамчунин бо масъалаҳои фалсафа ва мантиқ низ машғул буд. Ӯ ба китоби Насириддини Тусӣ – «Тафсирҳо дар бораи абстраксияи Хоҷа» ва китоби Тафтозонӣ – «Шарҳи калиди улуми Тафтозонӣ» тафсирҳо навиштааст. Рисолаҳое дар бораи фард, дар бораи ваҳдоният, мантиқ ва ғайра низ ба қалами ӯ тааллуқ доранд, ки ҳамагӣ арзиши баланди илмиро соҳиб ҳастанд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки дар давраи ҳукмронии Улуғбек идомаи афкори фалсафии асрҳои гузашта мушоҳида мешавад. Машҳуртарин намояндагони он Ҷалолиддини Давонӣ, Алии Кушчӣ, Амир Садриддин Муҳаммади Шерозӣ, Ҳусайни Воиз Кошифӣ, Ғиёсуддини Мансури Шерозӣ, Мир Ҳусайн Муҳсиниддин Майбурдӣ буданд, ки мероси бойи фалсафӣ аз худ боқӣ гузоштанд.

1 Ниг.: Муҳаммадхоҷаев А. Идеологияи нақшбандия. Душанбе, 1996. . – С. .15.
2 Ниг.: Сайфуллоев Н. М. Илм дар даврони Абдураҳмон Ҷомӣ // Маводҳои конфронси байналмилалӣ бахшида ба 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ. . – С. 59.

Андешаҳои фалсафӣ ва ахлоқии ин мутафаккирон намунаи равшани густариши ҷустуҷӯҳои маънавӣ дар замони Абдураҳмони Ҷомӣ мебошанд. Акнун, як навъ ҷаҳиши фарҳангӣ ва ё идомаи афкори хусусияти ақлгароидошта дар ин давра эҳсос мегардад. Андешаҳои мутафаккирони мактаби машшоия, калом, ирфон, ишроқ ва дигарон ҷонибдорони худро пайдо намуда, дар қолаби шеър ва ё шаклҳои дигари санъатҳои бадеӣ инъикоси худро пайдо мекарданд. Маълум аст, ки «ақидаҳои фалсафӣ ҳамчун ҷавҳари замони худ» (К. Маркс), ки дар ин ё он давраи таърих хукмронӣ мекунанд ва «Схемаҳои консептуалӣ» (В. В. Квин) набояд дар матнҳо ва рисолаҳои мантиқӣ баён шаванд, онҳо дар шеъру наср ва меъморию мусиқӣ дар солномаҳои таърихӣ ба дараҷаҳои гуногун ифода ёфтаанд. Ба ибораи дигар, онҳо дар шаклу категорияҳои умумибашарии маданияти давру замон зоҳир мешаванд».[1]

Тавре болотар қайд намудем, вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии замони Абдураҳмони Ҷомӣ, ки ба даврони ҳукмронии Улуғбек рост меояд, барои ташаккули илму фарҳанг нисбатан мувофиқтар буда, бо вуҷуди ҳукмронии сартосарии дин ва фарҳанги динмеҳварӣ, то андозае хусусияти илмию ақлгароӣ низ касб намуда буд. Акнун масоили иҷтимоию сиёсӣ ва ахлоқию эстетикӣ дар асарҳои мутафаккирон мақом пайдо намудаву ба ин ё он тариқ ифода карда мешуданд. Тавре ки муҳаққиқи рус А.А.Игнатенко қайд мекунад: «Муҳтавои асарҳои мутафаккирони ин давра як силсила мавзуҳоеро фаро мегиранд, ки ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии асримиёнагӣ марбутанд. Дар тартиби тавсияшуда тартиби рӯзи хоҷа, дарсҳои ӯ дар давраҳо - ҳафтанома, моҳнома, солнома, хислатҳои идеалии ахлоқию зеҳнӣ, муносибати ҳоким бо мардум таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. «Одамони оддӣ», иттифоқчиён, мухолифон ба масъалаҳои одоб, сиёсати иқтисодию молиявӣ,

1 Муҳаммадхоҷаев А., Ҷонбобоев С. Муқаддима. Таърихи фалсафаи тоҷик. . – С. 46-47.

ташкили корҳои маъмурӣ, ҷанг, муносибат бо халқҳои забтшуда, найрангҳои сиёсӣ ва найрангҳои гуногун амиқ дахл карда мешаванд».[1]

Агар андешаи Игнатенко А.А.-ро мавриди таҳлил қарор диҳем, дурустии онро метавон дар он исбот намуд, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ва ҳамзамони ӯ, новобаста аз муҳити динмеҳварии асримиёнагӣ “ба масъалаҳои ахлоқӣ, ки ба ташаккули идеали сермиллати инсони комил алоқамананд, аҳамияти калон медоданд. Қариб ҳамаи онҳо дар баробари проблемаҳои ахлоқ ба мисли хоксорӣ, сабру тоқат, меҳру шафқат, фурӯ нишондани хостаҳои «зиёдатӣ»-и ақлу иродаи инсон, инчунин, ба масъалаҳои ратсионализм, ақидаҳои характери оқилонадошта низ диққати калон медоданд. Муаллифони мазкур аз ақидаҳои дар ҷамъият мавҷудбуда оиди ашрофони асил ва табиатан ашроф будани шахс норозӣ буданд. Онҳо барои бунёди этикаи ветикӣ саъй карда, асосан ба проблемаҳои ҳастии заминии инсон таваҷҷуҳ мекарданд. Ҳангоми баёни ақидаҳои ахлоқии худ ба мероси бойи тоҷику форс, Ҳинду Хитой ва юнониҳои қадим такя намуда, анъанаҳои асримиёнагии фалсафаи ахлоқ ва масоили дигари марбут ба ҳаёти инсониро тақвият доанд”. [2]

Воқеан, дар замони Абдураҳмони Ҷомӣ осори зиёди илмию адабӣ, ки дар онҳо масоили мухталифи ахлоқию иҷтимоӣ баррасӣ гардидаанд, рӯйи кор омаданд. Яке аз чунин донишмандон Ҳусайн Воиз Кошифӣ мебошад, ки таълимоти ахлоқии гаронарзишеро эҷод ва пешкаши аҳли ҷомеа гаронид. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар замони султонии Темуриён Ҳусайн ибни Мансур ибни Пайкар (1469-1506), ки тавонист дар Ҳирот қудрати қавӣ барқарор карда, онро чил сол нигоҳ дорад ва барои ташаккули фарҳангу маънавиёт талош мекард, зиндагӣ ва эҷод намудааст. Аз зумраи хизматҳои бузурги ӯ табдил додани шаҳри Ҳирот ба маркази бузурги фарҳангӣ ва илмӣ мебошад. Ба ин шаҳр тақрибан аз ҳамаи минтақаҳои Шарқи мусулмонӣ олимон, шоирон, ходимони фарҳанг ва санъат омада буданд. Ҳамин буд, ки дар доираи олимони

---

1 Игнатенко А. А. «Таълимоти асримиёнагӣ ба ҳокимон» ва проблемаи қудрат // Ақидаҳои иҷтимоию сиёсии ислом: Таърих ва муосир. - М.: Наука, 1987. . – С. 22.
2 Ҳамон ҷо. . – С. 32-33.

Ҳирот Ҳусайн Воизи Кошифиро эҳтироми самимӣ мекарданд. Аз ҷумла, Алишер Навоӣ (1331-1501) бо Кошифӣ муносибати меҳрубонона дошт. Дар ин ҷо “Кошифӣ такмили таҳсилотро давом дода, дар баҳсҳо ақидаашро сайқал медод ва таҷрибаи мусанрониашро бой мегардонд”.[1]

Осори Кошифӣ тараннумгари манфиатҳои миллию давлатӣ, сарватҳои маданияти моддию маънавӣ, ки бо ҷидду ҷаҳди якҷояи ҳамаи одамон ба вуҷуд омада буданд, маҳсуб меёбад. Тибқи муҳтавои осори ин мутафаккир, инсон мавҷуди бузургтарини олам ва эҷодгари кулли дигаргуниҳои он буда, тавассути меҳнат, қобилияти эҷодкорӣ ва сифатҳои дигари фитрии худ ҷомеаро ташаккул ва онро ба нафъи ҳар як аъзои ҷамъият идора менамояд.

Муҳаққиқи тоҷик Хушқадамов Д. таълимоти ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифиро мавриди баррасӣ қарор дода, зикр менамояд, ки «Кошифӣ ҳамчун воиз ва ахлоқшинос комилан дарк кардааст, ки мардум ба панду насиҳатҳои ахлоқии ҳакимон чандон гӯш фаро намедиҳад. Аз ин рӯ, ӯ тавассути «Анвори суҳайлӣ», бо истифода аз санъатҳои бадеӣ дар симои ҳайвоноти бегуноҳ, ҳарфашро ба даҳони ҳайвоноти ваҳшӣ ва хонагӣ: шер, гов, маймун, зоғ, сангпушт, гурба, муш, мурғ, шағол андохта, ба ҳаёти боғайратона даъват кардааст. Зеро, хирадмандӣ, хулқу одоб, чусту чолокӣ, гуфтор ва ғайра ба ҳайвонҳо хос нест. Ва, агар ин ҳама хосиятҳоро дар ҳайвонот нишон диҳанд, мутолиакунанда дар ҳайрат мемонад ва таълимотро аз даҳони махлуқоти безабон дарк мекунад. Баъзеҳо чунин фикр мекунанд: агар ҳайвонот чунин рафтори шоёни таҳсин ва ахлоқи баланд дошта бошанд, пас ин тавр рафтор кардан ба одам мувофиқтар аст”.[2]

Албатта, эҷоди чунин асарҳо дар замони зиндагии Абдураҳмони Ҷомӣ айни муддао буд, зеро ҳукуматдорону сарварони сиёсӣ андешаи рӯиростро қабул накарда, ҳатто хавфи ба худи мутафаккир расидани зарар низ вуҷуд дошт. Аз ҳамин хотир, масоили марбут ба табиату моҳияти инсон ва

1 Хушқадамов Д. Таълимоти ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ.- С. 31.
2 Ҳамон ҷо.- С.59.

фаъолиятҳои ҷамъиятии ӯ дар доираи рамзу иҳом ва ташбеҳу истиора баён карда мешуданд.

Дар муҳити фарҳангии асрҳои XV-XVI андешаҳои хусусияти сирф фалсафӣ ва ақлгароидошта низ вуҷуд доштанд. Ҷалолиддини Давонӣ (1427-1503) аз он мутафаккироне маҳсуб мешавад, ки таълимоти мактаби машшоияи шарқиро тақвият бахшида, дар рушду инкишофи таълимотҳои инсоншиносию ахлоқӣ саҳми барҷаста гузоштааст. Ин мутафаккир муаллифи як қатор асарҳо буда, таълимоти меҳрпарастӣ, зардуштӣ, фалсафаи ҳиндиву чинӣ, ахлоқи арастуии шарқӣ ва категорияҳои ахлоқии мактаби фалсафии суқротӣ ва ғайраро таҳлил намудаву андешаҳои арзишманди илмӣ баён доштааст, дониста мешавад. Асари маъруфи иншонамудаи мутафаккир «Ахлоқи Ҷалолӣ»[1] мебошад, ки дар он Давонӣ доир ба фитрати инсон, тағйирпазирии ахлоқ ва ташаккул ёфтани шахсияти инсон, инчунин доир ба нерӯҳои моҳиятии инсон маълумоти муфассал додааст.

Бояд тазаккур дод, ки Давонӣ бар хилофи Ҳусайни Воизи Кошифӣ дар доираи «таълимоти ҷанобон» ва ахлоқи иҷтимоию сиёсӣ маҳдуд набудааст. Ӯ, масъалаҳои ахлоқро ва категорияҳои онро бо дидгоҳи фалсафӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Тибқи андешаи мутафаккир, "ахлоқ илм доир ба ҳолати рӯҳӣ, тарзи муносибату муошират ва танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятии инсон мебошад. Ҳамчунин, тавассути ин илм инсон аз дараҷаи ҳайвонӣ ба дараҷаи камолот расида, соҳиби фазилат мегардад". [2]

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки чунин андеша танҳо хоси Ҷалолиддини Давонӣ набуда, он аз Арасту сарчашма мегирад ва моҳияти таълимоти машшоиёни шарқиро ифода менамояд. Бартарияти андешаи Давонӣ он аст, ки мехоҳад роҳҳои расидан ба саодат ва дарёфти хушбахтиро ба инсон нишон диҳад. Мусаллам аст, ки талаби бахту саодат асоси ҳаёти ҳар як инсон буда,

1 Ниг.: Петрушевский И. П. Сиёсати дохилии Аҳмад Ак-Каюнлу // Шб. мақолаҳо дар бораи таърихи Озарбойҷон. -Боку, 1949.-С. 149.
2 Мирбобоев М.К. Этика Джалолиддина Давони / М.К. Мирбобоев. Душанбе: Дониш. 1992.- С.43.

танҳо фазилатҳои ахлоқӣ метавонанд инсонро ба сарманзили хушбахтӣ расонанд.

Нуктаи дигари таълимоти Ҷалолиддин Давонӣ он аст, ки дарёфти саодат барои инсон бояд хусусияти сӯистифода аз ҳаққи дигаронро надошта бошад. Принсипи марказӣ ҳангоми дастрасӣ ба саодат дар ҳамоҳанги бо манфиатҳои аҳли ҷомеа сурат бигирад. Маҳз ҳамин андеша барои ташаккул додани таълимотҳо доир ба ахлоқ, моҳияти зиндагии инсон ва мақому мартабаи он дар низоми ҳастӣ боис гардидааст. Вале, новобаста аз ин дастовардҳо ҳанӯз муҳити фарҳангию иҷтимоӣ ва сиёсии асрҳои миёна, алалхусус, замони зиндагии Абдураҳмони Ҷомиро фазои мусоиди рушди афкори андешаҳои фалсафӣ маънидод намудан номумкин аст.

Дар маҷмуъ, фазои фарҳангии асримиёнагӣ зери таъсири дини ислом буда, озодандешии воқеӣ ғайриимкон мебошад. Аз ин лиҳоз, масоили марбут ба инсон, табиату моҳияти он ва тарзи муносибату фаъолият бештар аз дидгоҳи динӣ баррасӣ мешуданд. Масалан, андешаи роиҷ он буд, ки инсон барои ибодат ва иҷрои корҳои динӣ офарида шудааст ва бояд ин ҷониби масъаларо бештар ба инобат бигирад. Аммо, андешаи фавқ аз ҷониби аҳли илму андеша он қадар ҷонибдорӣ намеёфт. Ин табақаи аҳолӣ кӯшиш мекарданд, ки матолиби илмии хешро дар доираи таълимотҳои ахлоқию ирфонӣ матраҳ намоянд. Оятҳоеро аз китоби муқаддаси Қуръон мавриди шарҳу баррасӣ қарор медоданд, ки то як андоза хусусияти ҳидояткунандагии инсонро ҷониби созандагӣ доштанд. Масалан, ҳангоми ҳикмат ва моҳияти офариниши инсон масъалаи хилофати инсон дар рӯйи замин, худогунагии инсон, дар беҳтарин сурату сират офарида шудани инсон ва монанди инҳоро тарғиб менамуданд. Дар ин ҷо наметавон гуфт, ки дар ислом ғояи шабоҳати инсон бо Худо умуман инкор карда мешавад ва ё барои мутафаккирони исломӣ новобаста аз ҳаллу фасли метафизикии он бегона мебошад. Ба андешаи донишмандони исломӣ Худо инсонро дар сурати худи инсон офаридааст ва инсон дар сурати худаш буда, аҳли тасаввуф мутамоил ба андешаи офаридани инсон ба сурати Худо мебошад, ки бо як қатор ҳадисҳо

собит мешавад. Аммо мақоми онтологии инсон ба монанди тамоми дигар офаридаҳои Худо аз лиҳози онтологӣ қариб фарқе надорад. Инсон танҳо бо донистани номҳо, яъне мақоми махсуси гносеологии худ бар дигар офаридаҳо афзалият пайдо мекунад ва маҳз бо донистани номҳо мақомаш аз мақоми малоикаҳо болотар мешавад. Ин мақоми гносеологӣ ба инсон бо ҳадафи муайян дода мешавад: яъне маҳз ҳамин дониш (донистани асмо) имкон додааст, ки инсон ба мақоми «хилофати илоҳӣ» баргузида шавад, ки ӯ бояд олами офаридаҳои илоҳиро зери назорат қарор диҳад.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки мафҳуми «гуноҳи аввал» дар Қуръон умуман, ба он маъное, ки дар дини насронӣ аст, вуҷуд надорад. Гуноҳи Одам дар наздик шудан ба дарахти маъншуда натиҷаи фардии тоъати ӯ ба Худо аз як шахс - Одам аст, на тамоми башарият. Ин гуноҳ аз рӯи Қуръон ба инсон зиёни зиёд наовардааст, зеро инсон на танҳо гунаҳкор, балки нотавон ва нодон аст ва пайваста ба ҳидоят ниёз дорад. Инҳо асосан лахзаҳои афсонавии Қуръон дар бораи гуноҳи Одам аст: нофармонии Худо ӯро гумроҳ кард, вале Худованд пас аз тавба ӯро бахшид ва ӯ роҳи ростро пеш гирифт.

Гуноҳи Одаму Ҳавво аввалин гуноҳи инсон буд, на аввалин гуноҳи тамоми башарият. Масъулияти насли оянда барои гуноҳҳои насли аввал, яъне Одаму Ҳавво дар Ислом комилан инкор ва гуноҳонашон бахшида шудааст. Муҳаммад ал-Баҳӣ дар ин маврид менависад: «Инсон аз дидгоҳи ислом ҳаргиз ба иштибоҳ ва нуқсонҳои пешиниёнаш эътироф намекунад. Шӯриши Одам дар биҳишти Худо як қиёми фардӣ алайҳи худ буд ва ҳеҷ иртиботе ба инсоният надошт.[1]

Масъалаи мазкурро Абдураҳмони Ҷомӣ низ мавридии баррасии худ қарор дода, вобаста ба дараҷаи дарк ва муҳити фарҳангии замон матраҳ менамояд:

Гунаи гандум ба адимаш супурд,
Номаш аз он рӯй ҷуз Одам набурд….[2]

---

1 Муҳаммад ал-Баҳӣ, Мафоҳими ахлоқ ва ақидатии Қуръон, тарҷумаи Муҳаммад Содиқ Саҷҷодӣ, ДФИ, 1362.- С. 276 икт. аз «Фалсафаи одамият». Шерзод, С. 124
2 Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ. Маснавии “Ҳафт авранг”. Ҷилди аввал. -Теҳрон, 1378.- С.64

Масъалаи дигаре, ки ба муҳити фарҳангию иҷтимоӣ ва сиёсии замони зиндагии Абдураҳмони Ҷомӣ тааллуқ дошта, дар таҳия ва тадвини ҷаҳонбинии мутафаккир накши худро гузоштааст, муносибатҳои тезу тунди мазҳабӣ буд. Ҳиравӣ Наҷиб Моил ба маврид қайд менамояд, ки «албатта, аз он ҷо, ки наҳзати сӯфиёни сафавии асри Хоҷа Алии Сиёҳпӯш бо ҷомаи ташаюъ зоҳир шуда буд ва осори он дар даҳаҳои нимаи дуюми асри IX ҳ.қ. (XVм.) ба Хуросон сироят карда буд, падидаи мазҳаб яке аз тааллуқоти зеҳнии аср маҳсуб мешуд ва арбоби улуми манқул, хосса донишварони ҳанафимазҳаб, саъй бар ғалабаи унсури мазҳаби ҳанафӣ дар ҳавзаи қудрати темурзодагон ва дар муҳити иҷтимоии Ҷомӣ доштанд ва яке аз машғалаҳои фикрии Ҷомӣ ҳам дифоъ аз унсури ҳанафӣ буд”. [1]

Масъалаи мавриди назар яке аз масъалаҳои маркази фарҳанги асримиёнагии Шарқи исломӣ, бахусус замони зиндагии Абдураҳмони Ҷомӣ буда, пас аз андешаи озоди ирфонӣ ва ақлгароии машшоия боз дар миёни ҷомеа доман паҳн намуда буд. Муборизаҳои байнимазҳабӣ то дараҷае шадид буданд, ки ҳатто ба қатлу кӯштори якдигар низ бурда мерасониданд. Ҳамин аст, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ба хотири нигоҳ доштани мувозинати ҷомеа ва ташаккули таҳаммулпазирии мазҳабӣ рубоие навишта пешниҳод намуд, ки баъзан онро хуш, вале баъзеи дигар таҳқир пазируфтанд:

Эй муғбачаи даҳр бидеҳ ҷоми маям,
К-омад зи низои суннию шиа қаям.
Гӯянд, ки Ҷомиё чӣ мазҳаб дорӣ,
Сад шукр, ки харсуннию сагшиа наям.

Аз иқтибоси боло маълум мегардад, ки Абдураҳмони Ҷомӣ муҳити фарҳангии даври хешро зери танқид гирифта, мехоҳад, ки масоили динию фарҳангӣ ва мазҳабию фиқҳи дар доираи ақлу мантиқ ва таҳаммулпазирию инсондӯстӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд. Ба ҳамин хотир, тариқати тасаввуфии нақшбандиро пазируфта, шиори ягонаи онҳо “даст ба кору дил ба

1 Ҳиравӣ, Наҷиб Моил. Шайх Абдураҳмони Ҷомӣ. -Теҳрон, 1377.- С.21

ёр”-ро қобили қабул шуморид. Тибқи консепсияи мазкур, инсон дар интихоби роҳу равиш озод аст, вале он роҳ мувофиқ ба талаботҳои ҷомеа ва низоми ҷамъият бошад.

Мусаллам аст, ки дар таълимоти аҳли тасаввуф (тасаввуфи асрҳои X-XV) масоили мухталифи фалсафӣ, аз ҷумла онтологӣ ва гносеологӣ дар асоси ҳадиси «Кунту канзан махфиян ва аҳбабту ан юърафу фа халақту ал-инса ва-л-ҷинна» (Ман ганҷе пинҳон будам ва хостам, ки шинохта шавам, сипас ҷинҳо ва инсонро офаридам). Гарчанде, ҳадиси мазкур аз ҷониби муҳаққиқону ходимони дин шарҳу тавзеҳи мухталиф дорад, вале аксаран сари он иттифоқ доранд, ки мақсади офариниш инсон аст. Яъне, инсон метавонад худ, офаридгори худ ва мақсаду мароми ҳастиро дарк намояд. Абдураҳмони Ҷомӣ низ, кӯшиш менамояд, ки масъаларо аз ҳамин дидгоҳ шарҳу тавзеҳ намояд, вале аз он, ки муҳити фарҳангӣ созгор барои озода баён кардани матлаби мавриди назар набуд, андешаҳо пардапӯшона ва боэҳтиёт баён мегаштанд.

Хулоса, шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии замони зиндагонӣ ва фаъолияти эҷодии Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ хусусияти гуногунрангие дошт, ки он дар ташаккули андешаҳои мутафаккир ҳам таъсири манфӣ ва ҳам таъсири мусбат расонидааст. Ҳамчунон ки болотар қайд намудем, муборизаҳои шадиди сиёсӣ миёни ҳокимону сиёсатмадорони давр (замони ҳукмронии Темур), манфиатхоҳиву зулму истибдод нисбати мардум аз ҷониби онҳо, маҳдуд намудани фаъолияти озодандешону донишмандон, ҷонибдорӣ аз шариати оммавӣ ва монанди инҳо омилҳои таъсирбахш ҷиҳати коста гардидани илму фарҳанг ба ҳисоб мераванд. Илова бар ин, вусъат гирифтани муборизаҳои ақидавию мазҳабӣ омили дигари хусусияти консервативӣ касб намудани илму маънавиёт ва фарҳанг мебошад. Дар чунин муҳит баёни андешаҳои созанда ва хусусияти ақлгароидошта, аз як ҷониби ҷуръату таҳамтанӣ ва аз ҷониби дигар сарсупурдагии мутафаккирони даврро дар нисбати илму маънавиёт ваояндаи инсонӣ ифода менамояд.

Давраи зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Абдураҳмони Ҷомӣ ба даврони аморати Улуғбек, амире, ки нисбат ба пешгузаштагони худ то андозае ба илму

фарҳанг муносибати хайрхоҳона дошт, рост биояд ҳам, вале муҳити фарҳангии солим ҳанӯз ба назар намерасид. Новобаста ба ин вазъият мутафаккир тавонист, ки осори гаронарзиши илмию адабӣ иншо намояд ва таълимоти худро дар руҳияи шинохти арзишҳои олии инсонӣ тадвин намояд. Ҳамин аст, ки мутафаккир дар осори худ вазъи ҳукмрони даврони худро зери тозиёнаи танқид гирифта, кӯшиш намудааст, ки насли инсониро ба роҳи шинохти моҳияти ҳастии худ ҳидоят намояд.

## I.2. Зиндагӣ, осор ва махсусиятҳои ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ

Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ аз зумраи мутафаккирони номдори миллати тоҷик буда, бо офаридани осори гаронарзиш ва пешниҳоди таълимоти илмию адабии хусусияти инсонгароидошта машҳур гардидааст. Рӯзгор ва осори мутафаккир ба таври муфассал омӯхта шуда бошад ҳам, вале боз ҳам паҳлӯҳое ҳастанд, ки ба такрор омӯхта шудани онҳо метавонад, ҷанбаҳои норавшани ҳаёти ӯро ошкор намуда, баҳри тарбияи насли муосир хизмат намоянд. Аз ҷониби дигар, ба таври илмӣ ва бо истифода аз методологияи таърихию тавсифӣ ва муқоисавию фактологӣ омӯхтани зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ҷиҳати возеҳтар муаррифӣ намудани фарҳангу маънавиёти миллати тоҷик ва чунин нобиғагони он хизмат карда метавонад.

Тавре ёдрас шудем, зиндагиноами Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ба дараҷаи зарурӣ омӯхта шудааст. Муҳаққиқон дар мавриди сана ва ҷойгоҳи таваллуди мутафаккир назари ягона доранд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо Абдураҳмони Ҷомӣ 7-уми ноябри соли 1414 ба дунё омадааст. «Падар ва бобои ӯ дар яке аз маҳаллаҳои Исфаҳон вазифаи қозигиро бар уҳда доштаанд, вале мустақилият ва қазовати одилонаашон боиси муносибати душманонаи ҳокимони маҳаллӣ нисбат ба онҳо мегардид, ки дар натиҷа падари Ҷомӣ маҷбур мешавад, ки ба Харҷири минтақаи Ҷоми Хуросон, ки мутафаккири зиндаёд дар он ҷо зода шудааст, кӯч бандад. Падару модараш дар айёми кӯдакии Ҷомӣ ба Ҳирот кӯчида, қариб тамоми умри худро дар ҳамин шаҳр гузаронидаанд».[1]

Падари мутафаккир Низомиддин Аҳмади Даштӣ фарди донишманду заккии замони худ ба шумор мерафт. Ӯ, аслан аз аҳли Дашти Исфаҳон буда, бо баъзе сабабҳои замона ба вилояти Ҷом сафар кард ва дар онҷо мондгор шуд[2]. Ҷомӣ илмҳои нахустин ва донишҳои муқаддамотиро аз падари худ

1 Бертелс Е.Э. Абдуррахман Джами его дружба с Наваи // Известия Академии наук СССР. Серия литературы и язык. – 1947. том VI, № 6, . – С. .42.
2 Таърихи фалсафа. Ҷ.5.- С.589.

омӯхта, пасон роҳи омӯзиши илмро давом медиҳад. Доир ба давраи аввали омӯзиши илму маърифат назди падараш мутафаккир дар қасидаи «Ломия» изҳор доштааст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо ва шаҳодати худи мутафаккир махсусиятҳои забони арабӣ, фиқҳу шариат ва баъзе унсурҳои илмҳои ақлӣ ва нақлиро дар зодгоҳаш назди падар азхуд кардааст. Устоди нахустини Абдураҳмони Ҷомӣ арабидони машҳури асримиёнагӣ Ҷунайди Усулӣ маҳсуб мешавад, ки мутафаккир назди ӯ нозукиҳои ин забонро азхуд намудааст.

Ҳиҷрати Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамроҳи хонаводааш ба шаҳри Ҳирот дар 13-солагии ӯ сурат гирифтааст. Дар ин давра шаҳри Ҳирот, ки яке аз марказҳои фарҳангӣ ва пойтахти дуюми давлати Темуриён ба ҳисоб мерафт. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар Ҳирот баробари омӯзишу такмили улуми замона бо кӯмаки падар ва дигар донишмандони наздики хонавода, аввал дар мадрасаи «Бозори хуш», сипас дар мадрасаи Низомия, ки ҳанӯз муддатҳо пеш бо ташаббуси Низомулмулк дар саросари Осиёи Миёнаву Хуросон ва мамолики араб таъсис дода шуда буд, ба идомаи таҳсил пардохт.

Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ нахуст илмҳои роиҷи замон, аз қабили фиқҳу калом, мантиқ, балоғату фасоҳат ва суханвариро назди Ҷунайди Усулӣ омӯхта, бо ҳидоят ва маслиҳати ӯ ба таҳқиқи «Мифтоҳ-ул-улум»-и Саккоӣ ва «Мутаввин»-и Тафтозонӣ (ваф.1359) машғул мешавад. Ҳамзамон, аз донишмандони номдори замон - Шаҳобуддини Ҷорҷурмӣ ва Хоҷа Алии Самарқандӣ низ дарси илму адаб гирифтааст. Охирӣ аз шогирдони муаллифи «Шарҳ- ул-мавоқиф»-и Аздуддини Иҷӣ (ваф.1355) ва Саидшарифи Ҷурҷонӣ (1339-1413) мебошад, ки дар илми калому маорифи исломӣ олимони баргузида ба шумор мерафтанд.

Мутафаккир баъди шиносоӣ бо илми калом ва рафъи шубҳаҳояш доир ба ин илм, ҳамчунин аз бар намудани назарияҳои адабию интиқодӣ дар илми шеър, барои такмили илму фазоили шахсии худ ба Самарқанд - маркази муҳимми илму адабу фарҳанги Темуриён сафар кард. Дар ин шаҳр ӯ бо Қозӣ Муллои Муҳаммади Румӣ, ки бо унвони Қозизодаи Румӣ (ваф.1436) машҳур буд, шиносоӣ пайдо кард ва аз аввалин мулоқот ва баҳсҳои илмӣ бо эшон Ҷомӣ

мавриди писанди ӯ 3қарор гирифт. Қозизодаи Румӣ намояндаи улуми табиӣ ва ба баррасии илми ҳайъат машғул буд. Ҷомӣ бо ӯ дар бораи шарҳи Қозизодаи Румӣ ба китоби «Ал-мулаххас фи-л-ҳайъат»-и Муҳаммади Чағминӣ суҳбат орост ва вайро дар ҳайрат гузошт. Қозизодаи Румӣ баъдан дар хотироти худ навиштааст: «Ҷомӣ дар улуми адабию ақлии рӯзгори хеш назире надошт».[1]

Донишу заковат, қобилияту истеъдод, тезҳушӣ, ҳофизаи қавӣ, ворастагӣ, иззати нафсу истиғно, зиндагии соддаю омиёна, хайрхоҳӣ, зарофати сухан, дониши балоғату фасоҳат, дар иртибот будан бо мардум, зеҳни закӣ ва истеъдоди баланд ба Абдурраҳмони Ҷомӣ имконият доданд, ки улуми ақлию нақлӣ, сарфу наҳв, мантиқ, фиқҳу усул, илми калом, фалсафаи машшоию ишроқӣ, ҳикмати табиии риёзӣ ва ҳайъату нуҷумро дар ду маркази муҳимми адабию фарҳангии он замон - Ҳироту Самарқанд ба хубӣ аз бар намояд. Ҳам Кошифӣ дар «Рашаҳот-ул-ҳаёт» ва ҳам Разиюддин Абдулғафури Лорӣ дар «Шарҳи ҳоли Мавлоно Ҷомӣ», ки ҳар ду аз ҷумлаи шогирдони бовафои Ҷомӣ ба шумор мерафтанд, қайд намудаанд, ки ин мутафаккири андешманд чи дар такмили ҳавошии «Нафаҳот-ул-унс» ва чи дар навиштани осори мансуру манзуми дигараш, инчунин беш аз он ки аз роҳи муаллиму устод баҳра ҷӯяд, аз мутолиоти пайвастаи кутуб, тааммули амиқи ақлӣ ва тадаббур баҳра меҷуст. Худи ӯ дар достони «Силсилат-уз-заҳаб»-и хеш оварда, ки ӯ мисли дигар сӯфиён гӯшанишинӣ накардааст ва агар гоҳе дар узлат буда бошад, бо касбу дониш ва таҳқиқ ҳамроҳ буда, боиси ба риштаи таҳрир даровардани даҳҳо асар гардидааст.

Бобур Мирзо - яке аз муҳаққиқони ҳамасри Абдураҳмони Ҷомӣ ва сиёсатмадори асрҳои миёнаи даврони Темуриён, ки бо адабу фарҳанг ҳусни таваҷҷуҳи зиёде дошт ва Ҷомӣ китоби «Ҳилат-ул-ҳулал»-ро ба номи ӯ таълиф карда буд, дар тадқиқоти худ роҷеъ ба фаъолияти эҷодӣ ва қобилияту зеҳнияти Ҷомӣ ба илму фан таваққуф намуда, ҳамин омилро сабаби зиёду гуногунсоҳа

1 Ҳалабӣ Алӣ Асғар. Мабонии ирфон ва аҳволи орифон. - Теҳрон, 1377. - С.758.

будани осори ӯ ба қалам додаст.[1] Ба ҷаҳонбинии Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамчун шоир ва сӯфӣ сафарҳои ӯ таъсири зиёде доштанд. Сафари хонаводагӣ аз вилояти Ҷом ба Ҳирот, барои таҳсили илм аз Ҳирот ба Самарқанд омадани ӯ, шиносоӣ бо пирони нақшбандия, сафари дуюм аз Ҳирот ба Самарқанд ва Марву Фаробу Тошканд барои мулоқот бо Абдуллоҳи Аҳрор ва дигар андешмандони замон, сафари аз ҳама тӯлонӣ ба Макка (солҳои 1472-1474) барои тавофи Каъба аз тариқи шаҳрҳои Хуросон, Ҳамадон, Бағдод, Карбало, Наҷаф, Димашқ, Ҳалаб ва Табриз сурат гирифта буд. Дар ин сафарҳо ӯ бо аҳли фазлу дониш, адибону шоирон, афроди соҳибмаърифату намояндагони машҳури мазоҳиби исломӣ суҳбату мулоқотҳо ороста, аз эътирози шиаёни Бағдод, муносибати рофизиён ва дигар ҷараёнҳои динӣ огоҳӣ пайдо кард ва сабабу решаҳои низои байни шиаёну сунниёнро на ҳақиқатгӯӣ, балки худхоҳию худситоиҳо дарёфт намуд. Ин матлабро ҳам худи шоир дар «Девони ашъор»-аш баён кардааст, ҳам шогирдонаш, ки тарҷумаи ҳолашро навиштаанд, иброз намудаанд.

Баъди бозгашти Абдурраҳмони Ҷомӣ ба Ҳирот ӯ тамоми умри боқимондаи худро дар ин шаҳр сарфи илму адаб кард ва дар давоми 20 сол пайваста ба мутолиа ва офаридани осори гаронбаҳои хеш пардохт. Маълум аст, ки Ҷомӣ сараввал ашъори худро бо тахаллуси «Даштӣ» менавишт, вале баъдтар тахаллуси худро ба Ҷомӣ мубаддал сохт. Ӯ худ гуфтааст, ки тахаллуси «Ҷомӣ»-ро бо ду сабаб интихоб намудааст. Нахуст барои он ки вилояти Ҷом зодгоҳи ӯ буд ва дуюм ин ки насаби хонаводагии ӯ ба ҷуръаи Ҷом ба Шайх Аҳмади Ҷомӣ, маъруф ба Зиндапил рафта мерасид:

Мувaллидам дар Ҷому рашҳаи қаламам,
Ҷуръаи ҷому шайхи ислом аст.
Лоҷарам дар ҷаридаи ашъор,
Бо ду маънӣ тахаллусам Ҷомист.[2]

1 Бобур. Императори Ҳинд. Бобурнома мавсум ба Тузаки Бобурӣ. - Бомбей, 1308. - С.111-112.

2 Ҳалабӣ Алӣ Асғар. Мабонии ирфон ва аҳволи орифон. - Теҳрон, 1377. - С.757.

Абдуррахмони Ҷомӣ соли 1492 аз олам даргузаштааст. Ӯро дар канори мазори Саъдуддини Қашғарӣ ба хок супурданд, ки қабраш ҳоло ба унвони «Тахти Мазор» машҳур аст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки Абдураҳмони Ҷомӣ осори зиёдеро ба мерос гузоштааст, ки онҳо на танҳо хусусияти адабию тарбиявӣ дошта, дар шаклҳои шеърӣ ва бо истифода аз санъатҳои бадеӣ баён гардидаанд, балки моҳияти онҳо ба шинохти инсон, масоили иҷтимоию сиёсӣ ва ҷаҳоншиносӣ низ равона шудаанд. Мутафаккир гарчанде офаридаҳои худро дар осораш ба забони тоҷикӣ-форсӣ баён карда бошад ҳам, вале таълифоте низ ба забони арабӣ дорад, ки аксаран хусусияти илмию навгароӣ доранд. Баъзе муҳаққиқон теъдоди осори ӯро 56 адад ва баъзеи дигар ин ададро то 99 расонидаанд. Саид Нафисӣ шумораи осори Ҷомиро 51 адад қайд кардааст[1], вале дар муқаддимаи «Девони ашъор»-и ӯ 56 адад асари вай номбар шудаанд.[2] Бештари олимон дар ин маврид ба Абдулғафури Лорӣ истинод кардаанд, ки ӯ микдори осори устодашро 45 адад зикр кардааст.

Ҳенри Корбен муҳаққиқи фаронсавӣ, ки ба шинохти фалсафа ва адабиёту фарҳанги Шарқ ҳаёти худро сипарӣ намудааст, роҷеъ ба осори орифонаи Абдурраҳмони Ҷомӣ назари худро иброз дошта, аз ҷумла чунин нигоштааст: «Афзун бар ин ки Ҷомӣ тазкирае ба унвони «Нафаҳот-ул-унс» дар шарҳи ҳоли урафо навиштааст, осори дигари ӯ шарҳ ба Садруддини Қунавию Ибни Арабиро шомил мешавад. Назар ба ин ки дар ин бора мутолаоти муқаддамотӣ сурат напазируфтааст, ироаи тарҳи куллӣ мушкил аст. [3] Вале дар ин бора муаллифи дигари Ғарб Вилям Читик аз Ҳенри Корбен ҷулӯтар рафта, феҳрасти осори Ҷомиро аз рӯи мазмуну муҳтавои онҳо ба се бахш табақабандӣ намудааст. Ӯ дар бахши аввал тамоми осори марбут ба мавзуъҳои адабӣ-бадеиро мутааллиқ медонад, ки шомили кулли осори мансуру манзуми Ҷомӣ дар ин соҳа мебошад. Бахши дуюми осори Ҷомиро улуми ақлию нақлӣ ба

1 Нафиси Саид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ. - Теҳрон, 1344.- С.126
2 Ҷомӣ, А. Девони ашъор. - Теҳрон, 1341Таърихи фалсафа. Ҷ.5.- С.589.

3 Корбен Ҳенри. Таърихи фалсафаи исломӣ. - Теҳрон, 1477. . – С. 441.

маънои васеи он - улуми қуръонӣ ва матнҳои муқаддас ташкил медиҳанд. Бахши сеюми осори Ҷомӣ осори вобаста ба улуми ақлӣ ба маънии томи калима мебошад, ки он улуми табиӣ, риёзӣ аз ҷумла мусиқӣ, улуми илоҳӣ (ҳикмат ва ирфон)-ро дар бар мегирад. [1]

Ҳамчунин, ба ин монанд муҳаққиқони эрониву тоҷик, аз ҷумла, Алӣ Асғари Ҳалабӣ, Абдурофеъ Ҳақиқат, Аълохон Афсаҳзод ироа намудаанд, вале мо дар ин ҷо ба ҷузъиёти ин масоил ворид нашуда, мавзӯи баҳсамонро ба баррасии афкори ирфонии Абдурраҳмони Ҷомӣ идома медиҳем. Аммо ёдовар шудани чунин матлабро дар ин ҷо ҷоиз медонем, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ на фақат дар осори каломию ирфонӣ ва фалсафӣ таълимоти худро ироа намудааст, балки ло ба лои осори манзуму мансури адабии худ, аз ҷумла, дар ҷо-ҷои достонҳои «Ҳафт авранг» ва дигар ашъораш дур андохтани ҳамаи сафатҳои разилаю ороста шудан бо фазилату сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ, меҳрварзию донишомӯзӣ ва зебоию сулуки маънавӣ, шиква аз ишқи шӯрида ва маъшуқи худ, чунин андешаҳои орифона, ки дил кандан аз ӯ ҳаргиз муяссар нахоҳад буд, ҳамчунин илҳоми шуҳуди шоиронаю сулуки орифона бо садои баланд танинандоз шудаанд. [2]

Ба назари муҳаққиқи эронӣ Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ, бештари орифони эронӣ-исломӣ, аз ҷумла, Абдурраҳмони Ҷомӣ мушоҳада ва таҷрибаи ирфонии худро ба забони шеър баён намудаанд. [3] Чун дар ин ҷо аз забони шеър сухан рафт, бояд қайд кард, ки аксари мутафаккирони миллати тоҷик асосан андешаҳои худро тариқи назм баён намудаанд. Аз ҷумла, Ҳаким Умари Хайём, ки беҳтарин риёзидон, мантиқшинос ва файласуфи тавоно ба ҳисоб меравад, афкори худро тариқи рубоиёт баён намудааст. Ба назар мерасад, ки донишмандони саршинос ва мутафаккирони соҳибандеша назмро беҳтарин майдони ифодаи фикр ихтиёр карда бошанд. Аз ин ҷост, ки Ҷомӣ тавсия мекунад, ки дар кони шеър «ҳар чи биёбӣ, беҳ аз он металабад» ва ба пайванди

1 Читик Вилям. Муқаддима ба «Нафаҳот-ул-унс». - Теҳрон, 1310. - С.13-28.

2 Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ. Ҷомӣ. - Ҷ.14. - Теҳрон, 1381. . – С. 378.

3 Динонӣ Ғуломҳусайн Иброҳим. Ганҷинаи гаронбаҳои маориф дар сухани манзуми форсӣ. //Дафтари ақл ва ояти ишқ. - Ҷ.2. - Теҳрон, 1381. . – С. 95.

ногусастании шеъру ирфон таваҷҷуҳ намуда, гуфтааст, ки «чун шеър аз дил бармехезад, роҳи даст ёфтан ба шеъри хубро тазкияи дил бо иршоди мушкили соҳибдил муаррифӣ мекунад». [1]

Намоёнтарин осори тасаввуфии Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки Маҳдии Муҳаббатӣ дар «Доират-ул-маорифи ҷаҳони ислом» ироа намудааст, иборатанд аз: 1) «Накд-ун-нусус дар шарҳи Нақш-ул-фусус»-и Ибни Арабӣ; 2) Рисолае бо номи «Лавоиҳ» дар баёни мабонию маонии ирфон; 3) «Лавомеъ анвор-ул-кашф ва шуҳуд ало қулуби арбоб-из-завқ ва-л-ҷуд» (ё «Лавомеъ») дар шарҳи алфоз, иборот, кашфу рамузу ишороти қоидаи мимияи хамрияи Ибни Форис ва дар бораи ҳолати арбааи ирфон ва асҳоби завқ; 4) Шарҳи қасидаи «Ноия»-и Ибни Форис, ки ба гуфтаи худи Ҷомӣ, ӯ бо истифода аз шарҳи арабӣ ба форсӣ шарҳ навишта, дар қолаби рубоӣ арза доштааст; 5) Рисолаи Ноия ё шарҳи байтайн дар Маснавӣ ба назму наср дар баёни маънӣ ва ҳикояти шикояти най дар «Маснавии маънавӣ»; 6) Суханони Хоҷа Порсо ё «Ал-ҳошият-ул-қудсия»; 7) «Ашъат-ул-ламаот», ки дар он «Ламаот»-и Ироқӣ ба забони форсӣ шарҳу таъбир шудааст: 8) Рисолаи шароити зикр дар шарҳи як рубоии ирфонӣ ба забони форсӣ; 9) Рисолаи таҳқиқи мазҳаби сӯфӣ, ки ба «Дуррат-ул-фохира» ҳам машҳур аст, ки дар он роҷеъ ба мазҳабу мактабҳои сӯфиён, мутакаллимон ва ҳакимон баҳс шудааст; 10) «Рисола фи-л-вуҷуд» асари нисбатан хурд ба забони арабӣ роҷеъ ба шарҳи маънои фалсафӣ ва ирфонии вуҷуд; 11) «Шарҳи «Мифтоҳ-ул-ғайб»-и Садруддини Қунавӣ; 12) Рисолаи саволу ҷавоби Ҳиндустон дар посух ба бархе аз саволҳои уламои Ҳинд дар масоили ирфонӣ; 13) «Накд-ун-нусус фи шарҳ-ил-фусус-ил-ҳикам»-и Ибни Арабӣ бо забонӣ арабӣ; 14) «Нафаҳот-ул-унс-мин ҳазарот-ил-қудс», ки бо ҳавошии Мир Алишери Навоӣ таълиф шуда, дар он шарҳи зиндагии орифон, шайхони тариқат ва шоироне, ки дар зумраи орифон ба шумор омадаанд, оварда шудааст; 15) «Маноқиб»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ки

1 Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ. Ҷомӣ. - С.380-387.

Арберӣ ба Ҷомӣ нисбат доштани онро исбот карда, онро бо тасҳеҳи худ ба чоп расонидааст.1

Тибқи иттилои Моили Ҳиравӣ Ҷомӣ дар бораи силсилаи интисоби нақшбандия низ рисолае таълиф кардааст.2 Рисолаҳои Ҷомӣ роҷеъ ба улуми динию каломӣ низ дар феҳрасти Маҳдии Муҳаббатӣ оварда шудаанд, ки ба масъалаҳои гуногуни динию каломӣ бахшида шудаанд.

Номи пурраи мутафаккир Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмон ибни Низомуддин Аҳмад ибни Шамсуддин Муҳаммад Ҷомӣ мебошад. Ӯро бо лақабҳои Нуруддин, Имодудини Даштӣ низ садо мезаданд. Тахаллуси адабӣ-шоирии ӯ «Ҷомӣ» мебошад, ки баъдан ба ӯ ҳадя шудааст. Ҳамчунин ӯро бо номи Даштӣ низ мешинохтанд, зеро ӯ аз маҳаллаи Дашти Исфаҳон (дар Эрон) будааст.

Муҳаққиқони мероси адабии Ҷомӣ бар ин назаранд, ки тахаллуси ӯ ба зодгоҳаш иртибот дорад. Аммо, ба назари мо, дар ин ҷо бояд як нуқтаро ба назар гирифт, ки пеш аз ҳама, дар муқоиса бо мутафаккирони ратсионалист, фаҳмиш ва ҷаҳонбинии ӯ тасаввуфӣ, худи ӯ бошад як сӯфӣ буд. Тасаввуф мавҷудияти «нерӯи мусбат»-и хосеро дар назар дорад, ки асолати мазмуни арзишӣ-маънавии мутаносиб ба таълимот ва ақидаҳои фарҳанги тасаввуфро муайян мекунад. Аз ин рӯ, қисматҳои ахлоқӣ ва эстетикии тасаввуф низ бо нерӯи мусбат алоқаманд буда, ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ бевосита таъсир мерасонанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон тахмин кард, ки тахаллуси мутафаккир бо номи Худо – “Ҷомеъ” (“Фарогиранда”) алоқаманд аст. Аммо на ҳамчун сифат (атрибут), балки ҳамчун исм, зеро дар байни онҳо тафовути махсус вуҷуд дорад.

Падараш Низомиддин Аҳмад шахси босавод ва равшанфикр буда, аввалин мураббии Ҷомӣ ба шумор мерафт. Худи Ҷомӣ баъдан навиштааст, ки забонро аз падараш омӯхтааст. Ҷомӣ дар 4-солагӣ ба мактаб рафта, дар

---

1 Доират-ул-маорифи ҷаҳони ислом. Ҷ. С.409-410.

2 Ҳиравӣ Наҷиб Моил. Ҷомӣ. Теҳрон. 1377. С.230. Ясрибӣ Саидяҳё. Ирфони назарӣ. Теҳрон, 1377. С.181.

муддати ҳафт сол Қуръонро аз бар менамояд. Ӯ нисбат ба саводомӯзӣ зеҳни бурро дошта, донишро зуд аз худ мекардааст. Инчунин, Ҷомӣ сарфу наҳви забони арабиро аз худ карда, бо осори классикони адабиёти форсӣ ошно мешавад.

Ҷомӣ дар синни ёздаҳсолагӣ ҳамроҳи волидонаш ба Ҳирот кӯчида, таҳсилашро дар он ҷо идома медиҳад ва аввал дар мадрасаи «Низомия», баъд дар мадрасаи «Дилкаш» таҳсил намуда, дар он ҷо забони арабӣ, мантиқ, назм, риторика ва фалсафаро аз худ мекунад. Абдураҳмон маърӯзаҳои олимони намоёнро шунида, ба асосҳои илмҳои дақиқ: астрономия, математика, геометрия низ сарфаҳм меравад. Дар Ҳирот арабшиноси маъруф Ҷунайди Усулӣ аввалин мураббии Ҷомист. Мутафаккир зери роҳбарии ӯ китобҳои донишманди маъруфи Осиёи Миёна Саъдуддини Тафтазонӣ (1322-1389) дар назм — «Мухтасар-ул-маонӣ» ва дар суханронӣ — «Ал-мутаввал»-ро меомӯхт. Сипас Ҷомии ҷавон ба муаллими дигар – Хоҷа Алии Самарқандӣ, ки аз беҳтарин омӯзгорони Ҳирот маҳсуб мешуд, ошноӣ пайдо кард. Аммо Ҷомӣ дар назди ӯ дуру дароз нахонда, ба қавле ҳамагӣ чил рӯз таҳсили илм намудаасту халос. Пас аз он ба шогирдии Шаҳобиддин Муҳаммад Ҷоҷирмӣ - шогирди Саъдиддини Тафтазонӣ гузашт. «Ҷомии ҷавон зуд фаҳмид, ки муаллимони Ҳирот зеҳни пурсамари ӯро қонеъ намегардонанд. Аз ин рӯ, ӯ ба Самарқанд кӯчида, дар расадхонаи Улуғбек маърӯзаҳои ситорашиносони машҳурро мешунавад».[1]

Ҷомӣ дар Самарқанд ва Бухоро низ ба мадраса дохил шуда, дониши худро дар соҳаи геодезия ва калом аз олимони варзида такмил медиҳад. Устодонаш қобилиятҳои истисноӣ ва ташнагии беандозаи дониши ӯро қайд кардаанд: «Дар Самарканд, марде, ки ба ақлу хирад ва заковати ин марди Ҷом баробар аст, то ҳол аз оби дарёи Ому ба мо нагузаштааст».[2]

Манзили ӯ дар Самарқанд дар мадрасаи Улуғбек то имрӯз боқӣ мондааст. Ҳам дар ин шаҳр ва ҳам дар Ҳирот бисёре аз олимони барҷаста

1 Раҷабов М. Абдурраҳмони Ҷомӣ ва фалсафаи тоҷики асри XV. . – С. 66-67.
2Ниг.: Мухторов А. Абдураҳмон Чомӣ дар Самарканд//Садои Шарқ. -№9,-

зиндагӣ мекарданд, вале ба гуфтаи худи Ҷомӣ ӯ ҳеҷ яке аз онҳоро ягона устоди худ намеҳисобид, зеро дар мадрасаҳои ин шаҳрҳо бештар ба шарҳи баъзе ҷузъиёти майда-чуйда мепардохтанд, масъалаҳои асосӣ яксӯ гузошта мешуданд. Бародари хурдии Ҷомӣ, Мавлоно Шамсиддин Муҳаммад дар илова бар андешаҳои бародараш гуфт, ки барои бисёре аз олимони ин замон илм танҳо аз калима иборат аст.

Ҷомӣ ҳангоми таҳсил дар мадрасаҳои Ҳироту Самарқанд тавонист дар соҳаҳои гуногуни илм дониши хубе ба даст оварад. Ӯ арабӣ ва суханшиносро медонист ва аз фалсафаи машшоия ва афлотуниён ба хубӣ ошноӣ пайдо карда буд. Аз илмҳои дақиқ: математика, астрономия ва космографияро медонист. Ҷомӣ ба санъат низ шавқу ҳаваси беандоза дошт, ки рисолаи ӯ дар бораи мусиқӣ гувоҳи ин аст. Маълумоти гирифтааш махсусан омӯзиши асосҳои тасаввуф ва нақшбандия барояш паёмадҳои хубе ба бор овард, ки дар натиҷа таклифҳои зиёдеро рад карда, соли 1456 ба ин ҷодаи тасаввуф дохил мешавад. Ҷомӣ дар китоби худ «Нафаси дӯстӣ» мегӯяд, ки Хоҷа Муҳаммади Порсои Бухороӣ (вафот соли 822/1419) дар ташаккули тасаввуфи ӯ нақши муҳим доштааст. Чунонки худи мутафаккир менависад, Хоҷа Муҳаммади Порсоро дар ноҳияи Ҷом зиёрат кардааст. Ҷомӣ он вакт ҳатто панҷсола набуд, ки Хоҷа ба ӯ як қанди кирмонӣ додааст. «Баъдтар, вақте, ки Ҷомӣ аллакай шастсола мешавад, бо ёдоварӣ аз ин дидор мегӯяд, ки чеҳраи муқаддаси Хоҷа Муҳаммади Порсо ҳанӯз аз ёди ӯ нарафтааст ва осори нигоҳи муқаддаси шайх ва суханонаш дар дили ӯ то охири умр боқӣ мемонад».[1]

Ҳусайни Кошифӣ дар «Рашаҳот-ул-ҳаёт» номгӯи устодони тариқаи тасаввуфро овардааст, ки Ҷомӣ дар даврахои мухталифи ҳаёти худ бо онҳо вохӯрдааст: Мавлоно Фахруддини Луристонӣ, Ҳоҷӣ Бурҳониддин, Абӯнасри Порсо, Баҳоуддини Умар, Ҳоҷӣ Шамсуддин Муҳаммади Кусусӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Абӯязид, Мавлоно Шамсуддин Муҳаммад Аҳмад Асад, Хоҷа Бурҳониддин.[2]

1 А. Ҷомӣ. Нафаҳоту-л-унС. – С. 39
2Ниг.: Кошифӣ Ҳ, Рашаҳот-ул-ҳаёт. . – С. 83.

Аммо дар ин ҷодаи илм устоди асосии маънавии ӯ Саъдиддини Кошғар буд,[1] ки таълимоташ бо тамоми муқаррароти асосии он бо таълимоти асосгузори ин унвон Баҳоуддини Нақшбандӣ мувофиқат мекунад.[2]

Ҳамин тариқ, Ҷомӣ дар иҳотаи мураббиёни пешқадами нақшбандия ба воя расида, баъдан дар баробари Алишери Навоӣ, Саид Шарифи Ҷузҷонӣ, Ҳусайни Воизии Кошифӣ, Қосими Анвар, Хоҷа Аҳрор ва дигар сӯфиҳо ба мақоми эътирофшудаи замона омада расид. Ӯ ҳеҷ гоҳ саъй намекард, ки дар маркази таваҷҷуҳ бошад, аз тафриқаи қасрӣ канораҷӯӣ мекард, вале аксаран бо мардуми оддӣ муошират мекард ва нисбат ба онҳо хеле саховатманд буд. Дар Ҳирот Ҷомӣ мадрасае сохтааст, ки дар он барои шогирдон ва дӯстони наздикаш аз назарияи назм, фалсафа ва мушкилтарин масъалаҳои калом дарсҳо медод. Гоҳе дар ин дарсҳо осори мутафаккир мавриди омӯзиш қарор гирифта, баъдан на танҳо дар бораи тасаввуф, балки дар бораи абёти шоирӣ, мусоҳибаҳо, баҳсҳои адабӣ оиди масъалаҳои назму наср, мусиқӣ ва рассомӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифтаанд.

Ашъори Ҷомӣ аксаран дар шакли ғазаланд. Ӯ на танҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон, балки дар Эрону Ироқ, Ҳиндустон, Осиёи Хурд ва ғайра машҳуру маъруф гардида буд. Ӯ дар қасидаи тарҷумаиҳолии худ бо номи “Қатраҳо оиди ҳаёти худ”, ки соли 1488 навишта буд, тавассути гуфторе бо ибороти фахрӣ дар бораи маъруфияти худ ишора мекунад:

«...Чандон ашъорам маро дар олам машҳур сохтаанд.

Укёнус оҳанги шеъри маро аз ибтидо то интиҳо мерасонад.

Навозандагон каломи маро ба оҳанг ва завқ месароянд.

Сарояндагони ҳақиқат ба роҳи дилхушӣ ҳидоят мекунанд.

Агар ба форс равад корвони ашъорам,

Равони Саъдию Ҳофиз кунандаш истиқбол.

В-агар ба Ҳинд расад Хусраву Ҳасан гӯяд,

1Ниг.: Ҳазратқулов М. Ирфони Абдурраҳмони Ҷомӣ // Маводи конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 600-солагии Абдурраҳмони Ҷомӣ" Мероси Абдурраҳмони Ҷомӣ дар илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ" - Душанбе: Дониш, 2014.-С.50.

2Ниг.: Бертелс Е.Э. Наваи. -М,Л., 1948.- С.142.

Ки: «Эй ҷаҳони ҳунар, марҳабо, таол, таол!»

Дар ҳамаи кишварҳо гуфтаҳои ман чунон паҳн шуда буданд, ки ҳар касе маро гӯш мекард, итоат мекард.[1]

Воқеан, нуфузи ӯ ҳамчун мураббӣ ва сарвари шоирон дар назди султон Ҳусейн хеле баланд буд, зеро ӯ бузургтарин шахсияти давру замони худ, бузургтарин шоир, олим ва ҳаким ба ҳисоб мерафт.

Ҷомӣ ба духтари писари калонии Саъдуддини Кошғарӣ издивоҷ карда, аз ӯ соҳиби чаҳор писар шуд. Аммо мутафаккир дар ҳаёти оилавӣ хушбахт набуд, чунки фарзандонаш пай дар пай вафот карданд. «Худи шоир рӯзи ҷумъа 19 Муҳаррами 898/6(7) ноябри соли 1492 дар синни 78-солагӣ дар Ҳирот даргузашт. Аз марги ӯ тамоми мардуми Ҳирот мотам гирифтанд. Дар маросими дафн худи Султон Ҳусайн ҳамроҳи ҳамсафаронаш иштирок дошт.[2] Тобути Ҷомиро шоҳзодаҳои Темуриён ба қабристон бурданд. Алишер Навоӣ дар марги Ҷомӣ марсияе навишт, ки матни онро воизи маъруфи Ҳирот Ҳусайни Воиз аз минбар хондааст.[3] Аҳолии Ҳирот барои мутафаккир як сол мотам гирифтанд. Мақбараи Ҷомӣ то имрӯз макони зиёратгоҳ боқӣ мондааст.

Шоир ба ворисонаш мероси бузурги маънавӣ гузоштааст, зеро эҷодиёти ӯ хеле пурсамар буданд. Фаъолияти ҳамаҷонибаи илмию адабии ӯ хеле барвақт оғоз шуда, то охири умраш идома ёфт. Ба гуфтаи баъзе муҳаққиқон, мероси эҷодии ӯ тақрибан ба 50 номгӯи асарҳо мерасад ва ба қавли М. Турсунзода ӯ соҳиби 99 китоб аст. Алишер Навоӣ китобҳои А. Ҷомиро 35 номгӯ зикр мекунад. Е.Э. Бертелс бошад чунин менигорад: "Ба гумонам рақами 45-47 (адади китобҳои Ҷомӣ) эҳтимолан ба рақами ҳақиқӣ наздиктар аст."[4]

Асарҳои Ҷомӣ аз ҷиҳати мазмун хеле бой буда, дар онҳо масъалаҳои гуногуни назарияи адабиёт, шеър, мусиқӣ, таърих, нуҷум, ахлоқ, фалсафа, тасаввуф ва ғайра бахшида шудаанд. Рӯйхати хронологии осори шоир, ки дар

---

1Абдураҳмони Ҷомӣ. «Васитат-ул-иқд» ва «Хотимат-ул-ҳаёт».- М.: Наука, ГРВЛ, 1980. . – С. .9.
2Крымский А.Е. История Персии, ее литературы и дервишской теософии. – Т.М., 1914-1917.
3Раҷабов М. Абдурраҳмони Ҷомӣ ва фалсафаи тоҷики асри 15. . – С. 84.
4Турсунзода М. Боғи баҳори шеър.-С.13

давраҳои гуногун тартиб дода шудаанд, борҳо аз тарафи пайравону шогирдонаш манзараи воқеии осори асили ӯро инъикос мекунад, ки шумораашон гуногун аст. Масалан, Алишери Навоӣ дар «Хамсат-ул-мутаҳайирин» унвонҳои 39 китоби Ҷомӣ, Абдулғафури Ларӣ дар «Такмил бар ҳавоиши «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ» – 47 китоб, Абдулвасӣ Низомӣ дар «Ҳаёти эҷодии Мавлавӣ Ҷомӣ» («Мақоми Мавлавӣ Ҷомӣ») – 42 китоб, Биноӣ «Беҳрӯзи Баҳром» («Беҳрӯз ва Баҳром») – 40 китоб, Сом Мирзо дар китоби «Туҳфаи Сомӣ» - 45 китоб, Абдулқосими Казарунӣ дар «Суллам-ус-самовот» – 37 китоб ва Шерхон Лудӣ дар «Миръат-ул-хаёл» - 99 китоби Абдураҳмони Ҷомиро номбар кардаанд.[1]

Ба андешаи муҳаққиқи Ҷомӣ адабиётшиноси тоҷик, шодравон, Аълохони Афсаҳзод, «Тӯли асрҳост, ки доираи мероси Ҷомӣ мавриди баҳс қарор гирифта, бештари донишмандон ақида доштаанд, ки теъдоди осори Ҷомӣ ба қиммати ададии ҳарфҳои тахаллуси ӯ (Ҷомӣ) баробар аст. Тибқи низоми анъанавии абҷад дар алифбои арабӣ ҳарфи “Ҷим” ба рақами 3, ҳарфи “Алиф” ба рақами 1, ҳарфи “Мим” ба рақами 40 ва ҳарфи “Ё” ба рақами 10 ифода меёбанд. Ҷамъи онҳо дар вожаи “Ҷомӣ” баробар ба 54 аст. Дар ин бора хабари аввалро дар “Тазкират-ут-таворих”-и Абдуллоҳи Кобулӣ, ки миёни солҳои 990-1010/1582-1601 таълиф шудааст, мебинем».[2]

Бояд гуфт, ки нишондиҳандаҳои библиографии осори Ҷомӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва мамолики хориҷӣ аз соли 1917 то соли 1988 борҳо бознашр гардидаанд.[3] Дар ин нишондодҳо рӯйхати хронологии осори мутафаккир низ дар байни 40-50 унвон тағйир меёбад.

Ба назари мо, мӯътамадтаринаш феҳристи хронологии осори Ҷомӣ мебошад, ки аз ҷониби муҳаққиқи тоҷик Аълохони Афсаҳзод тартиб дода шудааст. Дар ин рӯйхат чунин такрорҳо мавҷуд нест, зеро мо бо муҳаққиқоне

1Ниг.: Ҷомӣ ва Навоӣ. Тӯплам.-Тошканд: Фан.1996.-С.48-49;

2Афсаҳзод А. Лирикаи Абдураҳмони Ҷоми.–С.41.

3Ниг.: Абдураҳмони Ҷомӣ: Библиография. Асари ишорашудаи Ҷомӣ ва адабиёт дар бораи ӯ. Нашриёти СССО. С. (1917-1988) .

чун: Саид Нафисӣ, Шерхон Лудӣ, Э.Е. Бартелс, Ҳошим Розӣ ва дигарон вомехурем, ки ба як китоб унвонҳои гуногун медиҳанд.[1]

Ҳамин тариқ, ба гуфтаи А. Афсаҳзод рисола ва китобҳои саҳеҳи Ҷомӣ инҳоянд:[2]

**I. Асарҳои илмӣ:**

1. Рисолаи арӯз.

2. Рисолаи қофия.

3. Рисолаи мусиқӣ.

4. Рисолаи кабир дар муаммо.

5. Рисолаи мутаввасит дар муаммо.

6. Рисолаи сағир дар муаммо.

7. Рисолаи асғари манзума дар муаммо.

8. Ал-Фавоид-уз-Зиёиф («Дастур ба Зиёуддин»).

9. Сарфи Форсии манзум ва мансур.

10. «Нафаҳот-ул-унс» («Нафаси дустӣ»).

11. Накд-ун-нусус фи шарҳи «Нақш-ул-фусус» («Танқиди муқаррароти тафсирҳо дар бораи «Нақшҳои ҷавҳарҳо»).

12. Лавоиҳ («Лавҳаҳо»).

13. Лавоим («заррахои дурахшон»).

14. «Шарҳи қасидаи таия» («Шарҳи қасидаи рубоӣ бо ҳарфи «та»).

15. «Шарҳи рубоиёт».

16. Ашъат-ул-ламаот («Беҳтарин дурахшанда»).

17. Шарҳи байтайни «Маснавӣ»-и Мавлавӣ («Шарҳи ду байти ибтидои «Маснавӣ»-и Мавлавӣ).

18. «Шархи байти Амир Хусрав».

19. Рисолаи суханони Хоҷа Порсо.

20. Рисолаи шароити зикр.

21. «Шарҳи ҳадис».

1Афсаҳзод А. Лирикаи Абдураҳмони Ҷомб.–С.43.
2Ниг.: Афсаҳзод А. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ.- Душанбе: Дониш.1980.- С.158-192.

22. Таҳқиқ-ул-мазоҳиб.

23. Рисолатун фи-л-вуҷуд («Рисола дар бораи вуҷуд»).

24. Шарҳи баъзе аз «Мафотиҳ-ул-ғайб».

25. Рисолаи ҷаваби суоли Ҳиндустон.

26. Шарҳи «Фусус-ул-ҳикам» («Тафсири ҷавоҳири ҳакимон»).

27. Рисолаи маносики ҳаҷ ва умра.

28. Рисолаи кабири маносики ҳаҷ.

29. Тафсир («Тафсири Қуръон»).

30. Шавоҳид ан нубувват ли тақвият-ил-яқин ан футувват (“Шаҳодат аз нубувват дар ҳимоят аз ашроф”).

31. Рисола дар бораи астрономия.

**II. Асарҳои санъат**

32. Девони аввал - «Фотиҳат-уш-шабоб» («Оғози ҷавонӣ»).

33. Девони дуюм — «Воситат-ул-иқд».

34. Девони сеюм — «Хотимат-ул-ҳаёт» («Хулосаи хаёт»).

35. Дафтари якум – «Силсилат-уз-заҳаб» («Занҷири тиллоӣ»).

36. Дафтари дуюм - «Силсилат-уз-заҳаб» («Занҷири тиллоӣ»).

37. Дафтари сеюм – «Силсилату-з-заҳаб» («Занҷири тиллоӣ»).

38. Саломон ва Абсол.

39. Туҳфат-ул-аҳрор («Туҳфаи озодагон»).

40. «Суҳбат-ул-аброр» («Суҳбати накукорон»).

41. «Юсуф ва Зулайхо».

42. «Лайлӣ ва Маҷнун».

43. Хираднома Искандарӣ.

44. Баҳористон.

45. Чихил ҳадис.

46. «Рисали муншаот» (Маҷмӯаи мактубҳо) ва ғайра.

Бояд таъкид намуд, ки дар осори Ҷомӣ тамоми пажуҳишҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XV инъикос ёфтааст.

Дар байни осори мутафаккир рисолаҳое, ки ба илми риёзӣ бахшида шудаанд, зиёданд ва ин бесабаб нест. Зеро Ҷомӣ дар ибтидо ҳамчун оҳангсози ғазали суннатӣ вориди роҳи адаб шуд. Дар ин ҷода вай муваффақияти зиёд ба даст овард, ҳатто «тамомкунандаи» назми классикии форсӣ номида шуд. Мутафаккир ҳамчун шоири моҳир шаклу мазмунро дар эҷодиёти назм хеле органикӣ ба ҳам пайвастааст. Вай қувваи бузурги таъсиррасониро ба шуур ва руҳи одамони каломи бадеӣ хеле хуб медонист.

Одинаев Ё. дар яке аз мақолаҳои худ оид ба инкишофи адабиёти фалсафию ирфонӣ дар асри XV қайд намудааст, ки Абдураҳмони Ҷомӣ низ дар ин раванд нақши зиёд бозидааст. Ба ақидаи ӯ, ба навсозии сифатии жанрҳои назм ҳисса гузоштааст. Дар олами интеллектуалии Шарқи Наздик адабиёт ҳамеша мавқеи намоёнро ишғол мекард. Аз ҷумла, олим менависад, ки «барои ҷамъияти адибони асрҳои 14-15 мубоҳисаҳои гуногуни адабӣ, озмунҳои шоирон, таҳия ва муҳокимаи на танҳо асарҳои худашон, балки осори адибоне ба монанди: Фирдавсӣ, Умари Хайём, Низомии Анварӣ, Саъдӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофиз низ одат будааст».[1]

Рисолаҳои зикргардида талаботи ҳамон замоне буданд, ки Ҷомӣ дар он зиндагӣ мекард. Махсусан шавқу ҳаваси калони адибон жанри нави «муаммо»-ро, ки тавассути он андешаҳои ахлоқию иҷтимоӣ баён мешуданд, ба вуҷуд овард, ки дар ташаккул ва инкишофи он Ҷомӣ ва шогирди ӯ Алишери Навоӣ саҳми назаррас доштанд. Бахшида ба қоидаҳои «муаммо» низ рисолаҳои илмӣ навиштаанд. Ба гуфтаи мухаққиқи ин жанри классикии назм А. Зоҳидов: «Дар адабиёт «муаммо» ба сифати жанри шоирона амал мекунад, ки аз як байт – «фард» ё чор мисраъ, баъзан - «қитъа» иборат аст ва ҳатто дар таркиби ғазал ба воситаи қоидаҳои гуногун барои ошкор кардани номи муайян ё чизи дигар ба сифати «ишора» лозим аст. Ба андешаи назариётчиёни ин жанр муаммо сухани шоирона (каломи мавзун) аст, ки тавассути он хонандагон бояд номи дар он мавҷудбударо муайян карда, матни асосиро дарк кунанд. Ҳангоми

1 Одинаев Я. Қ. Нақши Абдураҳмони Ҷомӣ дар рушди адабиёти фалсафӣ ва ирфонии асри XV // Маводҳои конференсия.–С.171-172.

тафсири «муаммо» аломату ташбеҳҳо, усулҳои маҳорати бадеӣ, шаклу номҳои ҳарфи алифбо, арзиши ададии ҳарфҳо, аломатҳои байтушшараф, шакли шуморахо, қоидаҳои грамматикӣ, хусусиятҳои маънӣ ва луғавии калима бояд ба инобат гирифта шаванд».[1]

Бояд гуфт, ки эҷодиёти Ҷомӣ бо мавзуъҳои гуногун ва услуби пурмазмуни фалсафию адабӣ фарқ мекунанд. Албатта, ӯ бо навиштани ғазал маҳдуд набуд. Чунон ки имрӯз маълум аст, онҳо сеяки мероси адабии мутафаккирро ташкил медиҳанд. Ҷомӣ ҳамчун мутафаккири шоир ба лирикаи тасаввуф таваҷҷӯҳи зиёд дошт ва онро ба синтези эҷодии шахсии худ тобеъ кард, то қонунияти мавҷудияти ақидаҳои фалсафию тасаввуфӣ дар динро исбот кунад, назария ва амалияи тасаввуфро асоснок ва ҳифз намояд. Дар баробари ин ба суннатҳои фалсафаи тасаввуфӣ, реша ва пайдоиши он низ пардохтааст. Дар маркази системаи ӯ таҳлил, тафсир ва боздиди осори Ибни Арабӣ ва Фахриддини Ироқӣ қарор дошт.

Асарҳои ӯ: «Рисолаи қофия», «Рисолаи арӯз», «Лавоиҳ», «Шарҳи рубоиёт», «Ашъат-ул-ламаот», «Нафаҳот-ул-унс», «Шавоҳид-ун-нубувват», «Ҳафтавранг» осори ӯ дар баробари матнҳои устодонаш инчунин маҷмӯи матнҳои бунёдии тасаввуфро низ ташкил медиҳанд. Аз нуқтаи назари таъсири минбаъда ба инкишофи таълимоти тасаввуф рисолаҳои «Лавоиҳ» ва «Шарҳи рубоиёт» аҳамияти калон доранд.[2]

Абдураҳмони Ҷомӣ ба қолаби жанри шеър, ки моҳияти андешаҳои фалсафию иҷтимоӣ ва ахлоқии ӯро ифода менамоянд, унсурҳои шаклҳои дигари жанрии назмро низ ворид кардааст. Бо ин васила вай ба шеър шакли умумибашарии поэтикию ирфонӣ ва фалсафӣ додааст, ки дар он ҳар он чизеро, ки мавзӯи асосии таълимоти тасаввуф ба мисли: масъалаи инсон, мушкилоти озодии ирода ва тақдир, муҳокима дар бораи дараҷаҳои ақл, тавба, сабр, ишқи илоҳӣ ва ғайра буд, дар шакли шоирона ифода кардан мумкин буд.

1 Захидов А. «Рисолаи муфрадот» Алишера Навои и его муаммо.–Ташкент, 1970.–С.8-9.
2 Одинаев Ё. Нақши Абдураҳмони Ҷомӣ дар инкишофи адабиёти фалсафӣ ва ирфонии асри XV.–С.172-173.

Мутафаккир ба мисли Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино «файласуфи касбӣ» набуд, вале бо вуҷуди ин, ба ғайр аз рисолаҳои фалсафаи тасаввуф, асарҳои махсус оиди баёни илмии масъалаҳои фалсафӣ эҷод нанамудааст. Зеро таҳлили маводҳои фалсафӣ аз муҳаққиқ диққати комил, ҳассосият ва объективияти ҳақиқатан илмиро талаб мекунад.[1] Мутафаккир, аслан осори сирф фалсафӣ-ахлоқӣ надорад, балки дар доираи ашъор ва осори назмии худ масоили фалсафӣ, иҷтимоию ахлоқӣ ва тасаввуфиро матраҳ намуда, ба ҳамин васила мутафаккири озодандеш будани худро исбот намудааст.

Ба ин маънӣ, дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ набояд мафҳумҳои амиқи илмӣ-фалсафиро ҷустуҷӯ кард. Шоир, ки дорои тафаккури мифологӣ ва метафизикӣ аст, дар эҷодиёти худ ба ҷустуҷӯи таълимоти фалсафӣ ҳамчун система ва ё усули шинохти ҷаҳон кӯшиш накардааст. Тааҷҷубовар нест, ки порчаҳои адабию шоирӣ ва ҳамзамон фалсафии ӯ аз сабки фалсафии файласуфони касбӣ, чун Арасту, Ибни Сино, Ибни Рушд ва дигарон тафовут доранд, зеро раванди тафаккур бо афкори нав тадриҷан ғанӣ мегардад. Аз ҳимояи мавқеи тасаввуф ва рафъи «масъалаи ҳастӣ» ба хулосае меояд, ки масъалаҳои метафизикиро на фалсафа (ратсионализм) балки тасаввуф (ирратсионализм, теософия) ҳал менамояд. Зеро ақл (фалсафа) худ ба худ ба бесарусомонӣ ва анархияи ғаризаҳо муқобилият карда наметавонад, балки танҳо дар иттифоқ бо тасаввуф ва илоҳиёт инсон метавонад ба ҳар як чизи пасту тира дар худ ғалаба кунад. Мутафаккир бар он назар аст, ки масоили асосии фалсафӣ, ки аксаран хусусияти метафизикӣ доранд, дар шакли яктарафа (моддигароӣ) ҳал карда намешаванд. Ҷиҳати шинохти моҳияти онҳо ба андешаҳои ирфонию метафизикӣ (на динии хурофотӣ) муроҷиат намудан аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Бар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки Абдураҳмони Ҷомӣ на танҳо андешаҳои фалсафию иҷтимоӣ, балки таълимоти ахлоқии худро дар ягон асари махсус баён накардааст. Ин андешаҳо дар тамоми осори ӯ, чӣ дар назмӣ ва чӣ насрӣ фаро гирифта шудааст ва ин

1 Раҷабов М. Р. Абдурраҳмони Ҷомии ва фалсафаи тоҷики асри XV. . – С. .35-36.

омӯзиши принсипҳои ахлоқии шоирро хеле душвор месозад. Зеро онҳоро аз матнҳои умумии Ҷомӣ ҷудо намудан лозим аст.

Инҷо бошад, китобҳоеро номбар мекунем, ки дар онҳо проблемаҳои дорои характерҳои гуногун таҳлил мешаванд, вале дар айни замон онҳо бо масъалаҳои фалсафию ахлоқӣ ба ин ё он ҷиҳат алоқамандáнд, ки Ҷомӣ ба онҳо аҳамияти калон додааст. Аз ҷумла, «Таҳқиқ-ул-мазоҳиб» («Тадқиқот дар бораи мактабҳои динӣ ва ҳуқуқӣ» (мазҳабҳо), «Рисолатун фи-л-вуҷуд» («Рисола оиди вуҷуд»), «Рисалаи суол ва ҷаваби Ҳиндустон» аз ҷумлаи чунин асарҳо мебошанд. «Рисола дар посух ба баҳси Ҳинд», «Шарҳи «Фусусу-л-ҳикам», «Нафаҳоту-л-унс», “Лавоиҳ”, “Ашъатал-ламаат” (“Нурҳои дурахшон”), «Рисолаи суханони Хоча Порсо» («Рисола дар бораи гуфтаҳои Хоча Порсо»), «Рисолаи шароити зикр», «Саломон ва Абсол», «Туҳфат-ул-аҳрор», «Субҳат-ул-аброр», «Юсуф ва Зулайхо», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хирадномаи Искандарӣ», «Баҳористон» ва ғайра.

Дар байни асарҳои сершумори тасаввуфӣ-ахлоқии мутафаккир «Лавоиҳ» яке аз барҷастатарин асарҳо маҳсуб мешавад. Ин асари хурд тақрибан дар соли 1465 таълиф шуда, маҷмӯи тафсирҳои ақидаҳои асосии таълимоти ӯ оиди тасаввуф ба мисли «тавҳид», «фано», «бақо» ва ғайра мебошад.

Китоби дигари ӯ «Таҳқиқ-ул-масоҳиб» тамоми мафҳумҳои фалсафӣ-ирфонӣ ва метафизикии машшоияи Шарқ, мутакаллимони тасаввуф оид ба масъалаҳои ҷавҳари илоҳӣ, моҳият ва сифатҳои Худо, ва ғайраро фаро гирифтааст. «Туҳфату-л-аҳрор» яке аз осори умдаи тасаввуфӣ-ахлоқии Ҷомӣ буда, соли 1481 таълиф гардидааст, ки масъалаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва тасаввуфиро дар бар мегирад. Китоб аз чор қисмат иборат буда, дар қисмати чоруми он масъалаҳои ахлоқӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Инчунин, дар он оиди ифшои асрори дил, виҷдони пок, дараҷаи дониш ва шеър бо асолати «адабӣ»-аш навишта шудааст. Мутафаккир дар асари мазкур дар бораи офариниши оламу одам, дар бораи рисолати намояндагони дин ва олимон, дар бораи зиндагии ҳокимон, дар бораи манфиатҳои донише, ки бояд

бо амалия алоқаманд бошад, дар бораи пирӣ ва чавонӣ, дар бораи зебоӣ ва ишқ ва монанди инҳо манзумаҳо баён намудааст. Е.Э. Бертельс ин асарро бо «Махзану-л-асрор»-и Низомӣ муқоиса намуда, менависад: «Агар ибтидои асар баёни шево-фалсафии Низомӣ нишон диҳад, нимаи дуюми он хеле тезу тундтар буда, манзараи худсарии нафратангези феодалиро бепарда нишон додааст».[1]

Яке аз ашъори дигари ӯ дар жанри «адаб» маснавии «Юсуф ва Зулайхо» мебошад, ки соли 1483 таълиф гардидааст. Маснавии мазкур пур аз масоили тарбиявию ахлоқӣ ва инсоншиносӣ аст. Маълум аст, ки ривоят дар бораи Юсуф ва Зулайхо дар Китоби Муқаддас (Қуръон) мавчуд аст. Аммо дар байни мардум он хусусиятҳои нав пайдо карда, ба «қиссаи ишқи равшан, ноумедӣ, дарднок ва фарогири Зулайхо - зани ашрофзодаи мисрӣ Пантефрий, ки онро Абдраҳмони Ҷомӣ Азиз қаламдод кардааст»[2] табдил ёфт.

Маснавии «Хираднома Искандарӣ», ки дар солҳои 1485—1490 таълиф шуда буд, фарогири масоили гуногуни ахлоқӣ-тарбиявӣ мебошад. Дар он ҳадафи асосии Ҷомӣ чилавгирӣ аз бадахлоқии ҷомеа, нигоҳ доштани мардум ва ҷомеа аз аъмоли ноинсоф аст. Шоир дар бораи баланд бардоштани шаъну шарафи инсон, ҳокими некхоҳ ва ғайра андешаронӣ намудааст.

Ҷомӣ тавассути забони файласуфони юнонӣ андешаҳои худро дар бораи «шаҳри некӯ» ва як қатор масъалаҳои муҳими фалсафӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ахлоқӣ баён мекунад.

Асари асосии ӯ, ки дар доираи жанри адаб навишта шудааст - «Баҳористон» (1487) аст. Он аз муқаддима ва ҳашт боб иборат буда, ҳар яки онҳо номи ба худ хос доранд. Дар боби аввал аз рӯзгори шайхҳо ва хирадмандони машҳур, дар боби дуюм гуфтаҳои хикматноки бузургон, дар боби сеюм аз ҳаёти салотин, адолат, фазилат, ва таъсироти рӯҳӣ, дар боби чорум моҳияти принсипҳои ахлоқӣ, монанди: саховатмандӣ, шуҷоат ва ғайра, боби панҷум аз қиссаҳои ҷолиб: ишқи дилчасп ва дӯстии самимӣ, дар боби

1 Бертелс Э.Э. Наваи и Джами. Избранные труды. –Москва: Наука, 1965. . – С. 260.
2 Ниг.: Афсаҳзод А. Лирикаи Абдураҳмони Ҷомӣ. . – С. .101.

шашум қиссаҳои ҳаҷвӣ, шӯхиҳои тезу тунд ва қазияҳои хандаовар, дар боби ҳафтум дар бораи байт, пайдоиши он ва шаклҳои гуногуни назм ва наср маълумот додааст.

Ҳамин тавр, таҳлили мухтасари зиндагинома ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ нишон медиҳад, ки мероси фалсафӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ ва адабии мутафаккир дорои арзиши баланди илмию амалӣ буда, барои тарбияи насли муосири миллат дар руҳияи худшиносию худогоҳӣ ва шинохти моҳияту табиати инсон нақши бориз гузошта метавонанд. Муҳтавои осори мутафаккир ба тарбияи инсони комил, дорои тафаккури таҳлилӣ ва дорои ахлоқу маънавиёти баланд нигаронида шудаанд. Мутафаккир, дар доираи таълимоти ирфонии худ низ инсонро аз ҷомеа дур ва ба узлату гӯшанишинӣ даъват накарда, балки “бо халқ ва бо Ҳақ” буданро афзалтар мепиндорад. Чунин тарзи фаҳмиши диндорию худошиносӣ имконият медиҳад, ки нахуст манфиати аҳли ҷомеа ба инобат гирифта шуда, арзишҳои динӣ, ки хусусияти инфиродӣ доранд, берун аз сиёсат ва иҷтимоъ баррасӣ шаванд. Алалхусус, дар замони муосир, ки гурӯҳҳои ифротию иртиҷоӣ тавассути воситаҳои мухталифи ахбор, шабакаҳои интернетию иҷтимоӣ мағзҳои ҷавононро шустушӯ менамоянд, моҳияти аслии ҳастии инсон ва масъулияту вазифаҳои онро тавассути чунин осор фаҳмонидан имконияти бештар дорад.

### I.3. Асосҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ

Пеш аз он, ки ба таҳқиқи масоили инсон дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ пардозем, зарур мешуморем то ба анъанаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва фалсафӣ таваҷҷуҳ кунем, зеро таълимоти антропологии ин мутафаккир маҳз дар заминаи таълимоти онҳо ташаккул ёфтааст. Ин равиш дар таҳлили ҳама гуна низоми фалсафӣ равиши асосӣ ба ҳисоб меравад, ки интихоби ин ё он ҷиҳати омӯзиши масъалаҳои мавриди таваҷҷӯҳи муҳаққиқро пешакӣ муайян мекунад. Дар мавриди мавзуи тадқиқоти мо, барои он ки ба моҳияти масъала хубтар сарфаҳм равем, тасмим гирифтем, ки нахуст ба сарчашмаҳои таълимоти антропологии Абдураҳмони Ҷомӣ рӯ орем. Дар робита ба ин, барои пайдо намудани тасаввуроти комилтар дар бораи таълимоти Ҷомӣ дар бораи инсон зарур аст, ки мо ҳадди ақал ба масоилии умумии инсон шинос шуда, баъдан ба робитаи ӯ бо тасаввуф ва осори бевосита сӯфиёнаи ӯ аз наздик ошноӣ дошта бошем. Ҳенри Корбен Абдурраҳмони Ҷомиро аз сӯфиёни силсилаи нақшбандия ва шайхи ӯ - Саъдуддин Муҳаммади Кошғарӣ (ваф.1456)-ро муриду ҷонишини Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд (1309-1383) медонад. Ин матлабро як силсила муҳаққиқони муосир, аз ҷумла Мусо Раҷабов, Забеҳулло Сафо, Аълохон Афсаҳзод, Аҳмадҷон Муҳаммадхоҷаев ва М.Султонов таъйид ва тасдиқ намудаанд. Агар ба ин масъала бо диққат назар афканем, маълум мегардад, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳанӯз дар замони таҳсилоташ дар Самарқанд бо таълимоти нақшбандия шиносоӣ пайдо карда буд ва пас аз муҳоҷират ба Ҳирот, на фақат ба мутолиаву таҳсили улуми расмӣ (ақлу истидлол), балки ба таҷрибаи шахсиву дониши ботинӣ ва тасфияи қалбӣ пардохт. Барои ноил шудан ба моҳияту зарофат ва шеваи дониши ботинию сулуки сӯфиёна ду нафар аз намояндагони бузурги нақшбандия дасти иродат ба ӯ доданд. Аввал Ҷомӣ намояндаи барҷастаи ишқу тасаввуф Саъдуддини Кошғариро пири маънавии худ интихоб кард.

Ба нақшбандия рӯ овардани Ҷомӣ бо шиносоии ӯ бо ҳамин пири маънавиаш шуруъ шуд. Ногуфта намонад, ки худи Мавлоно аз кӯдакӣ ба нақшбандия ҳусни таваҷҷуҳ дошт. Ӯ баъди ошноӣ бо Саъдуддини Кошғарӣ ба нақшбандия

иродат меварзид ва дар баъзе осори худ пазируфтани усули нақшбандияро, ки аз 11 асл (ҳуш дар дам, назар бар қадам, сафар дар ватан, хилват дар анҷуман, ёдкард, бозгашт, нигаҳдошт, ёддошт, вуқуфи замонӣ, вуқуфи ададӣ ва вуқуфи қалбӣ) иборат буд, эълон медошт. Ба ибораи дигар, усуле (аслҳои 1-8), ки Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ - чаҳорумин халифаи Юсуфи Ҳамадонӣ - танзим намуда буд ва Баҳоуддини Нақшбанд бо се усули дигар (аслҳои 9-11) онро такмил намуд, қабул дошт.

Агар ин аслҳо ба таври умумӣ мавриди арзёбӣ қарор гиранд, 10 асл аз ин усулҳо баёнгари ду маъност - парҳез кардан аз ғафлату ғайбат ва ҳузури дил ба худост. Ин масоил дар тадқиқоти А. Муҳаммадхоҷаев ироа шудаанд. Вале худи Ҷомӣ зимни баррасии боварҳои аҳли тариқат дар «Нафаҳот-ул-унс» ва дигар осори манзуму мансураш ба баъзе нуктаҳои ҷолиби таълимоти нақшбандия ишора намудааст. Масалан, ӯ дар охири рисолаи «Шарҳи рубоиёт дар ваҳдати вуҷуд» аслҳои 9-11 (вуқуфи замонӣ, ададӣ ва қалбӣ)-ро баррасӣ намуда, пайваста таъкид мекунад, ки дар назди Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд муҳимтарин асл вуқуфи қалбист, зеро хулосаи он чи мақсуд аст, аз зикр дар вуқуфи қалбӣ ҳосил хоҳад шуд. Мавлоно танҳо баъди гузориши вуқуфи қалбӣ аслҳои дигарро мавриди таҳлил қарор медиҳад ва бо тадқиқи «ҳуш дар дам» ва «хилват дар анҷуман» рисоларо ба итмом мерасонад.

Баъзе муҳаққиқон зимни баррасии таълимоти тасаввуфии Абдурраҳмони Ҷомӣ бахши эътиқоди ӯ дар нақшбандияро ҷанбаи амалӣ ва пазируфтани низоми «ваҳдати вуҷуд»-и Ибни Арабиро ҷанбаи назарии таълимоти тасаввуфии ӯ пиндоштаанд, ки ин масъала боиси тааммул ва эҳтиёҷ ба арзёбии муҷаддад дорад. Ба ҳар ҳол, менависад А.Афсаҳзод, Мавлоно Ҷомӣ то мусаллат шудан ба таълимоти сӯфия, шуҳрати иҷтимоии шоён ва дар байни орифон эътибору нуфуз ва назари намоён надошт, вале баъди гароидан ба пири худ, таҳти назари ӯ ба риёзату муҷоҳида пардохтан, шефтаи донишҳои ботинии пирони маънавии худ гардидан роҳу расми маърифати шуҳудиро чунон бо илҳоми баланд омӯхт ва дар ин ҷода тавфиқ ёфт, ки дар як муддати

кӯтоҳ дар шумораи пешравони аҳли тасаввуф ва аз ҷумлаи бузургони тариқати нақшбандия қарор гирифт.2

Баъди вафоти Саъдуддини Кошғарӣ, тибқи иттилои шогирдаш Абдулғафури Лорӣ, Мавлоно Ҷомӣ ба ҷонишини вай - Насируддин Абдуллоҳи Аҳрор (1402-1490), ки яке аз асарҳои ҳафтгонаи худро баъдтар ба унвони эҳтиром ба ӯ бахшида буд, содиқона иродат намуд ва борҳо бо ӯ дар Самарқанду дигар шаҳрҳои Хуросон мулоқот дошт ва ҳамвора бо ӯ дар мукотиба буд.1

Мукотибот ва баҳсҳои Ҷомӣ бо Абдуллоҳи Аҳрор бештар дар мавзуъҳои ақоиди нақшбандия, тарҳи сайру сулук, афкору орои Муҳийюддин ибни Арабӣ ва таълимоти ӯ дар бораи «ваҳдати вуҷуд» буд. Ҷомӣ дар бораи Абдуллоҳи Аҳрор баъдтар чи дар девонҳояш ва чи дар дигар осори худ ба некӣ ёд кардааст ва пас аз марги ӯ таркиббанде низ навишта, сӯгворий худро нисбат ба ӯ сӯгворий аҳли фазл ба қалам додааст:

Мавҷзан мебинам аз ҳар дида тӯфони ғаме,

Мерасад бар гӯшам аз ҳар лаб садои мотаме…

Абдурраҳмони Ҷомӣ тибқи маълумоти шогирдони ёдшуда аз овони ҷавонӣ ба тасаввуф ҳусни таваҷҷуҳ дошт ва баъди зери назари муршидони хеш тавфиқ ва иноят пайдо кардан ба омӯзиши тасаввуф ва орои намояндагони алоҳидаи он, ба мисли Фахруддини Луристонӣ, Шайх Баҳоӣ, Шамсуддин Муҳаммади Асад, Ҷалолуддини Пуронӣ ва бисёр дигар сӯфиён пардохт. Бо ҳамин восита ӯ мехост, ки тариқати нақшбандия ва таблиғоти онро ба роҳ монад. Бо навиштани осори тасаввуфӣ Ҷомӣ худро яке аз бузургтарин шореҳони тасаввуф ва шоирони сӯфимашраби форсигӯ дар ҷаҳони ислом муаррафӣ намуд.

Чунин нуктаро дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки дар шарҳҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ халлоқият, муносибати эҷодкорона дар назарияи маърифати тасаввуфӣ ва назари интиқодӣ ба сулуки ирфонӣ камтар дида

1 Афсаҳзод А. Нақд ва баррасии осору шарҳи аҳволи Ҷомӣ. – Теҳрон, 1378. - С.130.

2 Лорӣ Разиюддин Абдулғафур. Такмилаи ҳавошии Нафаҳот-ул-унс. - Теҳрон, 1378. . – С. 23-26.

мешавад, зеро ӯ сайру сулуки сӯфиёнаро худ тай накарда ва аҳволи (ҳолатҳои руҳии) сӯфиёнаро дар мақоми мухталифи он эҳсос намудааст. Вале ӯ тавонистааст, ки аз тариқи омӯзиши амиқ ва мушоҳадаву таҷрибаҳое, ки зимни омӯзиши сулуки сӯфиёна аз устодони худ касб намуда буд, беш аз як муфассир дар шинохти таълимоти ирфонӣ вориди саҳнаи амал шавад. Таълифи «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс» далели гуфтаҳои боло барои шиносонидани машоихи суфия мебошад.

Маъхази аслии ин китоб иттилоот дар бораи сӯфиёнест, ки бо ҳиммати Суламии Нишопурӣ ба забони арабӣ тадвин шуда буд. Ҷомӣ онро тарҷума кард ва саргузашти бисёре аз шайхону орифони то замони худро ба он афзуд. Он ҳарчанд ки дар бораи 606 нафар аз сӯфиёни бузурги олами ислом иттилоъ медиҳад, хонанда муаллифро ҳамчун ровии гӯё қабул мекунад, зеро дар он таҳлили маротиби вуҷуд, аҳвол ва мақоми сӯфиён, иртиқои нафс, сайру сулуки сӯфиёна ва ҷадали ирфонӣ ба назар намерасад. Ин масъаларо бисёр муҳаққиқон қайд карда, аз ҷумла ёдовар шудаанд, ки иттилооти ироашуда аз назари таърихи тасаввуф ва масири инкишофи он хеле арзишманд ва дар омӯзиши маорифи исломӣ мақоми намоёнро ишғол мекунад. Бидуни тардид метавон гуфт, ки тасаввуф бо зуҳури Ҷомӣ аз тасаввуфи зуҳду ваҷду завқ ба ирфони назарӣ ворид шуд. Ҳарчанд ки дар ин ҷодда Абдурраҳмони Ҷомӣ бевосита мабдаи баҳс ба шумор намерафт, вале ноқилу шореҳи афкори машоихи ғарби ҷаҳони ислом ба мисли Муҳийюддин ибни Арабӣ ва Садруддини Қунавӣ шуд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ ба Ҳофизи Шерозӣ низ эҳтироми хосса дошта, аз эҷодиёти ӯ илҳом гирифтааст. Дар «Нафаҳот-ул-унс» дар бораи Ҳофиз навишта, ки мулаққаб шудани ӯ ба «Лисон-ул-ғайб» ва «Тарҷумони асрор» ду омил дорад. Яке аз он омили моваридуттабиӣ (метафизикӣ) аст, ки иборат аз баёни асрори ғайбӣ ва маонии ҳақиқӣ бо забони маҷоз аст ва мурод аз он баёни маъниҳои ирфонӣ дар шеър аст. Омили дуюм хусусияти илмӣ дорад ва он иборат аз адами такаллуф мебошад.1 Ҷомӣ ҳамчун шоири ориф, ки худ

---

1 Ҷомӣ Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс. - Теҳрон, 1370.- С.611.

муршид надошт ва ҳеҷ гоҳ ба манзилаи пири тариқат шинохта нашуда буд ва таҳаммули бори шайхиро низ надошт, роҷеъ ба муршид надоштани Ҳофиз низ назари худро иброз дошта, аз ҷумла дар «Нафаҳот-ул-унс» менависад: «Маълум нест, ки вай дасти иродати пире гирифта ва дар тасаввуф ба яке аз ин тоифа нисбати дуруст карда, аммо суханони вай чунон бар машраби ин тоифа воқеъ шудааст, ки ҳеҷ касро он иттифоқ наафтодааст»2

Шояд Ҷомиро низ мисли Ҳофиз дар радифи сӯфиёни бидуни муршиду бидуни мурид, вале пайрави тариқат дохил намудан ҷоиз бошад. Ин матлаб аз таҳлили осори тасаввуфии Абдурраҳмони Ҷомӣ ба хубӣ равшан хоҳад шуд. Тарбияи Ҷомӣ хусусияти руҳонӣ дошт ва умури динию ирфонӣ ва фалсафиро шомил мешуд. Чун дар ҷомеаи исломӣ, хусусан дар рӯзгори ориёиён суннати дерини фалсафию ирфонӣ ва ишроқӣ вуҷуд дошт, он ҳамаи бузургони фазлу ҳикматро ба меҳвари худ мекашид ва дар ин росто Абдурраҳмони Ҷомӣ истисно набуд. Аз ҷавонӣ ба дину тасаввуфу ирфон, ки ҳар се мавзуи муштарак доштанд ва роҷеъ ба зоту сифоти илоҳӣ баҳс мекарданд, машғул буд ва пас аз мусаллат шудан дар ин соҳаҳо, бахусус ба тасаввуф ба навиштани осори ирфонии худ пардохт.

Маврид ба зикри хос аст, ки андешаҳои антропологӣ на дар асрҳои миёна ва на дар тасаввуфи исломӣ пайдо шудаанд, вале аввалин ақидаҳо дар бораи инсон хеле пеш аз он, ки фалсафа мақоми илмро пайдо кунад, ба вуҷуд омадаанд. Дар бораи табиат ва ҳадафи инсон, мавҷудияти ӯ дар ривояту афсона ва навиштаҷот гуфта мешуд. Фаҳмиши фалсафии инсон маҳз дар заминаи ғояҳо ва образҳое, ки дар онҳо ҷойгир шуда буданд ва дар муҳити муколамаи фалсафа ва мифология ба вуҷуд омада буданд, зуҳур кардааст. Ҳамин тавр, аввалин таълимот дар бораи инсон дар мамлакатҳои Шарқи Қадим, хусусан дар Эрон (зардуштӣ) ва дар сохторҳои давлатии Осиёи Миёна пайдо шудаанд.[1] Афкори фалсафӣ ва антропологии форс-тоҷик ҳамеша ва дар ҳама давру замон гуногунии бархӯрдҳоро ба масъалаи инсон нишон додааст.

2 Ҳамон ҷо.- С.612.

1 Таърихи фалсафаи тоҷик. Фалсафаи аҳди қадим. Дар 5 ч. Ҷ.1. – Душанбе, 2011.. – С. 270-271.

Албатта, дар тули садсолаҳо муносибатҳои маънавӣ ва ҷаҳонбинии ҳукмрон тағйир ёфтаанд. Меҳрпарастӣ, зардуштӣ, ислом ва ғайра, ҷараёнҳои фалсафию теологӣ ва мактабҳо дар ин масъала роҳи ҳалли худро пешниҳод кардаанд, яъне дидгоҳи худро дар бораи инсон ва мавҷудияти ӯ ба таври худ пешкаш кардаанд. Фалсафаи форсӣ-тоҷикӣ аз рӯи рӯҳи худ на танҳо шахсияти амиқ дорад ва инсонро ба худ ҷалб мекунад, балки дар шарҳи ҳама гуна мушкилоти фалсафӣ бештар аз ҳамин падида бармеояд.

Масалан дар дини зардуштӣ маънавиёти инсонӣ, ахлоқи инсонӣ ба сатҳи тартиботи ҷаҳонӣ бардошта шуда, мафҳуми ахлоқии некиву бадӣ асоси ҷаҳонро ташкил медиҳад, олами беохири гирду атроф ва тамоми таърихи башарият бар мубориза ва мувозинат такя мекунад. Консепсияи эманатсия дар либоси анъанаҳои устуравӣ ва фалсафии эрониёни бостон ва дигар халқҳои Шарқи Наздик ва Миёна ҷой гирифтааст.[1]

Муаллифони китоби «Фалсафаи классикии буддоӣ» СбП., 1999. Ермакова Т.В., Островская Е.П. Рудой В.И. дар бораи буддизм, фалсафаи аввали асрҳои Миёна чунин менависанд: “Шарқи мусулмонӣ инсонро «маркази маънои коинот» медонад ва тамоми масъулият дар назди табиат ва олами ҳайвонот дар фалсафаи мусулмонӣ бар души инсон гузошта шуда, зиёда аз ин, ӯ худ ва оламро тавассути дониш наҷот медиҳад. Дар ин бора машшоиёни Шарқ, намояндагони Ихвон-ус-сафо (масалан, «Шикояти ҳайвонҳо ба назди подшоҳи ҷинҳо аз одам»), суфиҳо, мазҳаби исмоилия ва дигарон, инчунин Абулқосими Фирдавсӣ дар ин бора менависанд.[2] Умари Хайём низ ҳаминро ақидаро ҷониборӣ карда мегӯяд, ки агар тамоми олам, ҷаҳонро метавон дар шакли ҳалқа муаррифӣ кард, пас одами дар он бударо метавон ба ёқути ин ҳалқа монанд кард.

Алоқамандии ду қисмати ҷаҳон (коинот ва инсон-ҷомеа) дар мафҳуми параллелизми макрокосмос ва микрокосмос дар осори Розӣ, Берунӣ ва Ибни Сино асоснок карда шудааст. Масалан, масъалаи инсон, моҳият, арзишҳои ӯ,

1 История таджикской философии. С древнейших времен до XV в. Том. II. – Душанбе, 2012. . – С. 20.
2 История таджикской философии. С древнейших времен до XV в. Том. II. – Душанбе, 2012. . – С. 21.

маънии ҳаёт, сарнавишти таърихии ӯ ҳамеша дар эҷодиёти Розӣ мавқеи асосиро ишғол кардааст. Гузашта аз ин, идеали асосие, ки ӯ ба он раҳнамоӣ мекард, ҳаёти инсон ҳамчун ҳаёти маънавие буд, ки ба ваҳдати ҳақиқат ва некӣ, дониш, зебоӣ, саломатӣ ва адолат асос ёфтааст.

Берунӣ коинотро таҳқиқ намуда, одам ва ҷамъияти инсониро дар маркази диккат мегузорад. Ӯ менависад: «...бояд нафси худро аз сифатҳои (бади) бештари мардум фосид ва аз сабабҳое, ки инсонро аз ҳақиқат кӯр мекунад, яъне аз одатҳои реша, нашъамандӣ, рақобат, итоат ба нафс, ба ҳамин монанд мубориза барои ҳокимият ва ғайра пок созад».[1]

Дар ин росто метавон гуфт, ки фалсафаи асримиёнагии форс-тоҷик ҳамчун идомаи мантиқии ин таълимот ва ҳамчун як навъи махсуси таърихии фалсафа дар тӯли садсолаҳои зиёд дар зери қудрати дин ташаккул ва рушд кардааст. Вобастагии он ба дин дар мазмуни он, хусусияти проблемаҳои асосии муҳокимашуда дар маҷмуъ, ва хусусан проблемаҳои антропология зоҳир мегардид.

Асоси умумии назариявии фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс дар баробари дигар сарчашмаҳо антропологияи Қуръонӣ буд. «Вақте масъалаи мафҳуми Қуръонии инсон ба миён меояд, - менависад Р.Ю. Рахматуллин, бояд дар назар дошт, ки Қуръон китоби дарсии антропология нест, ки барои тавзеҳи биологӣ, этнографӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ пешбинӣ шуда бошад. Қуръон, пеш аз ҳама, китоби динӣ-қонунгузорӣ аст. Ва ҳадафи асосии он нишон додани он аст, ки инсон аз таваллуд то марг чӣ гуна бояд зиндагӣ кунад. Зеро шахсе, ки бегуноҳ таваллуд мешавад (Ислом бар хилофи дини насронӣ мавҷудияти гуноҳи аслиро дар инсон рад мекунад) заиф аст ва ба ҳимояи Худо ниёз дорад. Пас аз ронда шудани Одам, Худо инсонро бе кӯмаки худ нагузошт: Худо ба ӯ роҳи дурустеро нишон дод, ки ба ҳаёти хушбахтона ва ҷовидонӣ мебарад".[2] Антропологияи Қуръон дар маҷмуъ дар се системаи асосӣ ба вуҷуд меояд: чӣ

1 Беруни. Памятники минувших поколений. Т.1. 1957. . – С. 11.
2 Рахматуллин, Р.Ю. Кораническая антропология//Молодой ученый. – 2014. № 10. . – С. .561-563.

гуна инсон бояд робитаи худро бо Худо эҷод кунад, чӣ гуна бояд некиро аз бадӣ фарқ кунад ва дар ниҳоят, чӣ гуна метавонад наҷот ёбад.

Андешаҳои антропологии Абдураҳмони Ҷомӣ маҳз дар зери таъсири таълимоти дини ислом ва мутафаккирони исломӣ ба вуҷуд омада рушд ёфтааст. Агарчи андешаҳои сӯфиёнаи Ҷомӣ ба мисли Ибни Арабӣ, Абдулкарими Ҷилӣ (Гейлонӣ), Азиз Насафӣ, Маҳмуди Шабистарӣ ва дигарон дар китоби мустақиле баррасӣ нагардида бошад, вале баррасии он дар қисматҳои гуногуни маснавиҳо, ғазалиёт ва рубоиёти ӯ пароканда вуҷуд дорад. Аз тарафи дигар, он китобҳои алоҳидае, ки махсус ба тасаввуф бахшида шудаанд («Лавоеҳ», «Нақду-л-фусус» ва ғ.), зарур ба таҳқиқанд. Ба истиснои чанд китоби алоҳида, ки бо забони форсӣ: («Шарҳи байтайни Маснавӣ», «Шарҳи рубоиёт» ва ғ.) ва бо забони арабӣ: («Шарҳу-л-фусусу-л-ҳикам ли-л-шайх Муҳиддин Ибн ал-Арабӣ») таълиф ёфтаанд. Нисбати он китобҳое, ки бо забони форсӣ ва омехтаи забони арабӣ таълиф шудаанд кор он қадар саҳлу осон нест, зеро он забони илмие, ки дар байни зиёиён ва равшанфикрони ҳамзамони Ҷомӣ мутадовил аст барои муҳаққиқони муосир мушкилоти зиёдеро ба бор меоварад, ки ҳар муҳаққиқ аз ӯҳдаи дарки мазмуни он ва махсусан истилоҳоти ирфонӣ-фалсафии он баромадан наметавонад. Ҳамин нуктаро бояд махсус таъкид кард, ки Ҷомӣ яке аз тарғибгарони таълимоти ваҳдати вуҷуд аст, ки ба китоби мураккабтарини Ибни Арабӣ бо забони арабӣ «Фусусу-л-ҳикам» шарҳ навиштаат.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки барои Абдураҳмони Ҷомӣ манбаи илҳом ва сарчашмаи эҷоди осор таълимоти Қуръон ба ҳисоб меравад. Махсусан, дар масъалаи ҳастии инсон, мақсаду моҳияти ин шакли ҳастӣ ва дараҷаи такомули он ба китоби мазкур такя намудааст. Ояҳои қуръонӣ, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ба онҳо истинод менамояд, на хусусияти кӯҳнапарастиву консервативӣ, балки хусусияти ақлгароӣ доранд. Аз ҷумла «**хилофати Аллоҳ дар замин**» - «**халифату-л-лоҳ фи-л-арз**» (Бақара, 30), соҳиби «**амонати илоҳӣ**» (ояти 72 сураи Аҳзоб) будан, озмоишу санҷиш ва ибодати хеш («**Он ки маргу зиндагиро офарид, то шуморо биозмояд, ки кадоми шумо дар**

**амал некӯтар аст**», 67. Мулк, 2), яъне барои ибодат кардани Худо офарида шудани инсон («**Ва мо халақту ал-ҷинна ва-л-инса илло лияъбуду**» Зориёт, 56) дар адабиёти сӯфиёна бо ҳар роҳу воситаҳо тарғиб карда мешавад. Ба андешаи Ш.Абдуллоев «Агар сохтори аносири маънавии Қуръонро ба назар оварем, пеш аз ҳама ду мафҳуми бунёдӣ, ду ҷиҳати ба ҳам муқобили қутбсоз дар он ба назар мерасад, ки дар як қутби он «Аллоҳ» ва дар қутби дигари он «Инсон» аст».[1]

Дар робита ба гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки дар як гурӯҳи оятҳо инсон ҳамчун «**халифа**» ошкор гашта (масалан, Бақара, 30; Анъом, 165; Намл, 62; Фотир, 39 ва ғ.) ва дар гурӯҳи оятҳои дуввум инсон **ҳамчун ягона махлуқе** шарҳ ёфтааст, ки Худо ба ӯ рӯҳи худро дамидааст (мас., Ҳаҷр, 29, Саҷда, 9, Сод: 72), яъне Худо дар миёни офаридаҳои худ танҳо инсонро муносибу сазовор ва шоистаи «рӯҳи Худ» гардонидааст ва дигар махлуқон аз ин шараф маҳруманд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили оятҳои болоӣ метавон ба натиҷа расид, ки асоси ғоявии мутафаккирони асрҳои миёнаро таълимоти ратсионалӣ ва ҳидояткунандаи Қуръону суннат, ки ах хурофот то андозае дуранд ташкил медиҳанд. Ҳамин аст, ки чунин андешаҳоро дар мавриди исботи андешаҳои худ ва таълимоти файласуфон ва мутафаккирони юнонӣ – Афлотун, Арасту, Фулутин (Плотин) ва диг. Истифода менамуданд, ки ғояҳои аксари онҳоро донишмандони исломӣ пазируфта, ба таври худ онҳоро аз нав коркард намуда, дар мувофиқа бо таълимоти ислом онҳоро тавсеъа бахшида, таълимотҳои гуногуни худро пешниҳод намудаанд.[2]

Барои фаҳмидани андешаҳои ирфонии Абдураҳмони Ҷомӣ талош кардем, ки мӯҳтавои қаблии ваҳдати вуҷудро дар тар таълимоти бархе аз пешиниёни ақидавии ӯ мавриди баррасӣ қарор диҳем. Ин равиш барои муҳаққиқ бештар муфид аст. Аввалан, мо дар бораи таълимоти инсони комил

---

1 Абдуллоев, Ш. Фалсафаи одамият, с. 86.
2 барои маълумоти муфассал нигоҳ кунед ба китобҳои Бертелс «Суфизм и суфийская литература», М., ва Одинаев Ё. Абдурахман Джами (мистико-философские воззрения, Душанбе «Ирфон», 2009, с. 56-85.

дониши ибтидоӣ дорем ва дуюм, имкони ворид шудан ба олами андешаи ирфониро дорем. Сеюм, ин усули гузориш имкон медиҳад, ки ба далели фаровонии адабиёти таҳқиқотӣ дар бораи онҳо аз тарҷума ва тафсири осор ва осори мутафаккирон худдорӣ кунем. Нахуст назароти Ибни Арабиро ба унвони асосгузори ин эътиқод ёдовар мешавем ва сипас зарурати таҳлили ҳар як ибораро бо осори назарияшиносони ин ақида монанди Ҷиллӣ, Нафисӣ, Шабистарӣ ва Румиро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Яке аз мушкилоти баррасии масъалаи “инсони комил” ин буд, ки роҷеъ ба ин масъала ягон назарияи ягона аз ҷониби муҳаққиқон пешниҳод карда нашудааст. Ҳама муҳаққиқон масъалаи мазкурро ба таври фаҳмиши худ ва ҳархела баррасӣ кардаанд ва то ирмӯз пурра ва дуруст арзёбӣ нашудааст.

Яке аз ин китобҳо тарҷумаи арабӣ аз ҷониби муҳаққиқи олмонӣ Шрайдер Ҳ. «Назарияи инсони комил дар назари мусалмонон» (Ан-Назарият ал-Ансону ал-Комил Инда Муслим) ва асари дигари Луис Мусин «Ал-Ансону ал-комилу фи ал-исломӣ» мебошанд, ки Абдураҳмони Бадавӣ донишманди араб онҳоро ба забони арабӣ тарҷума ва таҳқиқ кардааст. Хулосаи умумии китоби аввал ин аст, ки андешаи инсони комил дар тасаввуфи исломӣ ба авҷи худ расидааст. Вай бар ин назар аст, ки пайдоиши андешаи инсони комил аз андешаи эрониён дар бораи "инсони аввал" сарчашма мегирад, ки марҳалаҳои гуногуни ташаккулро паси сар кардааст. Вожаи «инсони комил» бори нахуст дар шакли «ҷаомаретан» ба маънои «ҳаёти фонӣ» ва вожаи «ҷаё» ба маънои «ҳаёт» пайдо шудааст. Нахуст дар китобҳои форсии миёна зикр шудааст, ки баъдан бо номи "Ҷаюмард" ва "Ҷаюкмерт" ва баъдан дар арабӣ ба "Гаюмарс" маъруф шудааст. Ба эътиқоди ин пажуҳишгар, манбаи аслии китоб тақво аст, ки дар порсии миёна онро “Бундаҳишн” ба маънои “бунёд” меноманд.[1]

Аз навиштаҳои аҳли тасаввуф барои расидан ба як Ҷамоли комил бояд ба андешаи онҳо бештар таваҷҷуҳ кард. Масалан, ба ақидаи Насафӣ дараҷаи олии «инсони комили озод» ҳашт сифатро тақозо мекунад: гуфтори нек, кирдори нек, ахлоқи нек, маърифатнокӣ, дурӣ аз дунё, зоҳидӣ ва бо кам қаноат

1 Ниг. Абдурраҳмони Бадавӣ, «Ал-инсону-л-комили инъда-л-муслимин» таълифи Н.Н. Шрайдер, с. 23.

кардан. Воқеан, ин ҳашт сифат ба маънои том на танҳо сифатҳо, балки роҳҳо ва василаҳои расидан ба ҳолатҳои муайяни рӯҳӣ ва фикрӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ба назари мо, зебоӣ аксар вақт ҳамчун зебоии ботинӣ ва ноаён ҳисобида мешавад.

«Бидон, ки инсони комил он аст, ки дар **шариат, тариқат ва ҳақиқат тамом бошад**. Ва агар ин иборатро фаҳм намекунӣ ба иборати дигар бигӯям: бидон, ки инсони комил он аст, ки ӯро чаҳор чиз ба камол бошад. **Ақволи нек, афъоли нек, ва ахлоқӣ нек ва маърифат**. -Ай дарвеш! ҷумлаи соликоне, ки дар сулуканд дар ин миёнанд ва кори соликон ин аст, ки ин чаҳор чизро бо пурагӣ аз бар намоянд. Ҳар ки ин чаҳор чизро ба камол расонид, ба дараҷаи камолот, ки ҳамон инсони комил аст, расидааст. Ай басо касоне, ки дар ин роҳ омадаанд ва дар ин роҳ рафтанд ва ба мақсуд нарасидаанд ва мақсуд ҳосил накардаанд. Чун инсони комилро донистӣ акнун бидон, ки ин инсони комилро асмои бисёре аст бо сифот ва эътиборот бо асомии мухталиф, ки зикр кардаанд.

Ай дарвеш! Инсони комилро **шайх ва пешво ва ҳодию маҳди гуянд, ва доною болиғ, комилу мукаммал низ гӯянд**. Ва аммо **халифаву қутб ва соҳиби замин гӯянд, ҷоми ҷаҳонамо, оинаи гетинамо, тароиқи бузург ва касиру бузург аъзам гӯянд, инчунин Исо гӯянд, ки мурда зинда мешавад ва Хизр гуянд, ки оби ҳаёт хурдааст ва Сулаймон гӯянд, ки забони мурғон медонад** ва ин инсони комил ҳамеша дар олам бошад ва зиёда аз як набошад аз ҷиҳати он ки тамоми мавҷудот ҳамчун як шахс аст ва мавҷудот бе дил натавонанд дод; пас инсони комил ҳамеша дар олам бошад; ва дил зиёдат аз як набошад.

Ай дарвеш! (инсони комил) тамомати олам ҳамчун ҳаққе аст пурроз, ки афроде дар он мавҷуданд. Ва аз ин мавҷудот ҳеҷ чиз ва ҳеҷ касро аз худ аз ин Ҳақ хабаре нест, ило инсони комилро, ки аз худ ва аз ин Ҳақ хабар дорад ва дар малаку малакут ва ҷабарут ҳеҷ чиз бар вай пӯшида намондааст. Эшонро камоҳия ва ҳикмати ашёро камоҳия медонанд ва мебинанд. Чун инсони комил худро бишинохт ва ба лиқои Худованд мушарраф шуд ва ашёро ба пуррагӣ ва

ҳикмати ашёро ба пуррагӣ бидонисту бидид. Баъд аз шинохт ва лиқои Худо ҳеҷ коре баробари он надид ва ҳеҷ тоате беҳтар аз он надонист, ки роҳат ба халқ расонад ва ҳеҷ роҳате беҳтар аз он надид, ки бо мардум чизе гӯяд ва чизе кунад, зеро чун мардум чун он бишунавад ва ба он кор кунанд. Дунёро ба осонӣ бигзаранд ва аз балоҳо, фитнаҳои ин олам эмин бошанд, дар охират растакор шаванд. Ва ҳар, ки чунин кунад, вориси анбиёст. Аз ҷиҳати он, ки илм ва амали анбиё фарзандони анбиё астанд. Пас мероси эшон ҳам ба фарзандони эшон мерасанд то сухан дароз нашавад ва аз мақсуд боз намонад. Инсони комил ҳеҷ тоате беҳтар аз ин надид, ки оламро рост кунад ва ростӣ дар миёни халқ пайдо кунад. Ва одату русуми баъдро аз миёни халқ бардорад ва қоидаву қонуни неке дар миёни мардум биниҳад ва мардумро ба Худой хонад аз азамату бузургворӣ ва ягонагии Худо мардумро хабар диҳад ва мазамматти дунё бисёр кӯмак ва аз тағйиру бесуботии дунё ҳикоят кунад ва манфиати дарвеш ва хамул ба мардум бигӯяд».[1]

Дар тасаввуф инсон на танҳо зинаи олии тахаввули табиат, балки «нусхаи Ҳақ» ҳам мебошад. Тавре дар осори хирадмандони маъруфи асримиёнагӣ дида мешавад, инсон ба ҷаҳон шабоҳатҳои зиёди ҷисмӣ ва маънавӣ дорад ва аз ин рӯ инсон худро аз ҳар ҷиҳат месанҷад ва дар бораи сохт ва таркиби олам ба хулосаҳои мантиқӣ мерасад. Масалан, дар таълимоти космологии мутафакирони Шарқ омадааст, ки устухони одам бо кӯҳҳо, рагу пайи ӯ ба дарёю чуйбор, гӯшту пӯсташ ба замин, магзи сараш ба фалакҳо, ниҳоди ҷонаш ба Худо шабеҳ аст. Пас инсон намунаи комили ҷаҳони офариниш ва пазирандаи олами ҳастист. **Ӯ ба фоъилу мафъул, нозиру манзур, баҳру бар, ҷисму ҷавҳар** ва ғайра тавсиф шуда, чун инсони сағир тамоми ҷаҳони кабирро дар бар мегирад. Зоҳиру ботини оламро аёну ниҳони инсон медонанд ва вусъату ҷаҳону замири ҳолати кайҳонро ба хаёли ӯ шабоҳат медиҳанд, ки тавассути ақл ҷонҳоро дарк мекунанд. Ҳамин хел адамро ба хоб ва бедориро ба ҳастӣ ташбеҳ дода ҳирад ва маънии инсонро чун сифатҳои олами сағир ба аршу курсии олами кабир дар муқоиса медонад ва чаҳор фасли олами кабирро

1«Инсони комил» Азиз Насафи Теҳрон.1376. . – С. -9-10

ба **пирию миёнсолӣ ва тифлию ҷавонӣ** монанд медонанд. Аз ин ҷо чунин бар меояд, ки робитаи инсону кайҳон, олами сағир ва олами кабир заминаи таърихию мадании шайъӣ дорад. Агар дар олам замину осмон бошад, дар одам аз ноф боло осмон аз он поён замин ва агар дар олам чор унсурро бинем, дар одам низ гӯш - хок, чашм-оташ, бини-бод ва даҳон-об аст.[1]

Аз мисолҳои боло маълум мешавад, ки тамоми мавҷудоти ҷисмонӣ пайванди рӯҳӣ доранд, ки на аз замони ислом сарчашма мегиранд, балки риштаи он аз андешаҳои тоисломии мардуми Шарқ сарчашма мегирад. Пайванди ин андеша бо таълимоти Конфутсий, Зардушт ва рӯҳониён созгор аст. Тавре дар «Авесто» омадааст: «Ҷисми инсон мисли ҷаҳон бувад», ин мафҳум иртиботи ботинӣ ва берунии ҷаҳон ва инсонро дар эътиқоди қадимӣ инъикос мекунад. Ба гуфтаи А.Турсон, тарзи ибтидои устураи маздоия дар бораи одами аввалин Каюмарс мебошад, ки дар «Шаҳнома»-и Фирдавсӣ ба унвони нахустин кадхудо зикр шудааст.

Мувофики таълимоти Зардушт ҳар марду зан чӣ ғанию чӣ фақир мебоист аз шаш сифати эзидӣ (**ростию, дурустӣ, ниҳоди пок, иқтидори муқаддас, ишқу муҳаббат, камоли маънавии ҷисмонӣ, ҷовидонию бемаргӣ**) баҳраманд гардад ва онҳоро дар замири худ парвариш диҳад, то ба ин восила саодати худ ва дигаронро таъмин созад. Фақат шахс дар ин ҷаҳон ба авҷи камолот расида, растагор мешавад. Моҳияти назари «**инсони қадим**»-и Монӣ ва «**одами кадмун**»-и мутакалимони Яҳуд низ пояи тасдиқи ҳамин фикранд. Ҳамин масъалаи олами улвию сифлиро баъдтар Шаҳобуддини Сухравардӣ ҳангоми ташаккули системаи фалсафии худ, ки бо фалсафаи Эрони бостон робитаи қавӣ дорад тадқиқ намуда, дар мисоли **муносибати нуру зулмат** ҳамчун ду тимсоли як ҳақиқати воқеъӣ аз назари фалсафӣ асоснок менамояд.

Агар ба таври мушаххас баён намоем, Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ аз табори он мутафаккиронест, ки андешаҳои арзишноки пешиниёнро эҳтиром ва қабул намудааст, вале бештар ба калом, ирфон ва ишроқияи асримиёнагии Шарқ таваҷҷуҳ дорад. Гурӯҳе аз донишмандон, ба мисли Алиасғари Ҳикмат,

1 Ҳамон ҷо. Саҳ. 12

Носири Некӯбахт ва дигарон Ҷимиро пайрави ашъария маънидод менамоянд, вале «дар мавриди машраби каломӣ-фалсафии Ҷомӣ ихтилофи назар кам аст» [1]. Исботи андешаи фавқ, илова ба баррасии масоили каломӣ дар осори дигар, таҳияи асари алоҳида бо номи "Дуррат-ул-фохира" мебошад, ки муҳтавои асосии онро баррасии баҳсҳои каломӣ ташкил менамояд. Асари зикршуда бо хоҳиши Султон Муҳаммади дувуми Усмонӣ таҳия гардидааст ва ифодагари он аст, ки Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ бо осори каломии пешгузаштагони худ шиносоии комил доштааст. Мутафаккир зимни баёни масъалаҳои зикршуда ба мутакаллимон ва орифни пешгузаштаи худ истинод намуда, ҳамзамон бо онҳо баҳс мерояд, ки гувоҳ аз тафаккури илмӣ ва қобилияти муқоисавию таҳлилии ӯянд. Бо итминон метавон гуфт, ки андеша ва мубоҳисаҳои мутафаккир дар ин асар нишон медиҳанд, ки "вай бар илми калом ва фалсафаи исломӣ, тасаввуф ва ирфон иҳотаи комил дорад ва асари "Дуррат-ул-фохира" дар омӯзиши ақоиди каломӣ-фалсафии вай аҳамияти баланд дорад" [2] .

Ҳамин тариқ, Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ пайравӣ ба каломи ашъарӣ бештар пайравӣ намуда, муътазилиёнро мавриди танқид қарор медиҳад. Аз ҷумла, масъалаи "ҷабру ихтиёр"-ро, ки аз зумраи сербаҳстарин масоил дар таърихи фалсафа ба ҳисоб меравад, бо усули ашъарӣ, дар пайравӣ аз Абӯҳомиди Ғаззолӣ баррасӣ менамояд. Дар мавриди "ҷабру ихтиёр" Ғаззолӣ менависад: "Пиндорӣ, ки ба дасти одамӣ чизест ва ин хатост, ки одамӣ дар нақши ихтиёри хеш маҷбур ва музтар аст, ки кори вай дар банди қудрат аст ва қудрат мусаххари иродат аст, то кунад, ки хоҳад... Пас чун қудрат мусаххари иродат аст ва иродат ба дасти вай нест, пас ҳеҷ чиз ба дасти вай набувад" [3].

Абдураҳмони Ҷомӣ дар фасли «Дар баёни саволу ҷавобе, ки чун бандаи мухтор дар ихтиёри худ маҷбур бошад, ихтиёри вай ба ҷабр роҷеъ шавад, пас ҳикмати таклифи вай ба авомиру навоҳӣ чӣ бошад?» бо мисолҳои айнӣ доир ба ҷабру ихтиёр дар аъмоли инсон муҳокима ронда, қайд мекунад, ки «Худованд барои ҳар шайъе афъоле сабабу мусабба ваш арту машрут эҷод

1 Низомов, М. "Ҳафт авранг"-и Ҷомӣ ва суннати достонсароӣ дар асри XV. –Душанбе, 2014. . – С. 20
2 Низомов, М. "Ҳафт авранг"-и Ҷомӣ ва суннати достонсароӣ дар асри XV. –Душанбе, 2014. . – С. 22
3 Ғаззолӣ, М. Арзёбии мероси фикрии мусулмонон. –Теҳрон, 1382. . – С. 23

кардааст. Яъне чун аъёнро офарид, сифати ҳар яке аз дигаре фарқ мекунад ва ин шарти дигаре ва он машрут аст» [1].

Манбаи эҷод ва сарчашмаи назариявии таълимоти Абдураҳмони Ҷомиро асосан андешаҳои ирфонӣ ва намояндагони барҷастаи ин мактаб ташкил менамоянд. Мутафаккир дар баробари пайравӣ кардан аз Ибни Арабӣ ва пайравони ӯ, инчунин ба шарҳу тафсири осори зиёди ирфонӣ даст задааст, ки аз эҳтироми самимии ӯ ба ин мактаб шаҳодат медиҳад. Аз ҷумлаи шарҳҳои мутафаккир ба осори ирфонӣ асарҳои Ибни Арабӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Хоҷа Муҳаммади Порсо, Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор ва дигарон мебошад. Таъсири ақоиди суфия ба Абдураҳмони Ҷомӣ то он дараҷа аст, ки мутафаккир бо вуҷуди донишу заковат дар илмҳои шаръиву каломӣ ва қадру манзалати муҳаддисию фақеҳи дар доираи фарҳангии замони хеш, ба ирфон майл намуда, дилбастагии худро ба ин мактаб ифшо намуд. Дар ин раванд, агар аз як ҷониб муҳити хонаводагӣ заминаи мусоид фароҳам оварда бошанд, аз ҷониби дигар таъсири осори суфия баландтар мебошад. Пайвастан ба тариқати нақшбандия ва риояи усулҳои назариявию амалии ин мактаб шоҳиди дилбохтагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба тасаввуфу ирфон ва сарчашмаи эҷоди худ интихоб намудани ҳамин таълимот мебошад.

Ногуфта намонад, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ирфони назариро пайравӣ намуда, худ ва пайравонашро ба ахлоқи неку ва муносибати самимона бо аҳли ҷомеа даъват мекард. Ирфони мутафаккир узлату гӯшанишинӣ ва мардумбезорӣ набуда, балки «хизмати мардум»-ро шарти асосии ибодату парҳезкорӣ медонист.

Дар қасидаи «Рашҳи болин би шарҳи ҳолин» менависад:

Нашуд зи илми муҷаррад чу коми ман ҳосил,

Бар он шудам, ки кунам он улумро эъмол.

Задам қадам ба сафи сӯфиёни софидил,

Ки нест мақсадашон аз улум ҷуз аъмол… (Девон, с.78)

1 Ҷомӣ, А. Ҳафт авранг. –Терон, 1378. . – С. 100

Хулоса, Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ мутафаккирест, ки бо эҳтиром аз тамоми макотиб ва мутафаккирони пешгузаштаи худ ёд намуда, саҳми онҳоро дар рушди шахсият ва камолоти маънавии хеш эътироф менамояд. Аз муҳтавои осори мутафаккир бармеояд, ки дар масъалаи инсон аз таълимотҳои пешазисломии ориёӣ, Ҳинду Чин, Юнони бостон ва давраи исломӣ ба таври васеъ истифода намудааст. Бо вуҷуди он, ки мутафаккир аз бархе таълимотҳои зикршуда ном набурда бошад ҳам, вале дар умум ҳамоҳангии афкор ва андешаву эътиқод эҳсос мегардад. Ин мувофиқат ба он хотир аст, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мутафаккири ақлгаро ва озодандеш буда, дар доираи мазҳаб ва дину фарҳанги замони худ маҳдуд нагашта, ба таълимотҳои хусусияти ақлгароидошта арҷ мегузорад. Мақсади мутафаккир ба он нигаронида шудааст, ки арзиши ягона «инсон будан» бояд бошад, на «мусулмон», «масеҳӣ», «яҳудӣ», «зардуштӣ» ва ё чизи дигар. Ҳамин аст, ки асосҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои назариявии таълимоти худро дар шакли васеъ интихоб намудаву ба ҳама андешаҳои созанда бо эҳтиром муносибат менамояд. Инсонеро, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст, берун аз ҳама банду қайдҳои динию мазҳабӣ, қавмию нажодӣ ва миллист. Он, мавҷуди созандаю бунёдкор, нексиришту некандеш ва инсодӯсту инсонгаро аст. Ба таври мухтасар, ҳамон инсонест, ки зардуштияву будоия, конфутсиячигиву даосия, фалсафаи Юнону машшоияи асримиёнагӣ ва ирфону ишроқияи асримиёнагӣ баррасӣ кардаанд. Хизмати Абдураҳмони Ҷомӣ он аст, ки назари макотиб ва мутафаккирони пешинро тақвият ва бо дидгоҳи тозаю замонавӣ баён намудааст. Месазад, ки дар раванди фаъолиятҳои илмию амалӣ аз таҷрибаи ҳаётӣ ва муносибат ба аҳли илму андеша аз рӯзгори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба таври васеъ истифода намуд. Ин тарзи муносибат инсонро азизу муътабар ва мартабаи илмии ӯро дучанд менамояд. Эътирофи андешаи арзишманд, новобаста аз мансубияти миллию мазҳабӣ ва бо назари мунақидона таҳлил намудани он нишони камолоти маънавии аҳли таҳқиқ мебошад.

# БОБИ II. АНДЕШАҲОИ АНТРОПОЛОГӢ ДАР ФАЛСАФАИ АБДУРАХМОНИ ҶОМӢ

## II.1. Инъикоси табиат ва моҳияти инсон дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ

Масъалаи шинохти табиат ва моҳияти инсон аз он масъалаҳое маҳсуб мешавад, ки бештари муҳаққиқон ба он таваҷҷуҳ намудаанд, вале доир ба он назари мухталиф доранд. Дарки ҷавҳар, моҳият, мақсади ҳастӣ, камолот ва мақому ҷойгоҳи он дар низоми ҳастӣ, ҳанӯз аз ҷаҳобинии ориёӣ шуруъ гардида, дар тамоми даврони минбаъдаи густариши фарҳанги мардумони ориёитабор аз масоили марказӣ маҳсуб мешавуд. Инсон шакли ҳастиест, ки ба куллӣ аз дигар шаклҳо фарқ дорад. Вай аҷасумкунандаи моҳияти ҳама гуна шаклҳои ҳастист. Инсон ҳам субъект ва ҳам объекти кайҳон ва руҳи мутлақ аст. Дар тинати инсон маънои моввароуттабии ҳастӣ ва ҳақиқати мутлақ ошкор мегардад. Яъне, дар ҷисм ва олами маънавии инсон руҳи мутлақ ва ҳаюлои кайҳон махлутанд. Бидуни инсон субъекти кайҳон вуҷуд надорад. Ин субъективияти ягонаест, ки субстансияи (ҷавҳари бунёдии) нотакрори ҳастиро ташкил медиҳад. Ҳамин аст, ки аҳли андеша ҷиҳати дарки моҳияти ҳастии олам шинохти ҷавҳари ҳастии инсонро муҳим арзёбӣ менамоянд.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ нисбати ҳақиқати ҳастии инсон ва инъикоскунандаи кулли ҳастӣ будани он дар «Ҳафт авранг» меоварад:

Одамӣ чист? Барзахи ҷомеъ,
Сурати халқу Ҳақ дар ӯ воқеъ.
Нусхаи муҷмал асту мазмунаш,
Зоти Ҳаққу сифоти бечунаш.
Муттасил бо дақоиқи ҷабарут,
Муштамил бо ҳақоиқи малакут.
Ботинаш дар муҳити ваҳдат ғарқ,
Зоҳираш хушклаб ба соҳили фарқ.
Як сифат нест аз сифоти Худо,
Ки на дар зоти ӯ бувад пайдо (Ҳафт авранг. Саҳ. 38)

Метавон гуфт, ки мутафаккирони ҳикмати ирфонӣ ва аз ҷумла, Мавлоно Ҷомӣ одамро мукаммалкунандаи офариниш дониста, таъкид медоранд, ки ҷуз ӯ ҳеҷ мавҷуде оина ва мазҳари ҷомеи асмову сифоти офаридгор нест. Яъне, «мақсуд зи ҷумла офариниш моем» гуфтани Ҳаким Умари Хайём ва «Ишқ аз адам аз баҳри ман омад ба вуҷуд, ман будам ишқро ба олам мақсуд»-и Аҳмади Ғаззолӣ низ аз муҳимияти ҳастшавии инсон далолат мекунанд.

Тавре баён намудем, Абдураҳмони Ҷомӣ ба мисли пайравони дигари фалсафаи ирфонӣ масъалаи табиат ва моҳияти инсонро дар якҷоягӣ баррасӣ намуда, аммо онро аз олами малакутӣ ва ба babри хаотикӣ пайдошуда намедонад. Мусаллам аст, ки зери мафҳуми табиат ҳама он чизе, ки худи инсон наофаридааст ва намеофарад, ҳамаи он равандҳо, ашёҳо, ҳодисоту руйдодҳое фаҳмида мешаванд, ки дар олам худ ба худ вуҷуд доранд. Аз ин рӯ мафҳуми умумии «табиат»-ро аз «табиати инсон» бояд фарқ кард, ҳарчанд, ки табиати инсон ба сабаби ҳамбастагӣ доштани худ бо табиати воқеӣ, берун аз он вуҷуд дошта наметавонад.

Маънидодкуниҳои табиати инсон дар фалсафа гуногунранг ва хилофи якдигаранд. Арасту онро инсони «боақл» ва «ҳайвони сиёсӣ», мутафаккири америкоӣ Б.Франклин (1706-1790) – «ҳайвоне, ки олоти меҳнат месозад», файласуфи олмонӣ Б. Шелер (1874-1928) онро «ҳайвони корӣ» ва «ҳайвони ношукр», мутафаккир аз Германия А. Гелен - «ҳайвони номуайян», файласуфи олмонӣ Ф. Нитсше (1844-1900) - «ҳайвони мариз», Р. Декарт - «ашёи тафаккуркунанда» меноманд. Дар фалсафаи постмодерн онро «инсони бозингар», дар баъзе таълимоти дигар «маймуни девона, ки ба касалии рӯҳӣ гирифтор аст», маънидод мекунанд. Мавҷудияту зиндагии инсонро гоҳ беарзиш, гоҳ дорои арзишҳои беҳамтову олитарин муайян мекунанд.

Ҳангоми баррасии муносибати инсон ба табиат ва ҳастии он дар ин табиат, бояд ба он аҳамият дода шавад, ки худи инсон аз як тараф мавҷуди табиист, пайдоиши табиӣ дорад ва бо ҷисму тани худ ба табиати зинда мансуб аст. Аз тарафи дигар, инсон аз табиат «чудо шуда», дар ҳудуди он зиндагӣ ва фаъолият мекунад, вале тарзи зиндагӣ ва фаъолияташ фақат табиӣ нест. Ин

маънои онро дорад, ки инсон табиати интегративӣ, муштарак, яъне табиати биологиву иҷтимоӣ дорад. Табиати инсон мазмуну зуҳуроти психикӣ низ дорад, ки дар заминаи ҳампайвастагӣ ва баҳамтаъсиррасониҳои омилҳои табиӣ-биологӣ ва иҷтимоӣ зиндагии он ташаккулу инкишоф меёбад. Ҷисми биологӣ-органикии инсон дар раванди зиндагиву фаъолияташ соҳиби рӯҳу маънавиёт, иҷтимоиёт мегардад, ки онҳо ифодакунандаи вазъияту ҳолатҳои мудом тағйиру инкишофёбандаи ҷисму ҷони инсон мешаванд. Таносуби онҳоро назарияи монистии инсоншиносӣ баррасӣ мекунад. Ин назария пеш аз ҳама онро ба асос мегирад, ки психикаи инсон вазъияту ҳолатҳои гуногуну тобеъияти тафаккури он ба фаъолияти инъикоскунӣ ва мантиқии майнаи сари инсон вобаста аст ва он узви асосии ҷисми тому ягонаи инсон, асоси моддии рӯҳу равон ва қобилияти пайдо кардани маънавиёт ва воқеъият доштани инсон аст. Берун ва новобаста аз бунёди моддӣ, ягон манбаъ ё роҳи дигари пайдоиши психика, тафаккур ва маънавияти инсонӣ вуҷуд надорад.

Табиати инсон хеле мураккабу зиддиятнок аст, зеро, аввалан, инсон мавҷуди табиӣ-ҷисмонӣ, соҳиби ҷисму бадани худ ва тобеи қонунҳои биологӣ-физиологӣ мебошад. Он дорои талабот, майлу рағбатҳои физиологӣ аст, инстинктҳои табиӣ дорад, ба тарсу ҳарос меафтад, ба қаҳру ғазаб меояд, ба касалиҳо гирифтор мешавад, аз худ насл мегузорад, наслҳои он мутобиқи қонунҳои табиӣ-биологӣ паи ҳам пайдо ва иваз мешаванд. Сонияն, табиати инсонро бе шуур, ақл, қобилияти маърифату маънидодкунии олами атроф, худшиносӣ, худсозии иҷтимоиву маданӣ тасаввур кардан мумкин нест. Ӯ мавҷуди бунёдкор аст, худ ва олами атрофашро тағйир медиҳад, бошуурона дигаргун месозад. Инсон метавонад қонунҳои объективии оламро маърифат кунад, ҳатто вақте, ки ин қонунҳо бевосита талаботи биологии онро қонеъ намегардонанд. Ӯ дорои маънавиёт, одобу ахлоқ аст, қобилияти танзим кардани майлу рағбатҳои инстинктивӣ-табиии худро дорад. Ин ё он тарзи рафтору амали худро инсон бошуурона интихоб ва муайян мекунад. Ақлу хирад, шуурнокӣ, мақсаднокӣ, маърифатнокӣ хосият ва ҳадду ҳудудҳои табиати он буда, инсонро аз тамоми мавҷудоти дигари табиат фарқ мекунонад.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамин фарқияти табиати инсонро дар маснавии «Саломон ва Абсол» достони дуввуми «Ҳафт авранг» ба таври муфассал баррасӣ намудааст. Худи муаллиф низ қайд намудааст, ки ин қисса на афсона, балки кашфи сирру ҳоли аҳли сулук буда, шоҳ рамзи ақли фаъол, ҳаким рамзи файзи он, Саломон – рӯҳ ё нафси гӯё, Абсол ҷисм ё тани шаҳвонӣ, Зӯҳра – камолоти баланд, дарё – баҳри лаззатҳои нафсонӣ ва оташ рамзи риёзатҳост. Дар ин қисса ҷараёни аз асл ҷудошавии рӯҳи инсон аст, ки баъди тай кардани зинаҳои муайян дуюмбора рӯҳ ба асли хеш мепайвандад:

Сонеъи бечун чу олам офарид,
**Ақли аввалро** муқаддам офарид.
Рӯҳи инсон зодаи таъсири ӯст,
Нафси ҳайвон сухраи тадбири ӯст…

Мутафаккир бар он назар аст, ки моҳияти аслии инсонро «ақл» ифода намуда, «нафс» хусусияти табиӣ-ҷисмонӣ дорад. Ба ин хотир, файзи аслӣ бар пояи ақл устувор буда, маънӣ ва моҳияти инсониро инъикос менамояд:

Бар ҷаҳон файзе, ки аз вай мерасад,
Бар вай аз боло паёпай мерасад.
Пеши доно раҳдони булъаҷаб,
Файзи болоро ракиб омад лақаб…

Бо вуҷуди хусусияти файзӣ доштани рӯҳи оқила, аммо бидуни нафс ва ҷисм аёнияти худро пайдо карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, мутафаккир таъкид менамояд, ки:

Рӯҳи мо, к-аш **нафси гӯё** гашта исм,
Зода з-ин ақл аст бе пайванди ҷисм.
Ҳаст бепайвандии ҷисмаш мурод,
Он ки гуфт ин падар бе ҷуфт зод.
Зодае пас покдомон омадаст,
Номи ӯ з-он рӯ Абсол омадаст.

Мутафаккир дар шакли рамзу ташбеҳ маъниву моҳияти ҷисм, рӯҳ, нафс ва умуман табиату моҳияти инсонро матраҳ намуда, ҷимро «Абсол» номгузори намуда, онро ба тариқи зайл инъикос менамояд:

Кист Абсол? – ин тани шаҳватпараст,
Зери аҳкоми табиат гашта паст.
Тан ба ҷон зинда-ст, ҷон аз тан мудом,
Гирад аз идроки маҳсусот ком.
Ҳар ду з-он рӯ ошиқи якдигаранд,
Ҷуз ба Ҳақ аз суҳбати ҳам нагзаранд.
Чист он дарё, ки дар вай будаанд,
В-аз висоли ҳам дар он осудаанд?
Баҳри шаҳватҳои ҳайвонист он,
Луҷҷаи лаззоти шаҳвонист он.
Оламе дар мавҷи ӯ мустағрақанд,
В-андар истиғроқи ӯ дур аз Ҳақанд.
Чист он Абсоли дар суҳбат қариб,
В-он Саломон монд аз вай бенасиб.
Бошад он таъсири синни инҳитот,
Тай шудан олати шаҳватро бисот.
Карда ҷо маҳбуби табъ андар канор,
В-олати шаҳват фурӯ монда зи кор.
Чист он майли Саломон сӯи шоҳ,
В-он ниҳодан рӯ ба тахти иззу ҷоҳ?
Майли лаззатҳои ақлӣ кардан аст,
Рӯ ба дорулмулки ақл овардан аст.
Чист он оташ? – Риёзатҳои сахт,
То табиатро занад оташ ба рахт.
Сӯхт з-он осору табъи ҷон бимонд,
Доман аз шаҳвати ҳайвонӣ фишонд.
Лек чун умре ба оташ буд хӯй,

Гаҳ гаҳаш фарди фироқ омад ба рӯй.

З-он ҳакимаш васфи ҳусни Зӯҳра гуфт,

Кард ҷонашро ба меҳри Зуҳра ҷуфт.

То ба тадриҷ ӯ ба Зӯҳра орамид,

В-аз ғами Абсолу ишқи ӯ раҳид.

Чист он Зӯҳра? – камолоти баланд,

К-аз висоли он шавад ҷон арҷманд.

З-он ҷамоли ақл нуронӣ шавад,

Подшоҳи мулки инсонӣ шавад.

Бо ту гуфтам муҷмал ин асрорро,

Мухтасар овардам ин гуфторро.

Гар муфассал боядат фикре бикун,

То ба тафсил ояд асрори куҳун.

Ҳам бар ин иҷмолкорӣ ин хитоб,

Хатм шуд валлоҳу аълам биссавоб.[1]

Масъалаи табиату моҳияти инсонро мутафаккир дар доираи таълимоти онтологӣ баррасӣ намуда, онро ба консепсияи “ваҳдати вуҷуд” ва шинохти “ҳақиқати мутлақ” пайванд менамояд. Тасаввуроти ӯ дар бораи маърифати Ҳақиқати мутлақ чӣ гуна аст ва роҳҳои маърифати олами моддӣ ва зуҳуроти он дар чист? Дар маврид бояд қайд кард, ки назарияи маърифати Ҷомӣ низ аз зиддиятҳо холӣ нест. Агар ӯ аз як ҷониб маърифатнашавандагии Худоро ҷонибдорӣ намояд, аз ҷониби дигар, нақш ва мақоми ақли инсониро, ки моҳияти аслии инсонро ифода менамояд, дар шинохти олами моддӣ баланд арҷгузорӣ мекунад. Ҷомӣ ҳарчанд инсонро аз офаридаҳои илоҳӣ эътироф намояд ҳам, вале офаридгор дар таълимоти ӯ бозтоби дигар дорад. Яъне, Худо тавассути офаридаи худ, аз ҷумла инсон ба объекти маърифат табдил меёбад.

Аъён ҳама оинаву ҳақ ҷилвагар аст,

Ё нури ҳақ оинаву аъён сувар аст.

Дар чашми муҳаққиқ, ки ҳадид-ул-басар аст,

---

1 Ҷомӣ, Н. Маснавиҳои “Ҳафт авранг”. Ҷ.2. –Теҳрон, 1376. . – С. 242-246.

Ҳар як ин оина оини дигар аст. (Шарҳи рубоиёт. С. 29)

Мутафаккир моҳияти зоти ҳақро аз ҳақиқати вуҷудии ӯ, ки асли онро илму маърифат ташкил медиҳад, иборат медонад. Ақлу маърифат дар ҷаҳони ҳастӣ хоси инсон ҳастанд ва танҳо нерӯҳои моҳиятии инсон имкон фароҳам меоваранд то инсон ҳақиқати офариниш ва зоти мутлақро дарк намояд. Чунончи Ҷомӣ дар иқди шашуми маснавии “Сухбат-ул-аҳрор” менависад:

Зоти созиҷ чу ба авсофу нуъут,

Ёфт дар мартабаи илм субут.

Дид дар худ ҳама бешу камро,

Шуд ҳақоиқ сувари оламро. (Ҳафт авранг, с. 588)

Дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ инсон мавҷуди ягонаест, ки дар рӯ ба рӯи Худо қарор дорад, яъне ӯ олами сағирест, ки тамоми олами кабирро дар худ таҷассум намудааст. Дар таълимоти мутафаккир маҳз инсон шоистагии мақоми «хилофати илоҳӣ дар замин» эътироф шудааст. Масъалаи пайдоиш ва ташаккули инсон яке аз проблемахои асосии афкори фалсафии у мебошад. Моҳияти омӯзиши антропологии инсон, сарфи назар аз шаклҳои таърихии ӯ, муайян кардани заминаи мавҷудияти инсон ва табиат аст. Дар таърихи фалсафаи тоҷик, бахусус дар тасаввуф ҳарчанд тасаввуф ба масоили метафизикӣ машғул бошад ҳам, дар маркази тасаввуф шахсе бо тамоми орзуву таассурот ва андешаҳои хеш меистод.

Дар ин радиф Мавлоно Ҷомӣ низ назари ҷолиб дорад, ки:

Омад оина ҷумла кавн, вале,

Ҳамчу оинае накарда ҷалӣ.

Нанамуд андар ӯ ба ваҷҳи камол,

Сурати Зул ҷалоли вал-афзол.

З-он ки буд ин тафарруқи ададӣ,

Монеъ аз сирри ҷамъи аҳадӣ.

Гашт одам ҷилои ин миръот,

Шуд аён зоти ӯ ба ҷумла сифот.

Мазҳаре гашт кулливу ҷомеъ,

Сирри зоту сифот аз ӯ ломеъ.

Мутаҷаллӣ шуд андар ин мазҳар,

Ҳама асмо ба ранги якдигар.

Шуд тафосили кавнро муҷмал,

Бар мисоли тааййюни аввал.

Ба вай ин доира мукаммал шуд,

Охирин нуқта айни аввал шуд.

Мусҳафе гашт ҷомеи оёт,

Ҳастияш ғояти ҳама ғоёт. (Ҳафт авранг. Саҳ.132)

Мвлоно Ҷомӣ дар осори ирфонии худ, бахусус шарҳҳои осори Ибни Арабӣ ва пайравони ӯ ба ин масъала таваҷҷӯҳи хос зоҳир намудааст. Дар китоби «Нақд ан-нусус фи шарҳи «Нақш-ал-фусус» ба масъалаи инсони комил дахли бевосита намуда, хулосаи зеринро ироа медорад: «мартабаи инсони комил иборат аст аз ҷамъи ҷамеи маротиби илоҳия ва кавния аз уқули нуфуси куллия ва ҷузия ва маротиби табииёт то охири таназзулоти вуҷуд. Ва лиҳозо сазовори хилофати Ҳақ ва мазҳару музҳари асмову сифоти ҷаноби мутлақи ӯст»1. Андешаи мазкурро дар «Ҳафт авранг» Ҷомӣ тақвият дода, инсонро мавҷуди олитарин ва донандаи ҳақиқати кулли ашё гуфтааст:

Ҳеҷ мавҷуде нест дар олам,

Ки шиносад ҳақиқати одам.

Донад одам ҳақиқати ҳама чиз,

Айни Ҳақро ҳақиқати ҳама низ.

Бинад он айнро ба чашми аъён,

Гашта зоҳир ба сурати аъён.

Ғайр аз ӯ дар ҷаҳон набинад ҳеҷ,

Ошкору ниҳон набинад ҳеҷ.

Лекин ин давлати на осон аст,

Балки хоси ҳавоси инсон аст. (Ҳафт авранг. Саҳ. 133)

1 Абдураҳмони Ҷомӣ. Нақд ан-нусус фи шарҳи «Нақш-ал-фусус». Теҳрон, 1381. . – С. .62

Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки мутафаккир моҳияти инсонро иборат аз шуур, ақл ва донишу маърифат дониста, ғайр аз ӯ дарки ҳақиқатро ба ҳеҷ мавҷуд ва ё қувваи дигар марбут намедонад. Аммо, таъкиди Ҷомӣ дар мавриди он, ки «ғайр аз инсон ошкору ниҳонро чизи дигар намебинад» андешаи бебунёд ва мистикӣ набуда, иброз менамояд, ки «ин дараҷа осон ба даст намеояд, балки хоси ҳавоси инсон», яъне фаҳму дарк ва дараҷаи инкишофи маърифати он мебошад, ки хусусияти иктисобӣ дорад. Аз ин маълум мегардад, ки мутафаккир зуҳури нерӯҳои моҳияти инсониро дар фаъолияти амалӣ ва кӯшишу талоши пайвастаи худи инсон эътироф менамояд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки оид ба мафҳуми «моҳияти инсон» аз қадимулайём баҳсу мунозираҳои зиёд давом доранд. Дар яке аз маънидодкуниҳои ин мафҳум онро ба асос мегиранд, ки моҳияти инсон дар маънавият ва қобилияти маърифативу оламшиносии ӯ зоҳир мешавад. Вале чунин фаҳмиши моҳияти инсон маҳдуд ва яктарафа аст. Мувофиқи ин фаҳмиш, моҳияти асосии инсон бо оламе, ки дар он инсон вуҷуд дорад, ягон муносибате надорад. Аз рӯи чунин фаҳмиш, Худо ба инсон рӯҳ ва ҷон додааст, ки ба шарофати онҳо ӯ аз инстинктҳо ё ғаризаҳо ва талаботи ҷисми худ боло меистад, ҳар гуна васваса ва мафтуниҳои зиндагии моддиро паси сар мекунад, аз онҳо даст мекашад. Инсон доранда ва барандаи рӯҳ аст. Дар рӯҳи он моҳияти илоҳии он ниҳон аст. Ҳамаи омилҳои дигари зиндагии инсон гӯё фонӣ ва гузаро буда, барои инсони комил шудани он аҳамияти муайянкунанда надоранд.

Мувофиқи фаҳмиши дигар, моҳияти инсонро ақлу хиради он ташкил медиҳад. Тамоми ратсионализми (ақлгароии) аврупоӣ ин ақидаро тарафдорӣ мекунад. Чунин фаҳмиши моҳияти инсон асосан дар Замони Нав пайдо шуд. Тарафдорони таълимоти мазкур чунин меҳисобанд, ки ақл ягона омили хоссаву мустақиле аст, ки инсонро аз ҳайвон фарқ мекунонад. Ин фарқият дар қобилияти тафаккури мантиқии инсон ва худмаърифаткунии он, инчунин олами берунаро маърифат кардани ӯ зоҳир мешавад. Ақл ба инсон имкон дод, ки аз олами ҳайвонот ҷудо шавад, сарвату қувваҳои табииро ба нафъи худ

истифода барад ва ҳамаи ин гарави ҷомеасозии ӯ, зиндагии иҷтимоиаш ва сотсиализатсия (иҷтимоишавӣ) шудани инсон гардид.

Мувофиқи фаҳмиши сеюм, моҳияти инсон дар меҳнат, фаъолияти истеҳсолӣ-предметӣ, муносибатҳои ҷамъиятии он зоҳир мешавад. Ин фаҳмиш ба марксизм тааллуқ дорад. Тибқи чунин фаҳмиш, инсон на фақат мавҷуди табиӣ буда, ба табиат мутобиқ мешавад, балки дар рафти фаъолияти меҳнатӣ-истеҳсолӣ ва предметии худ олами атрофро фаъолона ба талаботу мақсадҳои худ мувофиқ ва дигаргун месозад. Ӯ муҳити ашёӣ ва муносибатҳои ҷамъиятии худро бунёд мекунад, ки пеш аз ин дар ягон шакли тайёр вуҷуд надоштанд, дар шакли тайёр дода нашудаандт ва дода намешаванд.

Олами ашёиро, ки инсон офаридааст, Карл Маркс олами маданӣ - «табиати инсонигардонидашуда» номида буд. Бо меҳнати бунёдкоронаи худ инсон олами атрофро дигаргун сохта, худашро ҳамчун мавҷуди боақл ва универсалӣ ташаккул медиҳад, аз рӯи қонунҳои зебоиву нафосат муҳити иҷтимоию фарҳангии худро меофарад. Ба замми мавҷуди биологӣ буданаш, инсон боз мавҷуди меҳнаткунанда, иҷтимоӣ ва маданиву фарҳангӣ аст. Меҳнати ӯ мазмуну моҳияти ҷамъиятӣ дорад. Азхудкунии табиат, дигаргун сохтан ва қисман ба маданият табдил додани он ҳамеша ба ҳамкории одамон, меҳнати якҷояи онҳо вобаста аст. Ин раванд берун ва новобаста аз муносибатҳои ҷамъиятии инсонҳо вуҷуд надорад, балки дар ҳудуди муносибатҳои муайяни ҷамъятии бо ҳам доштаи одамон ба амал омада, онҳоро бо ҳам мепайвандад. Одамон бо ҳазорҳо риштаҳо ва муносибатҳои ҷамъятӣ бо ҳам буда, яккаву танҳо ва худ ба худ кору зиндагӣ карда наметавонанд. Аз ин ҷост, ки дар фалсафаи марксизм моҳияти инсон ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. К.Маркс на кулли муносибатҳоеро, ки ҳазорсолаҳо вуҷуд доштанду ҳоло ҳукмрон нестанд, дар назар дорад, балки муносибатҳоеро дар назар дорад, ки алҳол дар ҷамъияти муайян ҳукмрон буда, фарогирандаи тамоми аҳли ҳамин ҷамъиятанд. Инсонҳо ба муносибатҳои муайяни ҷамъиятиашон дар ин ё он давраи таърихӣ сару кор доранд. Ин муносибатҳоро одамон аз худ мекунанд ва ба моҳияти иҷтимоӣ-инсонии худ

табдил медиҳанд. Аз ин лиҳоз, онҳо ҳамчун инсонҳои ҷамъиятишуда зиндагӣ мекунанд ва ҷамъияти онҳо ҳамчун ҷамъияти инсонӣ вуҷуд дорад.[1]

Маълум мегардад, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ҳанӯз дар асри XV масъалаи ташаккули шахсияти инсон ва такомули нерӯҳои моҳиятии онро дар ҷиду ҷаҳди пайвастаи илму дониш ва ширкати бевосита дар раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ матраҳ намудааст. Навоварӣ ва навгароии Ҷомӣ пеш аз ҳама дар хусусияти ратсионалистӣ (воқеъгароии) доштани назариёташ нисбати инсон зоҳир мегардад. Мавлоно гарчанде пайрави ҳикмати ирфонӣ бошад ҳам, вале кӯшиш менамояд ба таҳқиқ аз воқеияти айнӣ шуруъ намояд. Таълиму тарбия ва таъсири ҷомеаро дар раванди ташаккули шахсияти инсон муҳим арзёбӣ намуда, иктисобро тавсиф менамояд:

Дар касби камол боядат ҷаҳд,
Дар беталабӣ ба сар бари аҳд.
Гирдоби талаб васеъ давр аст,
Дарёи улум даври ғавр аст.
Қонеъ нашави ба ҳар чи ёбӣ,
Аз хуб ба хубтар шитобӣ[2] (Ҳафт авранг, саҳ. 403)

Тибқи таълимоти Ҷомӣ инсон махлуқи илоҳӣ аст, вале раванди инкишофи шахсияташ аз ҷаҳду талош ва риёзати пайваста дар роҳи дарёфти маърифат вобастагӣ дорад. Таъкид менамояд, ки дарёи маърифат беохир ва пурамвоҷ аст ва инсонро мебояд, ки ба ҳар дастовард қонеъ нашуда аз «хуб ба хубтар» шитобад. Дил аз шаҳди маърифат пур намояд ва ба ҳама масоил бо назари таҳқиқ бингарад. Яъне ғаввоси ҳунарманди дарёи ҳақиқат ва бахту саодат бошад.

Маориф гар чу мӯ борик бошад,
Чӣ ҳосил з-он чу дил торик бошад. (Ҳафт авранг, саҳ. 203)

1 Саид, Н., Зиёӣ Х., Амирхон Ш. Масъалаи инсон дар фалсафа. –Душанбе, 2022.- С.90-91
2 Ҷомӣ, Н. Маснавиҳои “Ҳафт авранг”. Ҷ.2. –Теҳрон, 1376.- С.403

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба тариқати нақшбандияи тасаввуф пайваст, аммо на ҳамчун суфии «зоҳиророву зоҳирбин»[1], балки пайрави содиқи мактаби ваҳдати вуҷуд. Ба маънии дигар дар пайи ҷустуҷӯи ҳадафи ҳаёти маънавии худ ба сафи «суфиёни софидил» ворид гардида, баҳри такмили ақоиди ин ҷараён ҳамчун пайрави фаъол ва маърифатгаро ҷидду ҷаҳд намуд. Худи мутафаккир вурудашро ба тариқати нақшбандия дар қасидаи «Рашҳи болин би шарҳи ҳолин» тавзеҳ дода, меоварад:

Нашуд зи илми муҷаррад чу коми ман ҳосил,

Бар он шудам ки кунам он улумро эъмол.

Задам қадам ба сафи суфиёни софидил,

Ки нест мақсадашон аз улум ҷуз аъмол.

Зи зикру фикр расидам ба машҳаде, ки гирифт

Ҳиҷоби кавн зи ваҷҳи ҳақиқат измеҳлол.

Вуҷуди воҳиду нури баситро дидам,

Аён ба сурати азвоу ҳайбати азлол.

Намуд касрати зоҳир зи ваҳдати ботин,

Ба сони давраи оташ зи шуълаи ҷаввол.... (Девон, саҳ. 78)

Тавре ки аз осори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бармеояд дар ҳар қадам ё ҳама марҳилаи эҷод ӯ ба ҳикмат ва маърифати воқеии инсон дахл менамояд. Ҳатто вуруди хешро ба тасаввуф аз дарёфти ваҳдати вуҷуд ва «ваҷҳи ҳақиқат» донистааст. Ҳақиқате, ки бо ҷаҳду талош ва ё «даст ба кору дил ба ёр» муяссар мешавад.

Барои Ҷомӣ омӯзиши фалсафии масъалаи табиат ва моҳияти инсон, пеш аз ҳама, омӯзиши инсон ҳамчун ягонагии онтологӣ, эстетикӣ ва ахлоқӣ мебошад. Маҳз ҳамин мафҳум ба мо имкон медиҳад, ки шахсро ҳамчун объекти баҳсҳои фалсафӣ баррасӣ кунем. Тавассути омӯзиши фалсафии инсон дар доираи мафҳумҳои фалсафии эътирофшуда табиат ва ҳадафи инсонро муайян кардан ғайриимкон аст. Ҷомӣ кушидааст, ки некӣ, зебоӣ ва зуҳури

1 Низомов, М. «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ ва суннати достонсарой дар асри XV. – Душанбе 2014, саҳ. 141

инсонро нишон диҳад. Баррасии ин мавзуъ бо вуҷуди тавзеҳи дини ҳақиқии башарият, ҳалли амиқи фалсафӣ ва ваҳдати вуҷуде мебошад, ки фаротар аз ваҳдати паёмбар аст. Муҳаммад мавҷи баҳр аст ва Худо худи баҳр аст, яъне як намуди зуҳурот сабаби вуҷуди дигар аст. Сухан дар бораи ягонагии Худо ва Муҳаммад меравад, ки агар онро дар доираи ҷаҳонбинии фалсафӣ шарҳ диҳем сухан дар бораи фаҳмиши ваҳдати вуҷудии масъалаи Инсон ва Худо меравад, ки мутафаккир онро **олами сағире** меҳисобад. Инсон, ба андешаи Ҷомӣ, ҳамчун натиҷаи аз худ бегонашавии Ҳақ пайдо шудааст, ки бо назарияи бегонашавии «рӯҳи мутлақ»-и Гегел шабоҳати зиёд дорад.

Ба қавли Ҷомӣ тамоми мавҷудот аз рӯи тақсими ақлӣ ба се мартаба тақсим мешавад. «Аввал мавҷуде, ки вуҷуди вай муғоири зоти вай аст ва мустафод аз ғайр, чун мумкиноти мавҷуда».[1] Дар ин ҷо мутафаккир таълимоти пешгузаштагони ғоявии худ Ибни Арабӣ, Ҷиллӣ, Ҳаҷвирӣ, Қушайрӣ, Насафӣ, Ироқӣ, Мавлоно, Шабистарӣ ва дигаронро идома дода, онро ба таври худ инкишоф ва тавсеъа бахшидааст. Китоби алоҳидае, ки ба ғайр аз «Шарҳи фусус», «Накди нусус», «Найнома» ва ғ. сазовори таваҷҷӯҳи хосаи муҳаққиқон мебошад, рисолаи начандон бузургест, ки дар кишварҳои Шарқ бо номи «Шарҳи рубоиёт» шӯҳратманд гашта, ҳамагӣ аз 46 рӯбоии ирфоние иборат мебошад, ки худаш онҳоро бо забони модариаш шарҳу баён додааст. Рубоиёти Ҷомӣ қариб тамоми масоили ҷавҳарии ваҳдати вуҷудро дар бар гирифта, нуктаҳои умдаи тасаввуфро дар рӯҳияи таълимоти ваҳдати вуҷуд барои ҳамдиёронаш шарҳ додааст.

Ин рубоиёт дар китобҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷии осори Ҷомӣ муфассалан шарҳ ёфтаанд, вале мо бевосита ба таълимоти ваҳдати вуҷуд, махсусан ба таълимот дар бораи инсон ва табиату моҳияти он таваҷҷуҳ менамоем.

Қабл аз ҳама бояд ишора кард, ки мутафаккир дар шарҳи худ масоили марказии тасаввуф, хусус ваҳдати вуҷудро дар доираи дарки шахсии худ аз ин таълимот арзёбӣ кардааст. Аммо дарки он аз рӯи матни худи мутафаккир

---

1 Ҷомӣ, А. Маснавиҳои «Ҳафт авранг». –Теҳрон, 1378.- С.126

ниҳоят душвору печ дар печ мебошад ва мо саъй хоҳем кард, ки онҳоро соддатар ва тафсилоти лозима баррасӣ намоем.

Ҳамин тавр, Ҷомӣ дар рубоии аввал фармудааст:

Воҷиб, ки вуҷудбахши наву куҳун аст,
Тасвири вуҷуд бахшиши қавли «кун» аст.
Гӯям сухани нағз, ки мағзи суҳун аст,
Ҳастиест, ки ҳам ҳастию ҳам ҳасткун аст.

Ва ё

Ҳар бесару поро нарасад даст ба ту,
Хуш он ки зи худ бирасту пайваст бо ту.
Ҳастӣ ту ба ҳастӣ, ки ба ҷуз зоти ту ҳаст,
Фонист ба зоти худ, вале ҳаст ба ту.

Дар ин рубоиёт мафҳумҳое аз қабили «воҷиб», «вуҷудбахши наву куҳун», «кун», «аз худ бираст», «зот», «нест ба зоти худ», «ҳаст ба ту», «ҳастии ту ҳастие, ки ҷуз ба зоти ту нест» истифода шудаад, ки саросар дорои мазмуни сӯфиёна мебошанд. Ҳамчунон ки мушоҳида мешавад, ҳамаи онҳо дар атрофи як масъала, аниқтараш масъалаи «ҳастии воҷиб», яъне ҳастии Худо ё тасаввури ин ҳастӣ аз ҷониби инсон давр мезананд. Ҷомӣ саъй намудааст, ягонагии Худоро бо инсон дар доираи ваҳдати шуҳуд ва ваҳдати вуҷуд шарҳ диҳад.

Ваҳдати вуҷуд ё худ «вуҷудия» таълимотест, ки андешаи ҷавҳарии он вуҷуд доштани танҳо як вуҷуд, ки он ҳам вуҷуди Зоти Аллоҳ аст. Ҳамин тавр, барои ин мактаб ҳама Ӯ ва зоти Ӯянд, ки шиори асосии онҳо «Ҳама Ӯст» мебошад. Пайравони ваҳдати шуҳудӣ чунин меҳисобанд, ки тамоми олам ва ҳар чӣ дар он вуҷуд дорад шаҳодат аз вуҷуди ягона медиҳанд ва шиори асосии онҳо «Ҳама аз Ӯст» мебошад.

Дар шарҳи Ҷомӣ ишора ба «иттиҳоди вуҷуди воҷиб» ва «ҳақиқати Ӯ» (яъне Зоти Ӯ) меравад, ки мавҷудотро аз рӯи тақсими ақлӣ ба **се** мартаба) ҷудо мекунад. Дар мартабаи аввал Зот аз Вуҷуд фарқ мекунад. «Аввал мавҷуде, ки вуҷуди вай муғоири Зоти вай бошад ва мустафод аз ғайр, чун мумкиноти

мавҷуда». Илова бар ин «мумкиноти мавҷуда» мавҷудоте ҳисобида мешаванд, ки онҳо метавонанд пайдо нашаванд.

Дар марҳалаи «дуввум мавҷуде, ки ҳақиқати вай муғоири вуҷуди вай бошад ва муқтазои он бар ваҷҳе, ки инфикоки (ҷудошавии) вуҷуд аз вай муҳол бошад, менависад Ҷомӣ: Агар чӣ бинобар тағоюр миёни Зот ва Вуҷуд тасаввури инфикок мумкин аст, чун воҷибу-л-вуҷуд бар мазҳаби мутакаллимин».[1] Яъне Зот аз Вуҷуд фарқ мекунад ва аз ҳам ҷудо кардани (инфикок) онҳоро танҳо дар зеҳн тасаввур кардан метавон, аммо дар асл онҳо ягонаанд. Ҳамчунон ки дар боло ишора шуд, дар таълимоти аҳли калом чунин аст.

«Саввум мавҷуде, ки вуҷуди Ӯ айни зоти Ӯ бошад, яъне ба Зоти худ мавҷуд бувад, на ба амри муғоири зот (на тавассути ягон каси дигар) ва лошак (бешак), чунин мавҷуд Воҷиб бувад, зеро ки инфикоки (ҷудоии) шайъро аз нафси худаш тасаввур наметавон кард»[2].

Иқтибоси шарҳи Ҷомиро чунин бояд фаҳмид, ки дар марҳалаи саввум Вуҷуд ва Зот бо ҳам як мебошанд ва ин шакли олии вуҷуд аст (бо ибораи Ҷомӣ - акмали маротиби вуҷуд), аз ин рӯ, метавон онро шакли маҷудияти Худо донист (Фикрати салима ҷозим аст бо он ки воҷиб таъоло ва тақаддаса мебояд), ки бар акмали маротиби вуҷуд бошад, пас Зоти Вай айни вуҷуди Вай бошад»[3].

Поинтар Ҷомӣ шарҳ медиҳад, ки «Ва аз ин ҷо маълум шуд, ки лафзи вуҷуд ва ҳастӣ бар Воҷибтаъоло итлоқ кунанд, мурод бад-он Зотест, ки мавҷуд аст бар нафси худ ва муҷид аст мар ғайри худро (сабаби пайдошавии мавҷудоти дигар мебошад), на кавну ҳусул ва таҳаққуқ, ки маъонии масдария ва мафҳумоти эътибориянд, ки онро таҳаққуқи вуҷуде нест (тасаввур кардан наметавон) магар дар зеҳн»[4].

Аслан ин ҷо сухан дар бораи истилоҳоти «вуҷуд» ва «ҳастӣ» меравад, ки ҳар дуи онҳоро метавон танҳо ба офаридгор, аммо истилоҳоти «кавн» ва

1 Ҷомӣ, А. Маснавиҳои «Ҳафт авранг». –Теҳрон, 1378. . – С. 271
2 Ҳамон ҷо: -С. 273
3 Ҳамон ҷо: -С. 274.
4 Ҷомӣ, А. Маснавиҳои «Ҳафт авранг». –Теҳрон, 1378. . – С. .274

«ҳусул» (офаридаҳо)-ро ба ғайри Ӯ, яъне махлуқот (на воҷибтаъоло) истифода бурд. Чуноне ки худи ӯ мегӯяд:

Ҳастӣ, ки ба Зоти Худ ҳувайдост чун нур,
Зарроти мукаваннот аз Ӯ ёфт зуҳур.
Ҳар чиз, ки аз фурӯғи Ӯ афтад дур,
Дар зулмати нестӣ бимонад мастур.

Ё:

Хуршеди фалак ба нури хеш аст мастур,
Ҷирми Қамар аз партави ӯ нурпазир.
Равшан ба худ аст нур, агар ақли хабир,
Афзун ниҳадаш зи меҳру маҳ, хурда магир. [1]

Ба андешаи Ҷомӣ ҳар кас, ки ҷонибдори андешаи иттиҳоди воҷибтаъоло – Худо бо Зоташ мебошад ба ду фирқа ҷудо мешаванд. Фирқаи аввал ҳукамо-файласуфонанд, ки куллӣ ва умум будани воҷибул-л-вуҷудро инкор мекунанд, зеро ки вуҷуди куллӣ дар хориҷ бе таайюн сурат набандад, аз ин рӯ, онҳо иддаъо мекунанд, ки лозим аст, ки воҷибу-л-вуҷуд мураккаб бошад, зеро аз он амри куллӣ, таайюн ва таркиби воҷиб маҳол аст, яъне Худо бояд дар зоти худ мутаъайин (Фи ҳадди зотиҳи мутаъайин) бошад, яъне таъайюни вай Зоти Вай бошад, чунон ки вуҷуди вай айни зоти вай аст, ки дар ягон сурат тараккуб ва тааддуд сурат набандад. Аз ин рӯ, мавҷудияти ашё иборат аз он бошад, ки онҳоро ба ҳазрати вуҷуд тааллуқе хос ва нисбати муайян аст. Ҷомӣ бар он ақида аст, ки тамоми мавҷудоти дигар ҳама аз воҷибу-л-вуҷуд партав ё шуъо мегиранд, на ин ки дар онҳо ориз шуда бошад ё дар онҳо ҷойгир шуда бошад. Бинобар ин воҷибу-л-вуҷуд мафҳуми куллест, ки ба касрат маҳмул шудааст.

Мутахассисони соҳаи фалсафа огаҳанд, ки дар ин ҷо сухан дар бораи яке аз масоили фалсафаи асри миёнагӣ – куллият (универсалияҳо, яъне мафҳумҳои умумӣ) меравад, ки дар ҳалли масоили онтологӣ ва гносеологӣ саволҳое аз қабили он ки чӣ чизеро вуҷуди воқеӣ, ва чӣ чизеро вуҷуди идеалӣ бояд донист ва чи чизеро маърифати ақлӣ мегӯянд, таносуби тафаккур ва воқеият чӣ гуна

1 Ҷомӣ, А. Осор. Ҷ.3. –Душанбе, 1987.- С. 121

аст, хос ва ом ва ғ. матраҳ аст. Таълимот дар бораи куллият якҷоя бо таълимоти Афлотун дар бораи «ғояҳо» ва таълимоти шакл ва материяи Арасту зоҳир гардидааст. Афлотун чунин меҳисобид, ки мафҳумҳои умумӣ ба ҳастии ҳақиқӣ («ғояҳо», идеяҳо) мувофиқат менамоянд, аммо ашёи алоҳидаи олами эҳсос натиҷаи маҳдудгардониҳо ва тақсимкуниҳо (ҷудокуниҳо)-и мафҳумҳои умумӣ зери таъсири тарафайни онҳо бо адам (нестӣ) ба вуҷуд меоянд. Арасту даъво дошт, ки мафҳумҳои умумӣ дар маърифат нақши дуввумдараҷа мебозанд ва онҳо танҳо дар мавҷудоти аввалия, яъне объектҳои алоҳида, ки дар таҷрибаи ҳиссӣ дода шудаанд, зоҳир мешаванд. Баҳсу мунозираҳо сари ин масоил ҳанӯз дар фалсафаи схоластикии асрҳои миёна алаккай сабаби пайдошавии се равияи мустақил **номинализм, реализм ва концептуализм** шуда, аз як тараф, сабаби пешрафти мантиқ ва онтология гашта, аз тарафи дигар, сабаби танзим ёфтани илоҳиёти масеҳӣ гардида буд, ки дар фалсафаи замони нав низ идома ёфтаанд.

Файласуфони исломӣ низ сари ин масоил мавқеъҳои гуногунро ишғол менамоянд, ҳамчунон ки аз шарҳҳои Ҷомӣ маълум мешавад, чунин баҳсу мунозираҳо дар байни файласуфон вуҷуд доштаанд, ки дар оняда оид ба он ҳарф хеҳем зад: «Агар касе гӯяд, ки **табодур** ба зеҳн ва лафзи вуҷуд мафҳуме аст муштарак, миёни чизҳои бисёре, пас чун ҷузъе ҳақиқӣ бошад?». Ҷомӣ чунин ҷавоб додааст, ки сухан дар ҳақиқати вуҷуд меравад, на он чи мутабодир (ногаҳон пайдо) мешавад ба зеҳн лафзи вуҷуд. Аз ин рӯ, ӯ менависад, ки «пас мешояд, ки ҳақиқати вуҷуд ҷузъе ҳақиқӣ бошад. Ва мафҳуми куллӣ тадобур аз лафзи араз нисбат ба он ҳақиқат чун мафҳуми воҷиб, қиёс бо ҳақиқаташ» аст.[1]

Фирқаи дуввум фирқаи ҷонибдорони ваҳдати вуҷуд чунин андеша доранд, ки: «ӯро тури ақл, турест, ки дар он тур ба тариқи мукошафа ва мушоҳида чизе чанд мункашиф мегардад, ки ақл аз идроки он оҷиз аст, ҳамчунон ки ҳавос ва идроки маъқулот, ки мудраки ақл аст. Ва дар он тур муҳаққақ шуда, ки ҳақиқати вуҷуд, ки айни воҷибу-л-вуҷуд аст, на куллӣ аст, на ҷузъӣ, на хос ва на ом, балки мутлақ аст аз ҳама қуюд, то ҳадде, ки қайди

1 Ҷомӣ А. Осори мунахаб. -Душанбе, 2005. . – С. .277.

итлоқ низ мубаррост ба он қиёс, ки арбоби улуми ақлия дар кулли табии гуфтаанд. Ва он ҳақиқат дар ҳама ашё, ки мавсуфанд ба вуҷуд, таҷаллӣ ва зуҳур кардааст ба он маънӣ, ки ҳеҷ чиз аз он ҳақиқат холӣ нест, агар ба ҳақиқати вуҷуд ба куллӣ холӣ будӣ, аслан ба вуҷуд муттасиф нагаштӣ».[1]

Хулосаи умумии суханҳои боло он аст, ки Воҷиб аз ҳама пинҳон буда, ҳеҷ кас онро дониста наметавонад, зеро **муҳдас** танҳо он чизеро шинохтан метавонад, ки муҳдас бошад, аммо зоти Худо азалӣ буда, аз тамоми сифатҳо холӣ аст. То ин дам Ҷомӣ саъй дошт, ки воҷибу-л-вуҷудро бо Зоти Ӯ исбот намояд. Мутафаккир дар маърифати Худо чунин сухан мегӯяд:

Эзид, ки ҳазор дар ба рух бикшудат,
Роҳе ба камоли кунҳи худ бинмудат.
То заҳмати беҳуда ба худ раҳ надиҳӣ,
Дар зоти худ аз фикр ҳазар фармудат.

Ҳадафи ӯ аз ин гуфтаҳо он аст, ки Худованд рӯ ба рӯят ҳазор дарро кушодааст, ягон роҳеро ба сӯи «кунҳи худ» - асли худ, яъне Зоти худ нишон надодааст. Аз ин гуфтаҳои мутафаккир маълум аст, ки бо роҳи ақл шинохтани Худо беҳуда аст. Ба қавли Ҷомӣ: «Маърифату идроки Ҳақ субҳонаҳу бар ду қисм аст: қисми аввал идроки Ӯст ба эътибори кунҳи Зот ва таҷарруди Ӯ аз таъайюноти асмои сифот ва талаббус ба мазоҳири коинот ва ин мумтанеъ (номумкин) аст ва таҷаррud ва асмоъ ва сифотро мар ғайри Ҳақро субҳонаҳу, зеро, ки аз ин ҳайсият ба ҳиҷоби иззат мухтаҷиб аст ва ба ридои кибриё мухтафӣ, ҳеҷ нисбат миёни Ӯ ва миёни мосивои Ӯ. Пас шурӯъ дар тариқи маърифати Ӯ аз ин изоат бизоати вақт аст. Ва талаби он чӣ мумкин нест, зафар бар таҳсили Ӯ, магар ба ваҷҳи иҷмолӣ, ки надонад, ки дар Ӯ он чи мутаъайин шудааст, амрест, ки зуҳури ҳар мутаъайин бад-Ӯст. Ва Ӯ «фӣ ҳадди зотиҳӣ» аз таъайюн мубарро… Ҷомӣ савол гуфта худаш ба он посух медиҳад: Агар гӯӣ, чун тафаккур дар зот маҳол аст, пас наҳйи мутаваҷҷеҳ чист? Ҷавоб гӯем: мутаваҷҷеҳ пиндори зот ва фикр дар он».[2]

1 Ҳамон ҷо: -С.277
2 Ҷомӣ А. Осори мунахаб. -Душанбе, 2005. . – С. 278

Агарчи зиёи ин нур низ ғолиб шудӣ, зоҳир гаштӣ, ки дар вакти идроки мавҷудот амре дигар, ки нури вуҷуди Ҳақ аст, ба қавли Ҷомӣ:

Зуҳури ҷумлаи ашё ба зид аст,
Вале Ҳақро на зид асту на нид аст.
Чу Зоти Ҳақ надорад накду таҳвил,
Наёбад андар ӯ тағйиру табдил.
Агар хуршед ба як ҳол будӣ,
Шуъои ӯ ба ин минвол будӣ.
Надонистӣ касе, к-ин партави Ӯст,
Набудӣ ҳеҷ фарқ аз мағз то пӯст.

Ва назар ба ин идроки басит аст, он ки гуфтаанд:

Бувад дар Зоти Ҳақ андеша ботил,
Маҳоли маҳз дон таҳсили ҳосил»[1].

Қисми дуввуми маърифати Худо иборат аз шинохтани Худо (идроки Ӯ) дар таҷаллиёти гуногуни он аст, ки он дар доираи шаклҳои идрок: басит ва мураккаб шинохта мешавад. Идроки басит он аст, ки инсон Худоро шинохта мегирад, аммо эҳсос намекунад, ки ӯ чӣ чизеро дарк кардааст. Дар идроки мураккаб бошад, инсон сари он ба андеша меравад, ки чиро дарк мекунад ва ӯ эҳсос мекунад, ки маҳз ҳастии Худоро дар ҷилваҳои гуногуни он дарк мекунад. Дар шакли аввал маърифат ҳамчунин махфӣ нест, зеро инсон зимни идроки ягон чиз, қабл аз ҳама вуҷудро дарк мекунад, аммо дарки вучуд танҳо тавассути Худо имконпазир аст. Ҳамин тавр, идроки ранг (алвон) ва ашкол танҳо аз роҳи идроки нур имкон дорад, аммо рангро дарк намуда, инсон дар бораи нур фикр намекунад, аммо ҳамин ки нур гум шавад, ошкор хоҳад шуд, ки аз пушти ранг зуҳури дигар ҳаст, ки ӯ онро дарк кардааст. Дар навъи мураккаби маърифат низ шароити гуногуне имкон доранд, дар он тафоввути миёни одамони диндор ва аҳли куфр зоҳир мегардад. Ба қавли Ҷомӣ:

Ҳар чиз, ки ҷуз вуҷуд дар чашми шуҳуд,
Дар ҳастии хеш аст муҳтоҷи вуҷуд.

1 Шабистарӣ, М. Гулшани роз. Хуҷанд, 2001.- С.77-80

Муҳтоҷ чу воҷиб набувад васфи вуҷуб,

Бошад ба вуҷуд хосу ҳува-л-мақсуд.

Ин гуфтаҳои Ҷомӣ далели исботи иттиҳоди вуҷуди воҷиб бо ҳақиқат аст, зеро ҳар чизе, ки муғоири вуҷуд аст, ба ҳайсияте, ки на айни мафҳуми вуҷуд бошад ва на ҷузъи вай чун инсон. Масалан, модом, ки муназзам нагардад, вуҷуд бар вай муттасиф намегардад ба вуҷуд «фӣ нафси-л-амр», пас ҳар чизе, ки муғоир аст, мар вуҷудро дар мавҷудият фӣ нафси-л-амр муҳтоҷ бошад ба ғайри худ, ки вуҷуд аст ва ҳар чӣ муҳтоҷ аст ба ғайри худ, ки вуҷуд аст ва ҳар чӣ муҳтоҷ аст ба ғайри худ, дар мавҷудият мумкин аст. Зеро ки мумкин иборат аз чизест, ки мавҷудияти худ муҳтоҷ ба ғайр набошад. Пас ҳар чизе, ки муғоир бошад, мар вуҷудро (аз ғайри Худо бошад), воҷиб (зарур, лозим) натавонад буд. Ба бароҳини ақлия собит шудааст, ки воҷиб мавҷуд аст, пас воҷиб натавонад, магар вуҷуд. Агар касе гӯяд, мумкин он аст, ки дар мавҷудияти худ муҳтоҷ бошад ба ғайре, ки муҷиди вай бошад (сабаби мавҷудияти он бошад), на вуҷуди вай (на мавҷудияти он). Ҷавоб гӯем, ки ҳар чӣ дар мавҷудият муҳтоҷ ба ғайр аст, истифодаи вуҷуд аз ғайр мекунад, мумкин аст, хоҳ он ғайрро вуҷуд гӯянд, хоҳ муҷид» (вуҷуд ва сабаб)[1].

Ҷомӣ инро дар мисоли донаи гандум шарҳ медиҳад: агар мо фарз кунем ки донаи гандум дорои шуур аст, вай бояд таъиноти худро яъне тана, шох, барг, ранг ва ғайри худро бояд дарк кунад, ки ин ба таъини сонӣ мувофиқ намеояд, аммо вақте донаи гандум дар худ қисматҳои ояндаи худро ки ҳанӯз пайдо нашудаанд, тақсим накардааст, вале имкони пайдошаии онҳо дар таъини сонӣ дар назар гирифта шудааст ин таъини аввал мебошад. Дар дараҷаи аввал ҳамчунон ки гуфта шуд, ин муносибат **шуъуноти ғайбия** (корҳои ғайбӣ) номида мешаванд, дар дараҷаи дуввум онҳо суратҳои шаклҳои вуҷуд мебошанд, ки онҳоро сӯфиён ва уламо **моҳиёт** меноманд.

Хуласи калом ин аст, ки Ҷомӣ дар қатори ҳамсафони ғоявии худ аз мавқеи марказии маърифати сӯфиёна пуштибонӣ карда, ин андешаро, ки тибқи он дар олам ба ҷуз Худованд чизи дигаре вуҷуд надорад, бо ҳар воситаи

1 Ҷомӣ, А. Осор. Теҳрон, 1378. Ҷ.1.- С. 274

имконпазир тарғибу ташвиқ мекунад. Ҳатто болотар аз ин рафта, даъвои он кардааст, ки:

Зи ишқ тавба на мақдури ман бувад Ҷомӣ,

Худо чу баҳри ҳамин кор офарид маро[1].

Ва ё:

Ҷомӣ, раҳи Худо бахудо ғайри ишқ нест,

Гуфтему ва-с-салому ало тобии-л-ҳудо.[2]

Дар воқеъ аз ин афкор ва назарияҳои Ҷомӣ маълум мешавад, ки ҷаҳонбинияш ниҳоят бою ғанӣ буда, мавриди омӯзиш қарор додани тамоми абъоди андешаҳои ӯ амали сахт сангин ва иҷронашаванда мебошад. Чуноне ки ӯ дар яке аз муқатаъоташ гуфтааст, олам пур аз мардум асту лек онҳо аз гову хар танҳо бо надоштани гӯшу дум фарқ мекунанд. Ана барои ҳамин доноён оинаро барои он сохтаанд, ки ҳар гоҳ ба он назар мекунанд, мардумонро дар он бубинанд. Чунин гузориши масъалаи оина, барои дар он аз миёни гову хар пайдо кардани мардум бори аввал ба назар мерасад. Ба қавли ӯ:

Олам аз мардум пур аст, аммо набошад дар миён,

Форик эшон зи гову хар ба ҷуз гӯшу думе.

Кард доно вазъи **оина,** ки чун онро гаҳе,

Пеши рӯи худ ниҳад, ояд ба чашмаш мардуме.[3]

Ҷои дигар мутафаккир ҳамин мазмунро дар дигар мавзуъ истифода намуда, самти андешаҳояшро қатъиян тағйир додааст: фарқи халқи оламро ба ҷуз аз гӯшу думашон зи гову хар намебинам ва агар рӯзе барои омӯзиш гӯшае танҳоие биравам, дар миёни ҷамоат номи худро гум кунам. Гоҳ-гоҳе барои болидагии табъи хеш ба сурудани байте дода мешавам, ки ин аз бо онҳо нишастану ғайбати мардум кардан беҳтар аст:

Халқи оламро зи гову хар набинам форике,

Гарчи гову хар бар эшон фарзи гӯшу дум кунам.

Рӯй дар кашфи маориф гар равам дар гӯшае,

---

1 Ҷомӣ, ч.1, Осор, с.140

2 Ҷомӣ, Осор, ч.1, с. 89.

3 Ҷомӣ, А. Осор. Ҷ.7. –Душанбе: «Адиб», 1989. . – С. 310.

В-аз миёни ҷамоат номи худро гум кунам.

Гоҳ-гоҳе байтаке гӯям паи ташҳизи табъ,

Беҳ, ки бо инон нишинам ғайбати мардум кунам.[1]

Мақсади мутафаккир ҳидояти инсоният ҷониби худшиносӣ ва аз ҳолати билқуввагӣ ба билфеълӣ табдил додани нерӯҳои моҳиятии инсон мебошад. Ҳамин нуктаро поёнтар баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки:

Бикушо чашми ҳақиқатбинро,

То бибинӣ, ки дар он буғзу ҳасад,

Некхоҳӣ туву бадхоҳӣ х(в)адаст.

Некхоҳи ту чу бошад бо ӯ,

Душманӣ қоидаи деву дад аст.

Шукри ӯ гӯй, ки дар айши абад,

Душманиҳош мадад бар мадад аст[2].

Ҷомӣ дар «Силсилату-з-заҳаб» ба масоили офарини олам мутаваҷҷеҳ шудааст, ки мо дар партави мавзӯи баҳси марказии хеш аз он ҳақ надорем онро нодида гирем. Ин порча «**Мақолаи аввад дар офариниши олам»** номида шуда, тибқи андешаи сӯфиёна тавсиф меёбад, ки шарҳи мухтасараш чунин аст: Шоҳиди хилватгаҳи ғайб, яъне Офаридгор барои ҷилва намудан камар баста, пеши худ оинаи ҷилванамое пеши худ дошт, ки он ҳама чизро ҷилвагар мекард (ин байт дар назар дорои зиддият ба назар мерасад, Чӣ гуна чизи ҳанӯз вуҷуднадоштаро дар ин оина ҷилвагар метавон дид? Вале агар ба назар бигирем, ки ин оина ба қавли Ҷомӣ **ғайбнамо аст**, сарфи назар аз он ки дарки моро осонтар мегардонад, вале моҳияти савол на танҳо ҳамоно боқӣ мемонад, балки саволи дигареро ба миён меоварад: Оё барои Худо ғайбе вуҷуд дорад? посухи ин саволро ҳам ба хотири халалдор накардани андешаи марказии тасаввуф барои худ метавон ҳамчун ғайб барои мо на барои Худо тасаввур кард. Худо, ба андешаи Ҷомӣ ҳам нозир асту ҳам манзур ва касе бо Ӯ баробар шудан наметавонад, сухан дар бораи «якӣ» меравад, ки «дуӣ» ва «моӣ ва туӣ»

1 Ҳамон ҷо: -С. 314
2 Ҷомӣ А. Осор. Ҷ.7. –Душанбе, 1989. . – С. .311

дар он қатъан вуҷуд надорад. «Қалам» низ ҳанӯз «аз захми тарош» озод аст ва «Лавҳ» ҳам ҳанӯз аз «ранҷи тарош» осудааст. «Арш» ҳам ҳанӯз қадам бар «сари Курсӣ» наниҳодааст ва «Ақл» ҳам ҳанӯз тавоноии пурсиданро надошт, «Чархи даввор» низ дар як нуқта дарҷ гашта буд. «Силки фалак» ҳанӯз нозими анҷум набуд ва ҳатто дар рӯи замин низ вуҷуд надошт. «Нутфаи обо» ҳанӯз аз «раҳми уммаҳот» озод буд, ҳанӯз гаҳвора ҳам вуҷуд надошту «Тифли маволид» дар хоби адам қарор дошт, вале «дидаи он шоҳиди нобудбин» тавони онро дошт, ки «маънии маъдум» (нобуда)-ро ҳамчун «мавҷудбин» бубинад. Аммо ин «адам» халалдор шуд ва «Ғунча» ба сухан оғоз карду «Қуфл» - дар дурри гуҳарашро боз кард, «Сабза» ба барги «гул» ранги сиёҳии муаттар кашида, сифатҳои онро навишт, ки оқибат «зулф» дар ҳаваси вазидани «бод» шуда, «турраи шамшод»-ро гиреҳ басту «наргиси фусунгар» бо «чашмони масти» худ» пеши роҳи «мастони сабуҳипараст»-ро гирифт. Дар дили «Фохта» бошад, таманнои «сарв» афтоду аз «нафаси шавқ»-и худ болои «сарв» нишаст. «Булбул» ин аҳволро дида, аз «дидори гул» ба нолаву фиғон омада, «парда»-и «асрори гул»-ро фош кардан гирифт.

Аз шарҳи абёти Ҷомӣ, новобаста аз маъонии бисёр нозуку аксара дорои мазмуни ахлоқиаш баланд масъалаи хилқати Одам тақрибан норавшану ғомиз ба назар мерасад, яъне Ҷомӣ масъалаи марказии мавриди омӯзиши мо - масъалаи сабабҳои офариниши инсонро қатъин ва комилан ҳаллу фасл накардааст. Сарфи назар аз он ки баъзе масоили ба хилқати одам мавриди тавсифи Ҷомӣ қарор гирифтаанд. Барои мисол чанд порчаеро зикр менамоем: замоне буд, ки абр нам надошт ва ҳар чи аз гил мебаромад натиҷаи заҳмати Одам набуд. Тамоми ҷаҳон аз оинаҳо ва ганҷинаҳое иборат буд, ки ҳар кадоме аз дурру гуҳар номҳои худро доштанд, аммо нишоне аз мусаммо ва маҳзари ҷамъияти асмо вуҷуд надошт. Шоҳи азал – Худо – мазҳар хост ва аз дарёи қидам гавҳаре чид. Сипас дилашро махзани асрори хеш ва рухашро матлаи анвори хеш гардонид. Ҳар чизе аён дошт дар ӯ харҷ намуд ва ҳар чиро ки пинҳон карданӣ буд, пинҳон кард. аз роҳи сурату маънӣ ба ҳам омада, маҷмаъаи ду баҳр ҳудусу қидам гардид. Аммо дар абёти баъдӣ мо ба шарҳу

тавзеҳоти мутафаккир рӯ ба рӯ мегардем, ки дар онҳо мазмуни қуръонии офариниши Одам қариб ки оинавор такрор мекунанд. Барои намуна чандеро ба хотир меоварем: Ҳар чизи гандуммонандро ба адимаш (ниёзмандон) дод ва барои ҳамин касе ба ҷуз Одам номашро надонист. Сояи ӯро бар авҷи фалак боло бардошта, ӯро саҷдагоҳи фавҷу фалак гардонид. Ҳама бар ӯ саҷда карданд, ки дар чеҳрааш базми каромат фурӯзон шуда, ҳар касе рухашро медид дидааш бар вай моил мешуд. Аммо ӯ чун ҳамаро мутаваҷҷеҳи рухи хеш дид, ба хотири он ки газанде бар вай наафтад, нуре аз анвори хешро ба чеҳраи ӯ афканд. Тирагии гуноҳ аз рӯи ӯ дур шуд ва зулмати нилаш ба машъали нур табдил ёфт. Сайри вуҷудаш ба латофат расида, аз ҷиҳати камолоташ ба мансаби хилофат баргузида шуда, бар асмои илоҳӣ ҳукмрон шуд ва мамлакати беохире насибаш гардид.

Агар назди нигоре равӣ оинаро дар миён бигзор, зеро барои ӯ аз оина дида чизи беҳтаре вуҷуд надорад. Хулласи калом ин ки мо дар ин фасли «Силсилату-з-заҳаб» посухи чигунанагии хилқати одамро, ки мо интизораш будем ва онро Ҷомӣ дар фасли «Мақолаи дуввум дар баёни офариниши Одам» ҷой додааст, ба таври мушаххас пайдо кардан натавонистем.

Бояд қайд намуд, ки Ҷомӣ масъалаи инсон дар доираи ҷаҳонбинии сӯфиёнаи худ баррасӣ карда, то андозае дар ин маврид муғрақбаёнӣ низ менамояд. Аммо он чи возеҳ аст, ки донандаи рози овариниш ва такмилдиҳандаи низоми олам инсони огоҳ аз худ ва такомулёфтаро медонад. Ҳамин аст, ки табиати инсониро тағйирёбанда, ташаккулёбанда ва ба нерӯҳои ботинӣ ва тарбияи вобаста медонад. Инсоне, ки дар муҳити торик тарбия ёфта, заковати ӯ ташаккул наёфта бошад эҷоду офариниши ӯ низ торику бебунёд мешавад:

В-ар бувад аз табиати торик,
Маънии ӯ касифу лафз ракик.
Наравад аз бурути ӯ боло,
Пеши ришаш бимонад он коло. (Ҳафт авранг, саҳ. 371)

Аммо, чун инсон нерӯҳои моҳиятии худро мақсаднок истифода намуда, донишу маърифати худро сайқал диҳад, метавонад тамоми ҷузъиёти оламро дар худ таҷассум ва худро ҳамчун кул муаррифӣ намояд. Абдураҳмони Ҷомӣ масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки:

З-он, ки ҳаст аз тамоми ашё,
Одамӣ – куллу мобақӣ – аҷзо.
Ҳар чи дар ҷузъ ҳаст дар кул ҳаст,
Ҷузъро кӯтаҳ аст аз кул даст.
Нест дар ҳеҷ ҷузъ кул ба камол,
Ҳаст дар кулл ҷамъи аҷзоъ ҳол.
Кул чу гардад ба зоти худ доно,
Ҳама маълуми ӯ шавад аҷзо.
В-ар шавад низ мударрики хеш,
Ниниҳад по зи дониши худ пеш.
Гачи илмаш ба худ шавад ҳосил,
Ба дигар ҷузъҳо бувад ҷоҳил. (Ҳафт авранг. С.33)

Тавре маълум мегардад, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ моҳияти инсониро аз вуҷуди инсон берун намедонад. Ба ҳамин хотир, инсонро зарур аст, ки худро бишиносад ва ба моҳияти зотии худ сарфаҳм равад. Танҳо дар ин мартаба, тибқи таълимоти мутафаккир “чун инсон ба зоти худ доно гардад”, барои ӯ ҳама ҷузъиёт дар шакли кулл аён мегарданд. Аммо инсонро зарур аст, ки ҳама нерӯҳои моҳиятии худро дарк намуда, аз маънии онҳо воқиф гардад. Дар сурати акс нерӯҳои зотӣ, ки дар шакли қувваҳои нафсонӣ ҳастанд, метавонанд инсонро аз мазмуну моҳияти хеш бенасиб гардонанд. Мутафаккир ин нерӯҳоро дар шакли душман тасвир намуда, менависад:

Нафси ту душмани дарунии ту,
Мобақӣ душмани бурунии ту.
Гар шавад душмани дарунӣ нест,
Боке аз душмани бурунӣ нест.
Нафс агар нест дар дарун боқӣ,

Чӣ ғам аз душманони офоқӣ,

Балки офоқиён ҳама ёранд,

Бо ту оини дӯстон доранд. (Ҳафт авранг. С.18)

Нерӯи дигари моҳиятии инсон, ки бархе онро қувваи нафсонӣ ва барои инсон дараҷаи васати онро муфид мешуморанд, "шаҳват" мебошад. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ қувваи мазкурро зери тозиёнаи танқид гирифта, хурӯҷи онро боиси нестии инсон медонад. Тибқи назари мутафаккир ҳангоме, ки инсон ба шаҳвату шаҳватпарастӣ майл менамояд, ҳам табиат ва ҳам моҳияти ӯ халалпазир мегарданд.

Чашми ақлу илм кӯр аз шаҳват аст,

Дев пеши дида ҳур аз шаҳват аст.

Ҳар куҷо ғавғои шаҳват кард зӯр,

Мебарад аз дил хирад в-аз дида нур.

Сели шаҳват ҳар куҷо тӯфон кунад,

Хонаи иқболро вайрон кунад.

Ҳар кӣ як ҷуръа маи шаҳват чашид,

То абад рӯи халосӣ з-он надид.[1]

Ҳамин тариқ, андешаҳои Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомиро дар мавриди табиат ва моҳияти инсон натиҷагирӣ намуда, гуфтан мумкин аст, ки Моҳияти инсон на дар мавҷудияти ҷисмонии он, балки дар зиндагии мазмунан ғанию бунёдкорона, дар ақлу заковат, меҳнат, забону муошират, қобилияту талаботи эҷодкорӣ ва озодии он зоҳир мешавад. Дар бунёдкориву муносибатҳои ҷамъиятӣ инсон шароитҳои объективии зиндагиро мутаносиб бо қобилияту талаботҳои ҳамеша афзоишёбандааш ваоламимаънавии худро эҷод мекунад, ки зуҳуроти муҳими моҳияти инсониаш мебошанд.

Маънавиёт як ҷиҳати моҳияти инсон аст. Бе фаъолияти маънавии инсон фарҳанг ҳамчун падидаи нав дар олам пайдо намешуд. Идеалию идеалнокӣ, маънавиёт, тафаккури ақливу мантиқӣ ба инсон имконият медиҳанд, ки фарҳангро эҷодкорона бунёд намуда, такмил диҳад, онро ба сифати воситаи

1 Афсаҳзод, А. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир. –Душанбе, 1997. . – С. 339.

маънавии дигаргунсозии олам истифода барад. Фарҳанг худ ба худ пайдо нашудааст ва бе инсон вуҷуд дошта наметавонад. Он фарҳанги инсонӣ ва барои инсон аст.

Мафҳумҳои «табиати инсон» ва «моҳияти инсон» ҳарчанд, ки ба ҳам наздиканд, вале аз рӯи маънояшон фарқ доранд. Чи хеле пеш аз ин зикр кардем, вақте ки дар бораи табиати инсон сухан меравад, пеш аз ҳама, фарқияту бартарии инсон нисбат ба ҳайвон дар назар дошта мешавад. Ҳайвон табиати додашуда дорад, аз ҳудуди он берун намебарояд. Инсон табиати яку якбора додашуда ва шахшуда надорад, он доимо дар тағйирёбӣ аст. Инсон мутаносибан бо раванди таърихие, ки ӯ аз сар мегузаронад, табиати худро такмил медиҳад. «Инсон, - гуфта буд К. Маркс, - ҳаракати мутлақи ташаккулёбӣ аст». Ин ҳаракат то он даме, ки худи инсон ва ҷамъияти инсонӣ вуҷуд доранд, ногусастанӣ аст. Мутаносиб бо пешрафти таърихии инсон табиати он ҳам такмил меёбад ва дар як ҳолат намонда, сифатҳои нав пайдо мекунад. Иштибоҳ мебуд, агар гӯянд, ки инсон аз рӯи табиати худ аблаҳу доно, некхоҳу бадхоҳ, худпарасту худнамо, ҷангҷӯю сулҳхоҳ, ғулому подшоҳ, демократу коммунист аст. Инсон табиати универсалӣ дорад. Ҳамаи сифатҳои номбаршуда ва ба ин монанд садҳо сифатҳои дигарро инсон дар зиндагии худ пайдо ва гум мекунад.

Танҳо инсон анъана, хотираи таърихӣ, эҳсосоти олӣ, қобилияти фикр кардан, ҳисоб кардан, расм кашидан ва ба хаёлот дода шуданро дорад. Аз ин рӯ бо як мафҳум ва як ҷумла муайян кардани табиати инсон басо мушкил аст. Ҳамаи сифатҳое, ки дар боло номбар шуданд, таърифи пурраи табиати инсонро дода наметавонанд ва дар айни замон зуҳуроти гуногуни ин табиатро ифода мекнунад.

Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ низ тамоми зуҳӯроти табиат ва моҳияти инсонро баён накарда, дар шакли умумӣ ин шакли ҳастии мураккабро бо дидгоҳи сӯфиёна, вале дар такя бо андешаҳои ратсионалӣ шарҳу тафсир менамояд. Ҷисми инсониро ба ғилофи шамшер ва ҷон, ки тамоми нерӯҳои моҳиятӣ ба он вобастаанд, ба шамшер нисбат дода, менависад:

Тан бувад чун ғилофу ҷон шамшер,

Кор шамшер мекунад, на ғилоф. (Баҳористон. С.31)

Мақсади мутафаккир беарзиш шуморидани ҷисм (тан) набуда, балки он аст, ки ҳама қувваҳои зотӣ ва моҳиятии инсон вобаста ба ҷон (рӯҳ)-анд ва танҳо он қодир аст, ки ҳам худ ва ҳам ҷисмро муаррифӣ намояд. Матлаби мазкурро ҳанӯз Ҳофизи Шерозӣ дар шакли «Гар сухан ҷон набувад мурда чаро хомӯш аст» баён намуда, ҷонро дар фаъолияти инсонӣ аввал мегузорад. Ҷомӣ низ ба ҳамин маънӣ, яъне ҳар муваффақияте, ки ҷисм соҳиб мегардад (албатта ҷисми инсонӣ) аз фаъолияти бошууронаи ҷон вобаста буда, қувваи ақл онро идора ва ба низом хоҳад даровард. Ҳамин аст, ки мутафаккир қадру манзалати одамиро ба доштани ҳунар, дониш, маърифат ва ахлоқ вобаста дониста, ҳар он чизе, ки ба танҳо ба манфиати ҷисм ва нафси инсонӣ ҳастанд, мавриди танқид қарор медиҳад:

Қимати мард на аз симу зар аст,

Қимати мард ба қадри ҳунар аст.

Эй басо банда, ки аз касби ҳунар,

Кадраш аз хоҷа басе бештар аст.

Эй басо хоҷа, ки аз беҳунарӣ,

Дар раҳи бандаи худ пайсипар аст. (Баҳористон. с.52)

Хулоса, инъикоси табиат ва моҳияти инсон дар осори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам дар доираи таълимоти тасаввуфӣ ва ҳам ахлоқию иҷтимоӣ ба назар мерасанд. Бо вуҷуди хусусияти печидагӣ ва асроромезӣ доштани таълимоти ирфонӣ, аммо мутафаккир кӯшиш намудааст, ки бо дидгоҳи воқеӣ ба шарҳи масъалаи инсон ва таҳлили табиату моҳияти он пардозад. Масъалаи мавриди назар дар таълимоти ахлоқию иҷтимоии мутафаккир возеҳтар ба назар мерасад ва ба воқеияти айнӣ мутобиқат менамояд. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, моҳияти аслии инсонро дар худшиносӣ ва дарки нерӯҳои моҳиятии худ медонад, ки маҳз ҳамин нерӯҳо инсонро такмил ва ба асли хеш раҳнамоӣ менамоянд. Моҳият ва табиати инсон

тавассути хуқу атвор ва фаъолиятҳои амалии он ошкор мегарданд, ки дар зербоби баъдӣ онҳо шарҳ хоҳанд ёфт.

## II.2. Масъалаҳои ахлоқ дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ

Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ дар таърихи фалсафа, фарҳанг ва адабиёти тоҷик ҳамчун мутафаккири баррасикунандаи ахлоқ шинохта шудааст. Ӯ дар баробари таҳлили масоили дигари иҷтимоиву сиёсӣ ва фалсафию эстетикӣ, таваҷҷуҳи бештар ба такомули ахлоқии инсоният намуда, осори гаронарзише дар ин самт ба мерос гузоштааст.

Мусаллам аст, ки андешаҳои ахлоқӣ дар фарҳанги умумибашарӣ аз даврони қадим пайдо шуда, дар ҳар марҳила ва таълимоти мутафаккирону донишмандон бо тароввати хосса баррасӣ гардидаанд, ки гувоҳ аз муҳимияти масъалаи мазкур дар ҷомеаи инсонӣ медиҳанд. Ин масъала дар замони муосир низ аҳамияти худро нигоҳ доштааст. Ҳамин аст, ки дар баробари баррасии масоили дигари илмиву техникӣ аҳли таҳқиқ имрӯзҳо баррасии масоили ахлоқиро низ муҳим мешуморанд, зеро “шуур ва мафкураи инсон маҳаки асосии ташаккулдиҳандаи соҳаҳои дигари ҷамъият мебошанд. Тарбияи шуур ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли башар омили асилтарини ҳифзи арзишҳои умумибашарӣ ва ташаккули ҷомеаи мутамаддин ва инсонмеҳвар маҳсуб мегардад”[1].

Ҷаҳони имрӯз ба инсоне ниёзманд аст, ки нерӯи ақлонии солим, қобилияти эҷодӣ, фарҳанги воло, ахлоқи ҳамида ва масъулияти баланд дошта бошад. Ба ин маънӣ, инсоният ҳамеша ҷиҳати дарёфти роҳу воситаҳои расидан ба саодат талош варзида, омилҳои таъсиркунанда ба ташаккул ва таназзули ин равандро таҳқиқ менамояд, ки ифодакунандаи моҳияти ахлоқ ҳастанд. Яъне, моҳияти ахлоқ иборат аз ҳидояти насли инсонӣ ҷониби камолот ва дарёфти саодати фардию ҷамъиятӣ мебошад.

Тавре ёдрас шудем, ба низом даровардани рафтору фаъолияти инсон дар ҷомеа ва дарёфти зиндагии босаодат таърихи тӯлонӣ дошта, донишмандон масоилеро ҷустуҷӯ намудаанд, ки камолоти маънавиву ҷамъиятии инсонро фарогир бошанд. Раванди ҷӯишҳои инсонӣ аз ҷаҳоншиносии асотирӣ сар

---

1 Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ. Душанбе, 2022.- С.103.

карда, то марҳилаҳои баъдӣ нишон медиҳад, ки насли инсонӣ дар тафовут аз мавҷудоти дигари олам дар маъносозиву мафҳумофарӣ ва дарёфти саодат буда, илова ба таъмини талаботи моддӣ баҳри қонеъ гардонидани талаботҳои маънавӣ низ талош кардааст. Яке аз масъалаҳои муҳимтарини таъмини саодати ҳақиқӣ ва қонеъкунандаи талаботи маънавӣ, ахлоқ мебошад. Ахлоқ камолоти маънавии инсонро таъмин намуда, ӯро ба созандагӣ, дар шакли иҷтимоишавӣ, муносибати солим, шинохт ва арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ сафарбар менамояд. Ҳамин аст, ки падидаи мазкур таваҷҷуҳи аҳли фазлро аз рӯзгори пешин ҷалб намудаву дар ҳама марҳилаҳои рушди ҷомеа аз муҳимтарин масоили таҳқиқ ба ҳисоб рафта, то кунун идома дорад.

Мардуми ориёӣ, ҳам дар доираи асотир ва ҳам тасаввуротҳои диниашон саодати инсониро ҳадаф қарор дода, олами вуҷудро дар робита ба ҳастии инсон матраҳ намудаанд. Консепсияи ахлоқии тамаддуни ориёӣ ба тариқи системавӣ муайян гардида, дар шакли «пиндори нек», «гуфтори нек» ва «рафтори нек» то ҳанӯз дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Тибқи ин консепсия, камолоти маънавии инсон ва некии ӯ, маҳз замоне ба вуҷуд меояд, ки андеша (маниши)-и инсон поку беолоиш гардад. Яъне, нахуст андеша (пиндор) мукаммал гардида, хусусияти некӣ пайдо мекунад ва пасон тариқи гуфтор ва рафтор амалӣ мешаванд.

Инсон дар тамаддуни ориёӣ мавҷуди олии табиӣ ва ҷузъи муҳиме аз кайҳони моддӣ мебошад. Дар симои инсон тамоми масоил, аз ҷумла, масъалаҳои ахлоқӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор мегирифтанд. «Дар ҷаҳоншиносии ориёӣ, – менависад профессор Музаффарӣ М. - ҳамаи ашёи мавҷуда ва ҳамаи он чизе, ки дар оянда падид хоҳад омад, вобаста ба худи инсон аст. Инсон роҳнамо ва роҳбари абадият буда, маҳсули он чизест, ки ба воситаи ҳастии моддӣ ташаккул ёфтааст»[1].

Тарбияи камолоти инсон тавассути риояи талаботҳои ахлоқӣ дар таълимоти зардуштия тақвияти тоза пайдо намуда, ҷавҳари ин таълимотро

1 Музаффарӣ, М. Антропология. -Душанбе, 2009.- С. 23.

ташкил менамояд. Муаллифони китоби «Таърихи фалсафаи тоҷик» дар ин бора менависанд: «Дар Авасто гуфта шудааст: «Эй Урдубиҳишт (Аша ваҳишта), тавфиқи беҳзистиро дар панохи некандешӣ дар ин сарзамин пароканда соз». Аша Ваҳишта сеюмин қонуни ахлоқии ҳастӣ, назму низом ва созмони ҷаҳон аст. Он қонуни тағирнопазирест, ки, на танҳо зиндагии башар, балки тамоми коинотро ба сӯйи мақсади асосӣ сафарбар намуда, рушду инкишофи мавҷудот ва сайри таквиниро мувофиқи қонуни Ашоӣ ба сӯйи камолот ҳидоят мекунад»[1].

Аз иқтибоси зикршуда хулоса кардан мумкин аст, ки ахлоқ дар андешаҳои мардумони ориёитабор ва, умуман, марказҳои фарҳангии Шарқи қадим ҷавҳари ҷаҳоншиносии онҳоро ташкил кардааст. Назарияҳои арзишманди ахлоқӣ низ дар мактабҳои фалсафии Ҳинду Чин ва Эрони бостон пайдо гардидаанд, вале ахлоқ ҳамчун илми мустақил дар фалсафаи Юнони қадим ба вуҷуд омадааст. Дар ин тамаддун, ҳанӯз дар доираи тасаввуротҳои динӣ ва асотирӣ ба масоили ахлоқӣ ва шинохти моҳият ва камолоти маънавии инсон диққати ҷиддӣ равона шуда буд. Антропоморфизм, ки асоси ҷаҳонбинии динии юнониёнро ташкил медод, гувоҳ аз эътирофи қурдат ва тавонии инсон мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқи шведсарӣ Андре Боннар «инсон ва ҷаҳон дар тамаддуни юнонӣ инъикоси якдигарӣ фаҳмида мешаванд, яъне оинае ҳастанд, ки дар муқобили якдигар гузошта шудаанд ва ҳамдигарро назорат менамоянд»[2]. Аз ин метавон натиҷа гирифт, ки масъалаи шинохти инсон ва камолоти маънавии он дар фарҳанги юнонӣ ҳамоҳанг бо андешаҳои ориёӣ будааст.

Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ дар партави андешаҳои арзишманди гузашта тавонистааст, ки тариқи ҳикояву ривоятҳо ва достону қиссаҳои тамсилӣ, ҷомеаи ормонӣ, инчунин таҳлили воқеъбинона масъалаҳои

---

1 Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷилди 1. –Душанбе: «Дониш», 2011.- С.56

2 Боннар, А. Греческая цивилизация. Т.1. От Илиады до Парфенона/ Пер. с франц. О.В.Волкова. Предисл. проф. В.И.Авдиева. –М.: Исскуство, 1992.- С.103.

ахлоқро тасвир ва ҳамаҷониба таҳлил намояд. Мутафаккир андешаҳои ахлоқии худро дар асарҳои “Баҳористон”, ки аз ҷиҳати сохтор бо “Гулистон”-и Саъдӣ ҳамоҳанг аст ба таври васеъ баррасӣ намудааст. Инчунин, “таълимоти ахлоқии Ҷомӣ дар дар давтари якум ва дуюми “Силсилат-уз-заҳаб”, қасидаи “Туҳфат-ул-Аҳрор”, достони “Юсуф ва Зулайхо”, “Хираднномаи Искандарӣ” ва дигарон”1 баён намудааст.

Агар Ҷомӣ ҷомеаи ормонии худро дар «Ҳикмати Искандария» тавсиф карда бошад, пас дар худи ғояи ҷомеаи ормонӣ инсони ормонии ӯ, яъне сифатҳои ахлоқи ҳасана, ки дар хислатҳои хоси ӯ – «фақирем ҳимматпажӯҳ», «қавме писандида», «зи гуфтори беҳуда лабҳо хомӯш», «фурӯ баста аз носазо чашму гӯш», “беозорӣ”, “баробарӣ”, “сулҳпарварӣ”, “адами duздию ғорат”, “меҳру муҳаббати пойдор”, “адолатпарварӣ”, “инсондӯстӣ”ва ғ. зоҳир мегардад, нишон додааст. Масалан:

Гурӯҳи фақирем ҳикматпажӯҳ,
Чи тобӣ рухи марҳамат з-ин гурӯҳ.
Дар аснои рафтан ба шаҳре расид,
Дар он шаҳр қавме писандида дид.
Зи гуфтори беҳуда лабҳо хомӯш,
Фурӯ баста аз носазо чашму гӯш.
Начӯста аз бад ҳаргиз озор ҳам,
Ва ҳар кори неку мададгор ҳам.
На з-эшон тавонгар касе, не фақир,
Бар эшон на султон касе, не амир.
Баробар ба ҳам қисмати молашон,
Мувофиқ бо ҳам сурати ҳолашон.
На аз меҳнати қаҳташон сол танг,
На бар сафҳаи сулҳашон ҳарфи ҷанг.
Зи як хона ҳар як шуда баҳраманд.

---

1 Раджабов, М. Абдурахман Джами и таджикская философия VX века. –Душанбе, 1968.- С.235

На дар бар дари хонаҳошон, на банд…
Сикандар чун воқиф гашт аз ҳолашон,
Шуд аз гуфтугӯ толиби ғаврашон…
Дигар гуфт: Чун хонаҳо бе дар аст?
Дари боз мар дӯздро раҳбар аст!
Бигуфтанд: - Дар шаҳри мо нест дузд,
Ки аз касби дӯздӣ хӯрад дастмузд.
Ҳама мардум содиқанду амин,
Чу хоканд аминони рӯи замин.
Ба хок супорӣ яке дона ҷав,
Диҳад ҳафтсадат боз вақти дарав.
Дигар гуфт: - Чун баҳри молу матоъ,
Миёни шумо нест ҷангу низоъ?
Бигуфтанд: - Мо бандаи сонеъем,
Ба қуту либосе зи вай қонеъем.
Расад бе низоъ, он чӣ бошад кифоф,
Аз он дар ғилоф аст теғи хилоф.
Дигар гуфт: - Чун шаҳи фармонравой,
Дар шаҳри бешӯр нагирифта ҷой.
Паи дафъи зулмат, - бигуфтанд, - шоҳ,
Зи зулм ин видоят бувад дар панохҳ.
Зари адл аз зулм гирад иёр,
Чу золим набошад, ба одил чи кор?
Дигар гуфт: - Чун дар диёри шумо,
Ғанӣ нест кас, дар шумори шумо?
Бигуфтанд: - Н-ояд зи табъи карим,
Ҳарисӣ намудан паи зарру сим…[1]

Аз порчаи фавқуззикр бармеояд, ки ҷомеае, ки Ҷомӣ дар назар дорад, як ҷомеаи ормонист ва табиист, ки мардуми он низ бояд сатҳи муайяни ахлоқу

1Ҷомӣ, А. Осор. Ҷ.5. –Душанбе, 1988.- С.279

гуфтор ва ҷаҳонбинӣ дошта бошанд, зеро чунин ҷомеа бидуни унсурҳои таркибии он вуҷуд дошта наметавонад ва ба чунин сатҳи баланд ҳам намерасад. Мақсади мутафаккир аз баёни матлаби мазкур он аст, ки инсон дорои фитрати ахлоқӣ аст ва маҳз тавассути ташаккул додани сифатҳои ахлоқӣ ва таълиму тарбия метавонад ҷомеаи адолатпарвару инсонгаро ташкил намуда, ҳаёти худро бидуни зулму истибдод ва озори якдигар сипарӣ намояд.

Мутафаккир таълимоти ахлоқии худро аз тавлиди фарзанд ва тарбияи дурусти он оғоз намуда, ҳосили умри инсониро дар доштани фарзанди некӯхисол ва барои ҷомеа зарурӣ мебинад. Ба маънии дигар Ҷомӣ бар он назар аст, ки яке аз масъулиятҳои асосии инсонӣ ташкили оила ва роҳандозӣ намудани вазифаи репродуктивии он ҷиҳати идомаи насл буда, вале на фарзанди доғовару зиёнкор ва харобкунандаи ҷомеа.

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд гардад номи мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард…[1] (Ҳафт авранг. с.307)

Аммо зинданигоҳдорандаи номи мард ва умуман насли инсонӣ танҳо фарди тарбиятдидаву таълимгирифта мебошад. Дар маҷмуъ нафаре, ки боодобу бохирад ва масъулиятшиносу худогоҳ бошад ҷомеаи одилро бунёд ва онро абадан устувор хоҳад нигоҳ дошт.

Мояи давлати абад адаб аст,
Пояи рафъати хирад адаб аст.
Ҷуз адаб нест дар дили абдол,
Ҷуз адаб нест даъби аҳли камол. (Ҳафт авранг. с.109)

Мавлоно Ҷомӣ моҳияти аслии ахлоқро иборат аз адабу ворастагӣ ва дарки масъулиятҳои шахс дар муносибат бо атрофиён дониста, ташаккули шахсиятро маҳз ба он вобаста медонад. Аз андешаҳои мутафаккир бармеояд, ки адаб маншаи ҳама афъоли ҳасанаи инсоният буда, он дар асоси заҳмати

1 Ҷомӣ, А. Ҳафт аваранг. М.: Наука, 1984.- С.307

пайваста метавонад шакл бигирад. Ба ин хотир, тарбияи инсонро тариқи системавӣ ва бо усулҳои мувофиқ пешниҳод намуда, шаклгирии адабу ахлоқи инсониро аз муносибати ҳасана дар шакли панду насиҳат ба тарбиятгиранда иборат медонад. Дар робита ба ин, мутафаккир таъкид менамояд, ки:

Аз насиҳат ноқисон комил шаванд,

Аз насиҳат мудбирон муқбил шаванд.

Аз насиҳат зинда гардад ҳар диле,

Аз насиҳат ҳал шавад ҳар мушкиле... (Ҳафт авранг. с.426)

Усули пешниҳоднамудаи Ҷомӣ дар мавриди тарбияи ахлоқӣ ва хушахлоқу боадаб намудани насли инсонӣ тавассути панду насиҳат барои ҳар давру замон, аз ҷумла даврони муосир низ муфид мебошад. Имрӯзҳо аз усули мазкур (таъсиррасонӣ ба шуур) ҳама гурӯҳҳои ифротию иртиҷоӣ ба таври васеъ истифода намуда, ҷавононро мағзшӯӣ намуда аз аслу асолати хеш дур менамоянд. Насиҳати онҳо бо овардани қиссаву ривояти хусусияти динидошта ва ба ном тарбиявию ахлоқӣ амалӣ мегардад, ки натиҷаовар мебошад. Манзури Абдураҳмони Ҷомӣ аз насиҳат таъсирррасонӣ ба шуури тарбиятгиранда ҷониби созандагию бунёдкорӣ буда, дар муқобили ҳар гуна андешаи дигар мебошад.

Ин ки гуфтам ҳоли фарзанди накӯст,

К-аш ба асли хеш пайванди нахуст.

Он ки бошад бадсиголу бадсиришт,

Дар сиришти ӯ ҳазорон хӯйи зишт. (Ҳафт авранг. с.307)

Мутафаккир сиришти инсониро олӯда ба ҳазорон бадиҳо дониста, касби ахлоқи ҳамидаро дар раванди фаъолиятҳои амалӣ ва муносибати солим бо аҳли ҷомеа медонад. Ба ин маънӣ метавон итминон намуд, ки Ҷомӣ ахлоқро дорои хусусияти иктисобӣ дониста, муҳити иҳотанамуда ва мақоми тарбиятгарро дар бунёди шахсияти ояндаи муҳим арзёбӣ менамояд. Андешаи мутафаккир дар мавриди он, ки “К-аш ба асли хеш пайванди нахуст” бар он далолат менамояд, ки тарбияи насли инсони дар давраи кӯдакию наврасӣ то

андозае соддатар буда, метавонад шакли дуруст гирифта, дар ниҳоят шахсияти зарурӣ ва созанда ташаккул ёбад.

Ҳамин тариқ, таълимоти ахлоқии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ нишон медиҳад, ки мутафаккир дар маснавиҳои “Ҳафи авранг” ба чор масъалаи муҳим таваҷҷуҳ намудааст:

- Насиҳат ба фарзанди худ;
- Насиҳати қаҳрамонони ҳикояву ривоятҳо ба шахсони наздик ва натиҷагирӣ аз онҳо;
- Тарғиби хислатҳои ҳамидаи инсонӣ бо истифода аз ҳама усулҳои таъсирррасонӣ ба шуур;
- Сарзаниши ахлоқи зишт ва нишон додани касифии он дар раванди фаъолияти инсонӣ.

Вобаста ба банди якуми таълимоти ахлоқии мутафаккир ҳаминро бояд қайд намоем, ки Ҷомӣ дар симои фарзанди худ падаронро даъват менамояд, ки ба тарбияи фарзанд сидқан иштиғол варзида, меваи умри худро бенуқсон ба камол расонанд, то лаззати пухтагӣ дар он пайдо гардад. Ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадаф, падарро мебояд, ки тамоми рӯзгори фарзандро тарҳрезӣ намуда, тибқи нақшаи муайянгардида ба он муносибат намояд. Дар ҳама сину сол вобаста ба қобилият ва дараҷаи фаҳму дарки он муносибат бояд кард. Агар, кореро дар ҳақи фарзанд анҷом додан зарур бошад, бояд онро дар давраи муайян ва мувофиқи ба фаҳми он кард:

Мекунам аз хомаи ҳикматнигор,
Баҳри ту ин номаи ҳикмат нигор.
Гарчи кунун нест туро фаҳми панд,
Чун ба ҳадди фаҳм расӣ кор банд. (Ҳафт авранг. с.547)

Дар идомаи насиҳатномаи худ мутафаккир таъкид менамояд, ки барои фарзанди хӯрдсол гаштугузори бемаврид дар кӯчаю бозор самаровар нахоҳад буд, балки метавонад дар ӯ хислатҳои унсурҳои разолатро ба вуҷуд биорад. Суҳбати аҳли оила ва таваҷҷӯҳу ғамхории азизону наздикон барои фарзанд афзалтар мебошад.

Давраи сеюми ташаккули шахсиятро мутафаккир ба замони шуруъ намудан ба таҳсил ва мактабравии кӯдак вобаста дониста, равиши дурусти рафтор ва муносибатро ошкор месозад:

В-ар ба дабистон сару корат диҳанд,

Лавҳи “алиф, бе” ба канорат диҳанд.

Паҳлӯи ҳар сифла машав ҷонишин,

Аз ҳама якто шаву танҳо нишин.

Гарчи ба худ нест каҷандом алиф,

Бин, ки чӣ сон каҷ шуда дар лом алиф.

Лавҳи худ он дам, ки ниҳӣ бар канор,

Чун алиф ангушт аз он бар мадор. (Ҳафт авранг. с.547)

Ба андешаи мо, манзури Ҷомӣ аз таъкиди “танҳонишинӣ” дурӣ аз мардум ва иҷтиноб варзидан аз ҳамсабақон набуда, балки ҳамнишинӣ бо он нафароне мебошад, ки ахлоқи разила дошта, метавонанд дар касифии ахлоқи ҳамнишини худ боис гарданд. Истифодаи истилоҳи “сифла” баёнгари шахсиятҳои тарбиятнодида ва ахлоқи разила ҳастанд, ки инро мутафаккирони зиёд таъкид намудаанд. Аз ҷумла, Ибни Сино, Муҳамади Ғаззолӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигарон таъсири ҳамнишинро дар раванди рушди шахсияти инсон муҳим мешуморанд.

Ҷониби дигари масъала он аст, ки “танҳонишинӣ” ҳангоми тадрис метавонад ба мутамарказии фикри хонанда мусоидат намояд. Ҳамин аст, ки дар замони ҳозира зимни бунёди мактабҳои типпи нав ҷойҳои нишасти хонандагонро дар шакли мизу курсии алоҳида бунёд менамоянд, ки ҳангоми таълим аз якдигар халалпазир нагарданд. Масъалаи мазкурро Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ҳанӯз дар замони худаш ба миён гузошта, дар шакли насиҳатнома ба фарзандаш матраҳ намудааст, ки дорои арзиши амалӣ мебошад.

Масоили дигари ахлоқӣ, ки аз ҷониби мутафаккир дар насиҳатнома ба фарзандаш баён гардидаанд, иборатанд аз тавозуъ, парҳез аз хандаи беҷо, тамаркузи ҳушу фикр, майл накардан ба ҳар сухани беҷо, самаранок истифода

намудани вақт, дар пайи донишу ҳунар ҷаҳд намудан, меҳрубонию хушмуомилагӣ, мардумдӯстию эҳтиром ба донишмандону бузургсолон ва монанди инҳо мебошад.

Тибқи таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ чун инсон одобу ахлоқи нахустинро омӯхт, бояд ҷаҳд ба таҳсили улум намояд, зеро панду насиҳат барои рушди шахсият нокифоя мебошанд. Насиҳат замоне муфид аст, ки инсон дар марҳилаи кӯдакию наврасӣ қарор дорад ва ба моҳияти илму дониш сарфаҳм рафта наметавонад.

Баъд аз он пушт ба одоту русум,
Рӯйи ҷаҳд ор ба таҳсили улум.
Ҳифз кун мухтасаре дар ҳар илм,
Гир хушбӯ гуле аз ҳар гулшан.
Ҳар сабақро, ки ниҳӣ зери назар,
То надонӣ зи сари он магзар.
Илм дорад туруқи гуногун,
Марав аз ҳадди зарурат берун.
Умр кам, фазлу адаб бисёр аст,
Касби он кун, ки туро ночор аст. (Ҳафт авранг. с.688)

Муҳимияти таълимоти ахлоқии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар он аст, ки илму маърифатро аз ҳама одатҳои дигар ва унсурҳои ахлоқи ҳамида болотар мегузорад. Тибқи таълимоти мутафаккир танҳо илму дониш инсонро аз “ҷаҳлободи нодонӣ” берун ва ба кӯйи саодат раҳнамоӣ карда метавонанд. Дар пайравӣ аз Ҳофизи Шерозӣ, ки “гар сухан ҷон набувад мурда чаро хомӯш аст?” Ҷомӣ донишро ба маънии зиндагӣ, доноро “зинда” ва нодониву ҷаҳолатро “мурда” дониста, менависад, ки:

Нахуст аз касби дониш баҳравар шав,
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав.
Бувад маълуми ҳар озоду банда,
Ки нодон мурдаву доност зинда. (Ҳафт авранг. с.200)

Ҳамин тариқ, мутафаккир дар бахши “насиҳат ба фарзанди худ” масоили дигари ахлоқӣ, аз қабили амал кардан дар асоси илми андӯхта, дурӣ аз зиннатпарастию лаззатпарастӣ, эҳсонкорӣ, дарёфти дӯсти ҳақиқӣ, китобдӯстию китобхонӣ, дурандешӣ дар ҳар амалу сухан, таҳаммулпазирӣ, парҳез аз ҳарзагӯӣ, андеша ва амали нек, вафо кардан дар ваъда ва ғайраро ба миён гузошта, ба тариқи системавӣ ва вобаста ба марҳилаҳои синусолӣ матраҳ намудааст. Мутафаккир дар “Ҳафт авранг” қиссаи “Фарзанди Нуҳи пайғамбар”-ро баён намуда, тамоми сифатҳои разилаи инсониро мавриди танқид қарор медиҳад, ки хеле таъсирбахш ба назар мерасад.

Масъалаи дигар дар таълимоти ахлоқии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар шакли масалу ҳикоя баён намудани матлаби худ мебошад. Дар бахши насиҳати волидайн ва шахсони дигар ба фарзандон ва наздиконашон мутафаккир дар маснавии “Силсилат-уз-заҳаб” “Панди Маъмун ба фарзанди хеш”-ро оварда, масоили ахлоқӣ, аз қабили ҳирсу тамаъро, ки сарманшаи зулму бедодгарӣ ҳастанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳад:

Бо писар гуфт як шабе Маъмун,
К-эй дар иқболу бахт рӯзафзун.
Чун расад навбати хилофати ту,
Ҳирси дунё мабод офати ту.
Ҳар киро аз халифагии Худой,
Нашавад сер нафси бадфармой.
Сер мушкил шавад аз он зару сим,
Ки кашад гаҳ зи бева, гаҳ зи ятим. (Ҳафт авранг. с.77)

Дар достони “Саломон ва Абсол” низ ҳамин муносибати мутафаккир ҳангоми насиҳати падари Саломон эҳсос мегардад. Манзури Абдураҳмони Ҷомӣ он аст, ки шаҳватпарастию рухбозӣ ва ҳамнишинӣ бо бехирадон фазилатҳои ахлоқиро коста гардонида, шахсияти ӯро дар ҷомеа камнуфуз мегардонад. Ҳамчунин дар маснавии “Силсилат-уз-заҳаб” “Ҳикояти подшоҳе, ки писаронро ба иттиҳоду иттифоқ андарз медод” бо баррасии масоили ахлоқии инсондӯстию муттаҳидӣ ва эҳтироми ҳамдигар баён гардидааст

Дар бахши сеюми таълимоти ахлоқии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро таҳлили хислатҳои неки инсони ва шарҳу тавзеҳи мазмуну моҳияти онҳо ташкил менамояд. Мутафаккир дар ин бахш кӯшиш намудааст, ки моҳияти мақулаҳои ахлоқии “шарму ҳаё”, “сабр ва сабурӣ”, “андеша дар рафтору гуфтор”, “дӯстию вафодорӣ”, “муҳаббату вафодорӣ”, “некӯкорӣ ва мурувват”, “бадию разолат”, “иҷтиноб аз такаббурӣ”, “хирадсолорӣ”, “ростию ростқавлӣ” ва монанди инҳоро аз дидгоҳи илму мантиқ ва бо истифода аз усулҳои мухталифи таъсиррасонӣ ба шуури тарбиятгиранда матраҳ намудааст. Ба андешаи мутафаккир моҳияти инсонро ахлоқ ва муносибату муоширот бо атрофиён ташкил менамояд.

Ба шохи одамият меваи унс…

Мутафаккир ахлоқро «ҳамчун муайянкунандаи рафтори инсон, ки аз ӯ озодона иҷро намудани меъёрҳои ахлоқиро талаб мекунад, дар ӯ қобилияти худидоракунӣ ташаккул медихад, баррасӣ кардааст. Аз ин рӯ, ахлоқ метавонад талаботи худро ба инсон на танҳо дар ҳолати мавҷуд будани имкониятҳои субъективии иҷрои ин талаботҳо пешниҳод менамояд, балки дар ҳолати мавҷуд набудани чунин имкониятҳо низ, пешниҳоди ин талаботҳо ва ҳадаф гузоштан инсонро дар самти густариши имконоти ахлоқии худ бедор менамояд».[1]

Ҳамин тариқ, Ҷомӣ дар асараш «Суҳбату-л-аброр» кӯшиш карда, ки байни золимону мазлумон сулҳи иҷтимоиро барқарор намояд. Масалан, вай аз сарватмандон ба саховатмандӣ ва таҳаммулпазирӣ нисбат ба фақиру сарватманд ва тамоми қишрҳои ҷомеа даъват мекунад, ки аз худхоҳӣ, тамаъкорӣ, бераҳмӣ, беадолатӣ, ҷангу низоъҳо, ки боиси зулм ва таъқибот мешаванд, пок бошанд. Аз ин рӯ, Ҷомӣ як низоми подшоҳӣ, ки бар адолат ва дониш асос ёфтааст, пешниҳод мекунад. Мавзӯъҳои соҳибихтиёрӣ, миллатгароӣ ва адолат дар осори Ҷомӣ меҳвари марказӣ доранд ва тасвири адолат ва фош кардани зулм ҳамеша бо ҳам пайванд хоҳанд буд. Масалан,

1 Шамолов А.А. Сравнительный анализ этика Абу Хамида Газали и Насриддина Туси. – Душвнбе: Ирфон, 1994. . – С. .68.

«Силсилату-з-заҳаб» махсус ба ин мавзӯъ бахшида шудааст, аммо ин мавзӯъ дар ин ё он шакл дар тамоми эҷодиёти ӯ махсусан дар маснавиҳои «Ҳафт авранг» ба чашм мерасанд. Аз ин рӯ, фазилатҳои адолат, шафқат ва омурзишро беҳтарин хислатҳои подшоҳ медонад. Ҷомӣ ҳукуматеро талқин мекунад, ки манфиати мардумро ҳифз намуда, бо меҳнат, адолат ва илм ба пешравии онҳо замина мегузорад. Ба ақидаи Ҷомӣ вазифаи асосии подшоҳ бояд таъмини оромии мардум бошад ва подшоҳ бояд шахсияти дорои тамоми хислатҳои инсонӣ: адолат, поквиҷдонӣ, беғаразӣ, ҳушёрӣ, хоксорӣ, таҳаммулпазирӣ, худшиносӣ, фидокорй, далерй, катъият ва хирад бошад ва тамоми сифатҳои бад: ҳирс, тамаъ, шаҳват, зулм ва ғайра дур бошад.[1] Ӯ шоҳро чӯпон ва золимонро гург ҳисобида, адолат ва ростиро сутуни асосии давлатдорӣ меҳисобад. Сабаби асосии решакан шудани зулму ситамро Ҷомӣ дар пеш гирифтани таъмини адолат мебинад. Ҷамъбасти ақидаи ниҳоии Ҷомӣ дар «Саломон ва Абсол» ифода ёфтааст:

Куфркеше, к-ӯ ба адл ояд фареҳ,
Мулкро аз золими хунхор беҳ.[2]

Ҷомӣ ҳамчунин дар ин асараш **адлу ҷуд, карам, сахо, бахшишу фақирнавозӣ, мусофирпарварӣ ва ғ.** ситоиш намуда, **зулм, бадкирдорӣ, майзадагӣ, ишратпарастӣ ва ғ.**-ро мазаммат кардааст. Масалан дар ин мавзӯъ ӯ дар асари «Баҳористон»-и худ чунин таъкид мекунад:

Адлу инсоф дон, на куфру на дин,
Он чӣ дар ҳифзи мулк даркор аст.
Адли бедин низоми оламро,
Беҳтар аз зулми шоҳи динор аст. [3]

Инчунин Ҷомӣ дар «Хираднномаи Искандарӣ» низ сифатҳои беҳтарини Искандарро мушаххасан нишон дода, ҳикматпешагии ӯро асос ва заминаи адлу дод медонад, на зулму фасод, масалан:

Зи ҳикмат назояд ба ҷуз адлу дод,

1 Ҷомӣ, А. Маснавии “Ҳафт авранг”. Ҷ.2. Теҳрон, 1378. . – С. 323.
2 Ҳамон ҷо: -С.327.
3 Ҳамон ҷо: -С. 327.

Зи ҳикмат чӣ имкони зулму фасод.

Танҳо кӯшиши ҷамъ овардани сифатҳои шоҳ дар афкори Ҷомӣ сифатҳои зиёдеро пеш меоварад, ки иборанд аз: адлу инсоф, лутфу эҳсон, некӣ, феъли нек, дӯстӣ, ошноӣ, сидқ, ростӣ, қаноат, ҷуду карам, донишу куниш, яздоншиносӣ, ҳикмату хирад, фурӯтанӣ, тараҳҳум, бахшиш, бахшоиш, фақирнавозӣ, халқпарварӣ, покдоманӣ, дур будан аз шаҳват ҳамчун рахнагари мулк, накӯҳиши ҷавру зулм, бедодӣ, бадӣ, ҷаҳл, хашм, ҳирс, ҳаромхӯрӣ, тамаъ бухл, буҳудагӯӣ, пургӯӣ, зоҳирбинӣ, танороӣ ва ғ.[1]

Ҷомӣ ҳамчунин дар «Ҳафт авранг» ва «Баҳористон» низ шаҳватпарастиро мазаммат намуда, бар он ақида аст, ки шаҳват чашми ақлу илмро кӯр, девро ба ҳур табдил дода, аз дил хирад ва нурро аз дида бурда, хонаи иқболро вайрон мекунад, ки аз он раҳоӣ ёфтан ниҳоят душвор аст. Масалан:

Чашми ақлу илм кӯр аз шаҳват аст,
Дев пеши дида ҳур аз шаҳват аст.
Ҳар куҷо ғавғои шаҳват кард зӯр,
Мебарад аз дил хирад в-аз дида нур.
Сели шаҳват ҳар куҷо тӯфон кунад,
Хонаи иқболро вайрон кунад.
Ҳар кӣ як ҷуръа маи шаҳват чашид,
То абад рӯи халосӣ з-он надид.[2]

Ҷомӣ на танҳо дар бораи хислатҳои хубу бади шоҳон, балки дар бораи ахлоқи бади мардуми оддӣ - «сирати хавоси ъавом» низ ҳарф мезанад. Ба гуфтаи Ҷомӣ, мардуми оддӣ ба ҷуз ғизо ва хоб аз шом то саҳар кор мекунанд ва тамоми корашон ба ин равона шудааст. Ҳатто дар ҳузури ғоратгарон» ҳамеша кӯшиш менамуданд, ки аз дасти камбағалон «нуқраю тилло»-ро дузданд - «дар зери дасти камбағалон» идеяи фурӯш ва ба даст овардани сарват аст. Масалан:

Ин бувад сирати хавоси авом,

---

1 Ҷомӣ, А. Маснавии “Ҳафт авранг”. Ҷ.2. Теҳрон, 1378.- С. 337
2 Ҳамон ҷо: -С. 339.

Чун бувад ҳоли ом к-ал аъвом.

Омро худ зи шом то ба саҳар,

Нест ҷуз хӯрду хоб кори дигар.

Сулҳу ҷангаш барои ин бошад,

Ному нангаш фидои ин бошад.

Сухан аз дахлу харҷ ронаду бас,

Шаҳвати батну фарҷ донаду бас.

Ҳимматаш нагзарад зи фарҷу калав,

Донад аз амр фанкиҳу калав.

Гар тиҷорат кунад набандад бор,

Ҷуз ба азми фиреби шаҳру диёр.

Зулми ӯ бар сари аҷиру рафиқ,

Кам набошад зи қотеъони тариқ.

Гар зироат кунад ба дашту дара,

Ё ба деҳ ё ба шаҳр боғу тара.

Тухми ҳирсу ҳавои ӯ яксар,

Надиҳад ҷуз нақолу хусрон бар.

В-ар бувад аҳли санъату пеша,

Ғайри инаш набошад андеша.

Ки чӣ санъат кунад, ки симу заре,

Бирабояд зи дасти беҳунаре.

Гар бувад аҳли кайлу заъфу зироъ,

Набвадаш з-офтоби ишқ шуъо.

Зи дилаш ғайр аз ин наҷӯшад ғам,

Ки харад беш ё фурӯшад кам.[1]

Ҷомӣ ҳамчунин дар бораи хислатҳои вазирон, фақеҳон ва мирон, аҳли меҳнат, косибон, деҳқонон ва ғ.-ро сухан ронда, дар «Баҳористон» назарияеро баён мекунад, ки тибқи он бояд дар гирду атрофи шоҳ одамони донову ҳушманд - **ҳакими фикратпеша** бояд ва **надими ҳазландеша** ҷамъ оянд:

1 Ҷомӣ, А. Маснавии "Ҳафт авранг". Ҷ.2. Теҳрон, 1378.- С. 339.

«Қарини подшоҳ **ҳакими фикратпеша** бояд ва **надими ҳазландеша**, зеро он ба дараҷоти камол барояд ва аз ин ба дараҷоти камол нуқсон гароянд»1. Дар «Саломон ва Абсол» Ҷомӣ аз забони падари Саломон таъкид мекунад, ки дар атрофи ҳукмрон мавҷуд будани олимони соҳаҳои гуногун, **сарҳангони муқтадир, мунқиёни ҳушёр ва вазири ҳалолкори донишандӯзи ботадбир зарур аст**.[2] Ҷомӣ дар достони «Туҳфат-ул-аҳрор» (маколаи чордаҳум) ва «Сабҳот-ул-аброр» низ андешаҳояшро дар бораи беҳтарин хислатҳои вазир ёдовар шудааст. Дар достони «Баҳористон» Бузургмеҳр ҳамчун вазири хирадманду доно, шахси одил ва некхоҳ таҷассум ёфтааст. Ҷомӣ андешаҳои худро дар бораи мақоми вазир дар «Силсилату-з-заҳаб» дар достони мақоми саввум ва «Баҳористон» идома дода, вазирро бонуфузтарин шахсият, миёнарави шоҳу халқ, мушовири нек, ҳалкунанда номида, баҳсҳои байни халқҳо ва подшоҳон ва ғайраро муаррифӣ намудааст. Ӯ ҳамчунин яке аз амалҳои бади одамони даврони худ, монанди майхурӣ ва бадмастиро мавриди танқид қарор дода, онро душмани ақлу ҳуш, заволдиҳандаи дониш, бекоркунандаи ахлоқ ва сарчашмаи ҳама гуна амалҳои бад ҳисобида, чунин андеша дорад, ки **шахси майхора дар байни хубу зишт, некию бадӣ, дӯстиву душманӣ фарқ гузоштан наметавонад!** Ҳамин хислатро ӯ дар «Саломон ва Абсол» ба таври зайл баён кардааст:

Душмани ҳуш аст май, эй ҳушманд,
Дӯстро мағлуби душман кам писанд.

Дар «Баҳористон» ҳикояти «Масте аз хона берун омад ва дар миёнаи роҳ биафтод ва қай кард ва лабу дандони худ биёлуд. Саге омад ва онро лесидан гирифт. Пиндошт, ки одамест, ки онро пок мекунад. Дуо мекард, ки Худо фарзандони туро хидматгори ту гардонад. Баъд аз он саг пой бардошт ва ба рӯи ӯ бавл кард. Гуфт: Боракаллоҳ, эй сайидӣ (ҷаноби ман), ки оби гарм овардӣ то рӯи маро бишӯӣ».[3]

---

1 Ҷомӣ, А. Маснавии "Ҳафт авранг". Ҷ.2. Теҳрон, 1378.- С. 389
2 Ҳамон ҷо: -С. 451
3 Ҷомӣ, А. Маснавии "Ҳафт авранг". Ҷ.2. Теҳрон, 1378.- С. 347

Дар ашъори Ҷомӣ сифатҳои косибону деҳқонон, хоркашу чӯпон, олиму шоир тараннум гардида, андешаҳои хеле барҷастаи худро дар бораи меҳнату заҳмат, нони ҳалол, ростию покӣ ва ғ. баён намуда, аз шоҳон ғамхорӣ карданро дар ҳаққи онҳо талаб мекунад. Масалан, дар порчае марди косибро чунин тавсиф кардааст:

Марди косиб, к-аз машаққат мекунад кафро дурушт,

Баҳри ноҳамвории нафси дағал сӯҳонгар аст.

Соғари роҳат бувад аз касб бар каф обила,

Вақти он хуш, ки роҳатёфта з-ин соғар аст.[1]

Дар девони дуввуми мутафаккир қитъае оварда, меҳнати **каннос – саргинкашро** аз хизмати даргоҳи кас боло гузоштааст:

Он шунидастӣ, канносе зи саргин зери бор,

Гуфт: «Шукр онро, ки аз иззат маро сар барафрохт».

Булфузуле таъна зад, к-эй кори ту саргинкашӣ,

Кай хирадманд ин ҳунарро мояи иззат шинохт?

Гуфт, **к-эй нодон, кадомин из аз он афзун бувад,**

**К-аз паи рӯзӣ ба амсоли ту муҳтоҷам насохт?[2]**

Дар «Баҳористон», «Ҳафт авранг» ва «Сабҳату-л-аброр» низ ин мавзуро идома дода, дар маснавии охир гуфтааст:

Дастранҷи ту ҳалол аст туро,

Ғайри он ранҷу вубол аст туро.

Нони худ бо тарву дӯғ занӣ,

Беҳ, ки аз хони шаҳ оруғ занӣ.[3]

Масоили ҷаҳонбинии Ҷомӣ доманаи ниҳоят фарох дошта, наметавон тамоми андешаҳои тарбиявӣ ва ахлоқиашро, ки нуктаи баланди афкори иҷтимоии ӯро инсони ормонии ӯ, яъне Инсони комил ташкил медиҳанд, дар доираи як ва ё ду рисола комилан фаро гирифт. Намунаи олии ин андеша дар девони аввали ӯ дар қитъае бад-ин тариқ тавсиф ёфтааст:

1 Ҳамон ҷо: -С. 349.
2 Ҳамон ҷо: -С. 352.
3 Ҳамон ҷо: -С. 356.

Ба дандон рахна дар фулод кардан,

Ба нохун роҳ дар хоро буридан.

Фурӯ рафтан ба оташдон нагунсор,

Ба пилки дида оташпора чидан.

Ба фарқи сар ниҳода сад шутур бор,

Зи Машриқ ҷониби Мағриб давидан,

Басе бар Ҷомӣ осонтар намояд,

Зи бори миннати дунон кашидан.

Дар «Хираднномаи Искандарӣ» ҳикояи пиразане, ки бо гиёҳҳои саҳроӣ рӯз мегузаронид ва ба саволи чаро ӯ ба шаҳр ё деҳе намеравад, чунин ҷавоб додааст:

Бигуфто, ки ҳар ҷой шаҳру деҳ аст,

Яке сифла бар халқ фармондеҳ аст.

Қаноат намудан ба нокому ком,

Бад-ин ногувор обу нохуштаъом.

Аз он беҳ, ки баҳри шикам бихраде,

Бувад зери фармони ҳамчун х(в)аде.

Дар маҷмӯаи «Чиҳил ҳадис» Ҷомӣ гуфтааст:

Эй, ки пурсӣ, ки беҳтарин кас кист?

Гӯям аз қавли беҳтарин касон:

Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ,

Беш бошад ба халқ нафърасон. [1]

Дар «Баҳористон» тани сиҳат, хотири ҷамъ, ризқи фарох, дӯсти меҳрубон ва фароғатро муҷиби зиндагии хуш донистааст: «Панҷ чиз аст, ки ба ҳар кас доданд, зимоми зиндагии худ дар дасти ӯ ниҳоданд: аввал сиҳати бадан, дуйюм эминӣ, сеюм вусъати ризқ, чаҳорум – рафиқи шафиқ, панҷум – фароғат[2]. Ҳар киро аз ин маҳрум карданд, дари зиндагии хуш ба рӯи вай барбастанд. Қитъа:

1 Ҷомӣ, А. Маснавии "Ҳафт авранг". Ҷ.2. Теҳрон, 1378.- С. 357
2 Ҷомӣ, А. Маснавии "Ҳафт авранг". Ҷ.2. Теҳрон, 1378.- С. 360

Бар панҷ мерасад асбоби зиндагии хуш,

Ба иттифоқи ҳакимони шуҳра дар офоқ:

Фароғу эминиву сиҳҳату кифофи маош,

Рафиқи хубсияру ҳамдами накӯахлоқ».[1]

Дар «Саломон ва Абсол» овардааст:

Гуфт ба донишваре он соддамард,

К-эй ба дониш назди ҳар озода фард!

Боз кун з-ин нуктаи пӯшида пӯст,

Ки бародар беҳ бувад ё ёру дӯст?

Гуфт: Набвад пеши доно ҳеҷ чиз,

З-он бародар беҳ, ки бошад ёр низ. [2]

Дар «Хираднома Искандарӣ» Ҷомӣ аз шаш хислати бади инсонӣ – **ҳасад, кина, ҳирс, мумсикӣ, ҷоҳталабӣ, дурӯғ ва беадолатӣ** дур буданро талқин карда, дар дигар асарҳояш **ҷаҳл, ҳасад, хашму кина, тамаъ, ҳирс, қаллобӣ, риё, ғурур, мардумозорӣ, худпарастӣ, пурхурию серхобӣ ва ғайраро** мазаммат намудааст. Аз таҳлили осори Ҷомӣ чунин бармеояд, ки тамоми андешаҳои шоир саршори ғояи инсондӯстӣ буда, дунболагири ҳадафи инсони ормонии ӯ, яъне ғояи Инсони комил мебошанд, ки шоир дар тарбияву парвариши ӯ ва ҳидояташ ба сӯи камолот аз тариқи насиҳат ин қадар заҳмату талош намудааст. Дар «Саломон ва Абсол» дар бораи аҳамияти насиҳат ва нақши он дар камоли инсон овардааст:

Аз насиҳат ноқисон комил шаванд,

В-аз насиҳат мудбирон муқбил шаванд.

Аз насиҳат тоза гардад ҳар диле,

В-аз насиҳат ҳал шавад ҳар мушкиле.

Ҳамчунин мутафаккир дар «Саломон ва Абсол» фарзандро беҳтарин неъмат ҳисобида, гуфтааст:

---

1 Ҳамон ҷо: -С. 360

2 Ҳамон ҷо: -С. 361.

Бинобар ин сифатҳои ҳамидаю разила, зишткорию бадрафторӣ, мағруру бадҷаҳлиро зери тозиёнаи танқид қарор дода, дар қисаи «Юсуф ва Зулайхо» чунин ёдовар мешавад:

“Чу нодон на дар банди падар бош,

Падар бигзору фарзанди ҳунар бош»,[1]

Дар девони якумаш фарзандони беилму аз падар боландаро «номардум» ва «шохи бебарги дарахти мевадор» номидааст. Дар «Силсилату-з-заҳаб» низ ба ин масъала дахл намуда, мазмунашро ба муқобили одамоне равона кардааст, ки бо наздикони худ ифтихор намуда, аз талаби ҳунар ва ҳунармардӣ боз мемонанд:

Зад харе лоф бо харони дигар,

Ки маро Рахши Рустам аст падар.

Ҷомӣ ҳамчун маорифпарвару гуманист на дар ному насаб ва сурати некӯю молу сарват, балки дар ташаккули камолоти ахлоқию маънавӣ медонад, ки танро «ғилоф» ва ҷонро ба «шамшер» таъкид намуда, гуфтааст:

Ҳамин ғоя дар ҳикояи «Баҳористон» низ тавсеа дода, чунин мепиндорад, ки: «Искандар яке аз кордоронро ба амали шариф азл (дур) кард ва амале хасис (кори пасте) бар вай дод. Рӯзе он мард бар назди Искандар даромад. Гуфт: «Чӣ гуна мебинӣ амали хешро?». Гуфт: «Зиндагии подшоҳ дароз бод, на мард ба амал бузургу шариф шавад, дар ҳар амале, ки ҳаст, накӯсиратӣ мебояд ва доду инсоф».[2] Искандарро хуш омад, амали вайро ба вай боздод. Қитъа:

Боядат мансаби баланд, бикӯш,

То ба фазлу ҳунар кунӣ пайванд.

На ба мансаб бувад баландии мард,

Балки мансаб шавад ба мард баланд.

Ҷомӣ аз номи Букрот ба Искандар насиҳат дода, онро маслиҳат дидааст, ки ҳар шабонарӯзро ба се қисмат ҷудо намояд: яке барои таҳсили дониш,

1 Ҷомӣ, А. Маснавии “Ҳафт авранг”. Ҷ.2. Теҳрон, 1378.- С. 421

2 Ҳамон ҷо: -С.421

дигаре барои истифодаи дониш дар рафтор ва саввумиро барои дигар машғулиятҳои дуввумдарача:

Мазан пушти по бахти фирӯзро,

Ба қисмат се кун ҳар шабонрӯзро.

Якеро ба таҳсили дониш гузор,

Ки бедонишӣ нест чуз айбу ор.

Ба дониш шав андар дуввум коргар,

Сеюмро ба бедонишон бар ба сар.

Дар «Эътиқоднома»-и «Силсилату-з-заҳаб» Ҷомӣ таълимоти исломро дар бораи Офаридгор, хилқати оламу одам, ҳақонияти китобҳои илоҳӣ, фариштаҳо, сури Исрофил, пули Сирот, ҳавзи Кавсар, дидори Ҳақ ва ғ. шарҳу баён намуда, таъкиди он маъно дорад, ки такомули инсон бидуни дин ва роҳнамоии шариати инсонӣ амри маҳол аст. Дар «Қиссаи зоҳид ва ориф» (дар «Силсилату-з-заҳаб») аз шариат ва диёнат берун шудани шахси фосиқро бадтарин гуноҳ меҳисобад:

Чӣ гирифториаш аз ин афзун,

Ки ниҳад по зи шаръу дин берун?

Чӣ бало з-ин батар тавонад буд,

Ки бувад з-ӯ Худой нохушнуд?

Гашта мискин ба мавҷи дарё ғарқ,

Ту чӣ сангаш ҳамезанӣ бар фарқ?

Гар туро даст ҳаст, дасташ гир,

Дасти ҷони ҷонпарасташ гир!

Варна, боре маяфкан аз пояш,

Ҷон ба тири дуо мефарсояш!

Инсон ва шавқу хаваси ӯ дар маркази таваҷҷӯҳи Ҷомӣ буд ва ҳадафаш баланд бардоштани мақоми як нафари босавод дар ҷомеа буд. Вай тамоми кори аз дасташ меомадагиро мекард, ки синфи коргар, камбағалон ва мазлумонро ҳифз кунад, меҳнати ҳалоли онҳоро баҳри саодатмандии чамъият таъриф мекард. Мавқеи илму донишро ситоиш намуда, интеллигенцияро

ҳамон табақаҳои аҳолӣ, ки аз ҳисоби халқи оддӣ зиндагӣ карда, зери зулму ситам қарор гирифта буданд, сахт танқид мекарданд. Ҷомӣ ба имкониятҳои бепоёни эҷодии инсон боварӣ дошт ва одамро қувваи асосии эҷодии ҷамъият медонист. Вай ба тарафдории баробарҳуқуқии одамон ва озод кардани камбағалон баромад.

Ҷомӣ андешаи подшоҳи одилро, ки дорои хислатҳои зерин аст, асоснок кардааст: адолат, саховатмандӣ, хирадмандӣ, бахшандагӣ, покӣ ва ғайра. Ба ақидаи ӯ, идораи одилона мактаби маҳорат ва ҳунари подшоҳӣ буда, тарбияи ворисони подшоҳ, интихоби хирадмандонаи дарборон аз рӯи истеъдод, назорати доимии аъмоли онҳо, ғамхории мардум, ҳифзу дастгирии онҳоро дар бар мегирад, камбагалон, ба маслиҳат гуш медиҳанд, манфиати тобеонро ҳимоя мекунанд ва ғайра.

Вай ба сулҳу осоиш ва ҳамзистӣ, ҳамкории ба ҳамдигар фоидабахши халқҳо мусоидат мекунад, чанг ва беадолатиро қатъиян маҳкум мекунад. Вале ӯ тарафдори ҳифзи Ватан, барои аз асорат озод кардани дигар халқҳо ва аз зулм озод шудани онҳо баромад мекард. Барои пешбурди адолати иҷтимоии ҷомеа ду роҳро пешниҳод мекунад: подшоҳи одил ва сохтори одилонаи иҷтимоӣ. Вай дар симои Искандар сифатҳои подшоҳи одилро таҷассум кардааст, на дар Искандари воқеии таърихӣ, балки дар Искандари хаёлӣ, одами дорои давлатдории баланд ва тамоми хислатҳои инсони комил: донотарин ва инсонпарвартарин, ибратбахш, озодкунандаи халқу ғулом аз шоҳони озод, кафили сулҳу амнияти ҷомеа.

Ҷомӣ шоҳи одилашро ҳамчун як сарлашкари юнонӣ тавсиф мекунад, ки аз ҷониби Арасту ба воя расидааст ва хиради файласуфони бузурге чун Пифагор, Суқроту Афлотунро таҷассум кардааст. Ҷомӣ ба ин васила талош кардааст, ки ҳикмати Юнонро ба андешаи форсӣ наздик кунад. Искандар хислатхои хиради юнониро таҷассум намуда, ҳамчун фиристодаи таълимоти ахлоқии Арасту, Афлотун ва дигар мутафаккирони Юнон баромад кардааст. Аз ин рӯ, дар ин маснавӣ аз моҳияти илоҳии таъсиси ҳукумат ва ҷомеа зикр нашудааст. Образи «шоҳи одил»-и Ҷомӣ бар хилофи симои подшоҳони

мавҷудаи олами ислом офарида шудааст, ки олимони муосирро ба хулосаҳои гуногун водор кардааст. Ба ин васила шояд Ҷомӣ мехост таваҷҷӯҳи шоҳони Шаркро ба беҳтарин сифатҳои фалсафаи сиёсии Юнон ва санъати давлатдории сиёсӣ ҷалб кунад.

Лоиҳаи дигари Ҷомӣ фош кардани ҷомеаи идеалистӣ ва анархист, ки дар баъзе шаҳрҳои хаёлии Шарқи Дур вуҷуд дорад. Аммо дар ин мавриди Ҷомӣ худро аз воқеияти шарқӣ ва юнонӣ ҳам дур кард. Шаҳри хаёлии Ҷомӣ берун аз Шарқ ва Юнон аст.

Ҷамъияти ормонии Ҷомӣ аз шаҳрвандоне иборат аст, ки ахлоқи муштарак, некиву меҳнатдӯстӣ муттаҳид буда, дар ҷаҳони пок аз ҷангу адоват ба сар мебаранд. Маҳз ҳамин мавқеъ ба заъф ва қонунияти мутафаккир мусоидат мекунад, амнияти моддӣ ва баробарӣ, баробарии иҷтимоӣ ва сиёсиро таъмин мекунад.

Таҳлили ҷаҳонбинии Ҷомӣ нишон медиҳад, ки ӯ яке аз мутафаккирони пешқадами ҷаҳон буда, афкору андешаҳои ӯ ганҷинаи арзишҳои умумибашарӣ, орзуву ормонҳои башариятро дар бунёди ҷомеаи адолатпарвар ғанӣ мегардонад.

Ба эътиқоди Ҷомӣ, вазифаи аввалиндараҷаи инсон ин аст, ки фидокорона хидмат ба наздикони худ ва кумак ба мардум кунад. Ҷомӣ ҳамчун як орифи озодандеш бештар воизи озодӣ ва пойбанд нашудан ба хурофот аст. Ӯ умри худро дар таҳти роҳбарии Шайх Саъдуддини Қошғарӣ дар фаъолияти илмию эҷодӣ ва суҳбатҳо бо ҳамфикрон гузарондааст.

Ҳамин тавр, таҳлили таълимоти бунёдӣ дар бораи инсон дар фалсафаи асримиёнагии форсу тоҷик равшан нишон медиҳад, ки бо вуҷуди нуфузи баланд доштани дин ва ҷаҳонбинии динӣ, ҳам перипатетизми шарқӣ, ҳам калом ва ҳам тасаввуф ба тағйироти ҷиддие дар фарҳанги маънавӣ, ҷаҳонбинӣ мусоидат кардааст. Ин ва дигар мактабҳои фалсафию динии даврai Абдураҳмони Ҷомӣ ба ташаккул ва инкишофи ҷаҳонбинии мутафаккир таъсири зиёд расонидаанд. Таъсири андеша ва ғояҳои арзишманди мактабҳои фалсафӣ ва динӣ-фалсафии асримиёнагиро ба рушди ҷаҳонбинии мутафаккир

дар симои намояндагони барҷастаи макотиби зикргардида мушоҳида намудан мумкин аст. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар осори худ бо эҳтиром ва самимият аз мутафаккироне, ба мисли Ҳаллоҷ, Фаридуддини Аттор, Абдуллоҳи Ансорӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ибни Сино, Муҳаммади Ғаззолӣ ва бисёр дигарон ёд менамояд. Ин тарзи муносибат ифодагари он аст, ки Ҷомӣ масъалаи инсони комилро дар партави ҳамин гуна андешаҳои арзишман баррасӣ намуда, мустақилона натиҷагирӣ намудааст.

## II.3. Масъалаи инсони комил дар тасвири Абдураҳмони Ҷомӣ

Дар тули таърих, аз замоне, ки инсон худро дарк кард то имрӯз масъалаи инсон яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар таълимоти тамоми мутафаккирони даврони гуногун будааст. А.Ф. Лосев дар ин бора гуфтааст, ки «Инсон - масъалаи ҳамешагист, ки ҳамеша баррасӣ карда мешавад... вале ҳеҷ гоҳ ҳал намешавад»[1]. Масъалаи мазкур аз замони пайдоиши афкори асотирӣ, то пайдоиш ва ташаккули таълимоти динӣ, бештар инкишофёфта аз қабили зардуштӣ, буддоӣ, насронӣ, исломӣ ва ғайра мавриди таваҷҷӯҳи ҷиддӣ қарор гирифтааст, ки ҳамагӣ назару андешаҳои ҷолиб доир ба камолоти маънавию ахлоқӣ баён доштаанд. Масъалаи “инсони комил” бошад дар таълимоти ирфони асримиёнагии тоҷик рӯйи кор омада, онро ҳанӯз дар асри IX Мансури Ҳалоҷ ба миён гузошта, мавриди баррасӣ қарор дода буд. Пасон, масъалаи мазкур дар таълимоти Ибни Арабӣ ва Абдуқодири Гелонӣ он ба таври густурда ба таҳқиқ кашида мешавад. Ибни Арабӣ дар «Фусус ал-ҳикам ва Абдуқодири Гелонӣ дар «ал-Инсон ул-комил-фи-маърифат-ул-авоҳир» принсипҳои асосии масъалаи инсони комилро коркард ва аз лиҳози назариявӣ онро инкишоф доданд. Аммо, ин маънои онро надорад, ки масъалаи инсони комил ва андешаҳо доир ба рушди шахсияти инсон ва камолоти маънавию рӯҳонии он умуман масъалаи ҷадид ва пеш аз ин вуҷуд надошта бошад. Дар доираи таълимотҳои ахлоқию иҷтимоӣ масъалаи “инсони комил” ё худ “инсони ормонӣ”, аз замонҳои қадим мавриди таваҷҷӯҳи аҳли илму маърифат ва ҳатто одамони оддӣ ҳам будааст, ки дар робита ба ин мавзуъ таҳқиқоти зиёде низ анҷом дода шудааст. Роҷеъ ба худи мафҳуми “инсони комил” низ аз ҷониби донишмандони макотиби гуногун таърифҳои мухталиф дода шудааст. Масалан, Ҷалолиддини Балхӣ “инсони комил”-ро чунин мефаҳмид: “Инсони комил касест, ки аввалан, ба ҷиҳати он ки ба камол расидааст, халифа ва ҷонишини Худо дар рӯйи замин ба шумор меояд, ва сонияи, на танҳо халифа,

1 Лосев А.Ф. Философия имени// А.Ф.Лосев. Бытие – имя – космос/ сост. и общ. Ред. А.А. Тихо-Годи. М.: Мысль, 1993.- С. 169.

балки восситаи файзи илоҳӣ ҳам ҳаст”[1]. Мавлоно инсони комилро халифа ва ноиби Офаридгор медонад. Ба ин маъно, ки чун Офаридгор зотест дорандаи сифоти камол ва ба гунаи беинтиҳо, аз ин рӯ, инсони комил, ки ҳамон инсонест ороста ба сифоти камолӣ, дар воқеъ ҷилвае аз ҷилваи Ҳаққро мемонад.

Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ низ дар партави таълимоти аҳли тасаввуф ба масъалаи “инсони комил” дахл намуда, онро “оинаи тамомнамо” ном мебарад. Маврид ба зикри хос аст, ки масъалаи “инсони комил” яке аз мафҳумҳои асосии фалсафаи тасаввуф мебошад, ки бо он суфии ба сатҳи олии камолоти ахлоқӣ, маънавӣ, дониши комил дар бораи вуҷуд ва офаридгор расидаро гӯянд, ки дар натиҷаи ин таҷаллии заминии вуҷуди Мутлақ гардидааст. Вуҷуди мутлақ дар инсони комил ҳамчун оина тамоми асмо ва сифатҳои Худро мушоҳида намуда, худро ҳамчун объект дониста мегирад. Ӯ дар худ ду мабдаи бо ҳам муқобили вуҷуд рӯҳ ва моддаро бо ҳам муттаҳид менамояд.

Дар осори сӯфиён бошад, инсони комил ҳамчун ҳадафи ниҳоии тарбия, зуҳури ҳарчи бештар ё ҳадди ақсои имкониятҳои инсонӣ ба қалам оварда шудааст. Аз маводи боло оид ба назарияи инсони комил ба чунин натиҷа метавон расид, ки муҳаққиқони тасаввуф ҳанӯз ҳам дар бораи пайдоиш ва ташаккули ғояи инсони комил ақоиди мухталиф баён мекунанд. Вале ин нуқта ошкор аст, ки дар оғози пайдоиши худ ин ғоя аз сибғаи динӣ нисбатан озодтар будааст ва дар рафти инкишофи худ дар доираи ваҳдату-л-вуҷуди Ибни Арабӣ комилан моҳияти динӣ гирифтааст. Дар афкори сӯфиён инсони комил бо тавсифҳои гуногун муаррифӣ гардида, ӯ оинаи ҳамафарогирандаест, ки дар он ҳақоиқи олӣ мунъакис мешавад, ҷисми ӯ намунаи олами кабир, хиради ӯ шабеҳи хиради куллӣ мебошад, ӯ дорои асрори офариниш буда, дар олам ҷовидон аст. Масалан: Гелонӣ, ки рисолаи хешро (номаш лозим) ба таври куллӣ ба инсони комил бахшидааст, ки ӯ дар ин бора чунин мегӯяд: «Бидон, ки тамоми афроди инсонӣ нусхаҳои якдигаранд, ки якдигарро иваз мекунанд. Ё ҳар он чизе ки дар яке вуҷуд дорад, дар дигаре мунъакис мегардад, тафоввут

1 Наср Саидҳусайн. Маърифат ва амри қудсӣ/ Тарҷумаи Фарзод Ҳоҷимирзоӣ. Теҳрон, 1380.- С. 207.

танҳо дар он аст, ки баъзе ашё дар ҳолати билфеъл ва баъзе дар ҳолати билқувва мебошанд»[1].

Инчунин бояд қайд кард, ки таълимоти тасаввуфии намояндаи дигари тасаввуф Азизи Насафӣ низ аз худшиносӣ ва дарки инсон иборат аст. Ба ақидаи ӯ, инсон ягона махлуқест, ки метавонад чеҳраи Худоро дар рӯи замин муқаддас гардонад ва дигар марҳилаҳои ҳастиро ба тартиб дарорад. Инсони комил ҳамчун росткунанда тасвир шудааст, ки дигар аъзоёни ҷомеа дар атрофи он ҷамъ мешаванд ва мувофиқи дастури ӯ амал мекунанд. Азиз Насафӣ аҳамияти баланд, арзиши баланди инсонро қайд намуда, ба ӯ чунин маслиҳатҳо додааст: «Бидон, ки инсони комил номҳои зиёд дорад... Шахси комилро шайх, пешво, пешво Маҳдӣ (масеҳ), доно, комил, пухта ва мутлақ мегӯянд. Инчунин ӯро имом, халифа, қутб, шахсияти замон, оинаи инъикоскунандаи олам, оинаи равшангари олам, тариқи бузург ва иксир шифобахш ва Исо, ки мурдагонро зинда мекунад ва Хизр, ки оби зинда менӯшиданд ва Сулаймон, ки забони паррандагонро медонад, меноманд.

Аз гуфтаҳо боло бар меояд, ки дар атрофи мафҳуми инсони комил қариб ҳама мутафаккирони асрҳои миёна андешаҳои ҷолибе ироа кардаанд.

Ба андешаи Абдураҳмони Ҷомӣ низ, ки мавзуи баҳси рисолаи мост инсон беҳтарин, мукаррамтарин ва аҳсантарини офаридгор буда, Худованд ҳангоми офариданаш “аз ҳар сифати бепоёни худ андак-андак дар ӯ таъбиа кард, то аз ин андак он бисён ва баниҳоятро фаҳм кардан, чунон ки аз мушти гандум анбореро ва аз кӯзаи об ҷӯеро, биноӣ дод, то маълум шавад, ки биноӣ чӣ чиз аст ва ҳамчунин шунавоӣ ва доноӣ ва қудрат”. Пас мебояд, ки бикӯшӣ ва худро аз назари худ бипӯшӣ ва бар Зоте иқбол кунӣ ва ба ҳақиқате истиқбол намоӣ, ки дараҷоти мавҷудот ҳама маҷолии ҷамоли Ӯянд ва маротиби коинот мароии камоли ӯ ва бад-ин нисбат чандон мудовамат намоӣ, ки бо ҷони ту даромезад ва ҳастии ту аз назари ту бархезад, агар ба худрӯй орӣ, ба ӯ оварда бошӣ ва чун аз худ таъбир кунӣ, таъбир аз ӯ карда бошӣ, муқайяд мутлақ шавад ва аналҳақ ва ҳуввалҳақ гардад. Чунончи мефармояд:

---

1 Гелонӣ, А. Футуҳ-ул-ғайб. Теҳрон, 1392.- С.87

Дар омезиши ҷону тан Туӣ мақсудам,

В-аз мурдану зистан Туӣ мақсудам.

Ту дер бизӣ, ки ман бирафтам зи миён,

Гар ман гӯям, зи ман Туӣ мақсудам.[1]

Фахриддини Ироқӣ дар "Шарҳи "Ламаъот"" нигоштааст, ки Ҷомӣ андешаҳояшро оид ба сайри камолоти ошиқ ва маъшуқ, ки манзур "инсони комил" дар байти "Маъшуқу ишқу ошиқ ҳар се якест он ҷо, чун васл дарғунҷад, ҳиҷрон чӣ кор дорад?"[2] ҷамъбаст намуда, менависад, ки "маъшуқу маҳбуб, балки ошиқу муҳиб низ дар ҳама маротиб ҳазрати Ҳақ аст", пас аслу фаръ айни як вуҷуди мутлақ буда, бо тафоввут зуҳур мекунад, яъне "ҳама мавҷудот мазоҳир ва маҷолии ҷамолу камоли Ӯянд", чунонки "обро фӣ ҳадди зотиҳи ҳеҷ гуна ранге нест, ранге ки дар ӯ намуда мешавад, ранги он зарфест, ки об дар вай аст, агар он зарф сабз бошад, об сабз менамояд, агар сурх-сурх ва агар зард-зард" вале ҳарчанд ки ҳама мавҷудот айни як вуҷуди мутлақ аст, инсон тоҷи сари онҳо буда, "ҳақиқати муҳиб, ки инсони комил аст, аҳадияти ҷамеъи ҳақоиқ аст". Чунки ба гуфти Абдуллоҳи Ансорӣ "Ҳақ таъоло хост, ки сунъи худро зоҳир кунад бо ҷаззабаи ҷамъи камолӣ, одамро офарид, зеро ки одам мазҳари камоли ҷамъӣ ва аҳадии аҳадист". Бинобар ҳамин инсон ба асли худбаргашта, ҳангоми вусул метавонад, ки бигӯяд:

Эй дӯст Туро ба ҳар макон меҷӯстам,

Ҳар дам хабарат аз ину он меҷӯстам.

Дидам ба Ту хешро, Ту худ Ман будӣ,

Хиҷлатзадаам, к-аз Ту нишон меҷӯстам.[3]

Абдураҳмони Ҷомӣ дар муқаддимаи «Нақду-н-нусус» мафҳуми ваҳдати вуҷудро тавзеҳ дода, дар бораи он андешаҳои хешро чунин баён мекунад: "ҳақиқати воҷиб таъоло айни вуҷуди вай буда, ҳастии Худои таъоло пайдотар аз ҳама ҳастиҳост, зеро ӯ ба худ пайдост ва пайдоиши соири ҳастиҳо бад-ӯст".

---

1 Ҷомӣ, А. Девон. –Теҳрон, 1380.- С.168.

2 Ироқӣ, Ф. Шарҳи Ламаъот. –Теҳрон, 1379.- С.57.

3 Ансорӣ, А. Маҷмуаи расоили форсӣ. Бо тасҳеҳи Муҳамад Сурурии Мавлоӣ. Тус. 1377. . – С. 126.

Аммо ин ҳастии мутлақ дар шаклҳои мухталиф зуҳур мекунад ва аслу сарчашмаи ҳама мавҷудот як воқеиятро ташкил медиҳад ва ҳастии Ҳақ метавонад ба панҷ равиш вуҷуд дошта бошад: «Якум, ин Зоти пок аст, ки онро ғайри мутлақ гӯянд ва ҳеҷ кас наметавонад инро бигӯяд, зеро дар он ҷо барои номҳо ва рамзҳо ҷой нест. Ҷомӣ дар мавриди чунин андеша як байти ҷолиб мегӯяд:

Ҳама асмо мазоҳири Зотанд,

Ҳама ашё мазоҳири асмо".[1]

Бояд донист, ки «ҳар чизе, ки дар олами эҳсос зуҳур мекунад, тасвири муайян, айн ва ваҷҳест аз вуҷуҳи ҳаққи боқӣ, ки зоҳир ва бориз шуда". "Ва мавҷудияти имкон то андозае ба шинохту инзивои ҳастии воқеӣ бастагӣ дорад". Масалан, об дар шакли қатраҳо ва баҳр, буғу ях, борон ва барф ва ғайра пайдо мешавад, ки онҳоро танҳо дар офтоб дидан мумкин аст.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар рисолаи худ «Суханони Хоҷа Порсо» низ таъкид менамояд, ки ҳастии Худо яке беш нест ва он чи бар олам мунбасит аст ва зоҳир авсоф ва таъйюноти нур ва танаввуоту хавос зуҳури он вуҷуди ягона аст, ки зот аст ва сифат ва мавсуф мунфак нест. Аз ин рӯ, ба андешаи ӯ: "Ҳама партави ҷамоли ҳазрати Ӯст ва ҳама аз Ӯст ва ҳама бад-Ӯст, балки худ ҳама Ӯст, ки ҳеҷ чизро ҷуз вай ҳастие ба ҳақиқат нест, балки ҳастии ҳама чизҳо партави нури ҳастии Ӯст".[2]

Ӯ ба зоти худ ғании мутлақ омад, лек ҳаст,

Дар ҳузури ин ғино муҳтоҷи ҳоҷатманди хеш.

Ҳамин тавр, Абдураҳмони Ҷомӣ тавассути андешаҳои ирфонӣ кӯшиш мекунад, ки асрори ҳастӣ, офариниш ва офариниши инсонро боз кунад. Бинобар ин ӯ мегӯяд:

Сар ба зону ҳалқа-ҳалқа пушти дарвешон дутост,

Монда дар фикранд, то сарҳалқаи ишон куҷост?

---

1 Афсаҳзод, А. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир. Душанбе, 1984. . – С. .306.

2 Ҳамон ҷо: -С. 306-307.

Назари Ҷомӣ ба фарқ аз таълимоти дигари ӯ дар бораи таҳаввулот тағйир ёфтааст, ҳарчанд ин суолро борҳо бо шеваҳо ва мисолҳои мухталиф баён кардааст, аммо моҳияти он ҳамоно боқӣ мемонад. Яъне ҳастии мутлақ як аст ва ҳеҷ нишонае надорад, олами акс танҳо нақши хаёл аст, ду ҷаҳон аст, ҳар чӣ ҳаст, сарчашмаи ваҳдати он аст, ҳама чиз партави нури он аст, ҳеҷ зоте ба зоти ӯ намерасад, ақли кул ҳам ба кунҳи сифатҳои ӯ намерасад, аммо ин ваҳдат василаи сифот дар касрат зоҳир мегардад:

Шоҳиди маънӣ даруни пардаи иззат якест,
Дар либоси сурат афтодаст ҷандин ихтилоф.

Мавлоно Ҷомӣ дар китоби «Нақд-ан-нуфус» низ ин андешаро рӯшан карда, гуфтааст, ки инсон беҳтарин, аҷоибтарин ва зеботарин махлуқот аст ва Худованд дар офариниш аз тамоми хислатхои бепоёнаш андак-андак илҳом бахшид, то аз ин андак он бисёр ва бениҳоятро тавонад фаҳм кардан, чунонки аз мушти гандум анбореро ва аз кӯзаи об ҷӯеро, биноӣ дод, то маълум мешавад, ки бинои чи чиз аст ва ҳамчунин шунавоӣ ва доноӣ ва қудрат. Дар маҷмӯъ, ба андешаи Ҷомӣ, инсони комил ва дигар чизҳо як навъ аъзо буда, (китоби аввали «Силсилату-з-заҳаб») як навъи барзахест ҷомеъ, ки дар он ҳам тасвири ҳақ вуҷуд дорад ва ҳам тасвири хилқат.

Чун инсон нисбат ба ашёи дигар кул аст, сифатҳои ӯ тадриҷан дар дигар чизҳое, ки таркибашро ташкил медиҳанд, зоҳир мешаванд, вале кулл қодир аст моҳияти ҷузъро дарк кунад, вале ҷузъ бошад аз чунин қобилият маҳрум аст. Аз ин рӯ, ҳеҷ як махлуқе дар олам ҳақиқати инсонро намедонад, баръакс, инсон на танҳо ҳақиқати ҳама чизро медонад, балки дар ҳама мавҷудот ҷуз Худо чизеро намебинад. Аз ин рӯ, Ҷомӣ кӯшиш мекунад, ки дар ҳама ҳолатҳо ба унвони як ниёзи маънавии инсон зарурати назорати зебоии илоҳӣ таъкид кунад. Ҷомӣ мегӯяд, яке аз талабҳои фирқаи нақшбандия "Даст ба кору дил ба ёр" аст ва ҳеҷ чиз набояд садди роҳи назораи ҷамоли илоҳӣ бошад. Аммо инсон дар тӯли мавҷудияти худ оинаи зоти мутлақ буд. Ин андешаро бештар Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Шарҳи бойтайни Маснавӣ» тарафдорӣ кардааст.

Чуноне ӯ инсонро розу асрори офариниш دониста, ӯро ягона махлуқе эътироф менамояд, ки метавонад на танҳо Худо ва олам, балки худашро дониста гирад.

Маҳз ба ҳамин хотир муҳиббу маҳбуб, роғибу марғуб, толибу матлуб, ошиқу маъшуқу ишқ, нозиру манзур ҳама як буда, дар кавну макон ҷуз ҳақ вуҷуду мавҷуд ва шоҳиду машҳуди дигаре нест, ки тамоми зарроти коинот оинаи ҷамолнамои Худо буда, пинҳону пайдо як аслро нишон медиҳанд. Ҷомӣ дар "Эътиқоднома" ба масъалаи вуҷуди мутлақ ва ваҳдати вуҷуд таваҷҷуҳ намуда, ин вуҷуди мутлақро азаливу абадӣ ва офаридагори тамоми мавҷудот ва ҳастӣ мешуморад.

Ба андешаи Ҷомӣ ягона роҳи ҳақиқии шинохти Ҳақ, худшиносӣ аст, зеро касе, ки худро шинохт, ба дараҷаи камолоти воқеӣ мерасад. Ҷӯяндаи ҳақиқат, пеш аз ҳама, бояд ҳамсуҳбати огоҳе пайдо кунад ва илмҳои динро омӯзад, то ҳақиқати Худо, тамоми ҷавҳари ҷисмҳо ва мазмуни фалсафии ашёро шиносад. Яъне бояд шариат, тариқат ва ҳақиқатро омӯзад. Танҳо таҷрибаи амалӣ соликро ба суи мақсад мебарад. Муросо кардан бо ҳама нишонаи асосии он аст, ки солик Худоро шинохтааст. Дар ин зина солик бо касе душманӣ намекунад, бо касе баҳс намекунад, гуфтаҳои ягон динро инкор намекунад, нисбат ба ҳама таҳаммулпазирӣ нишон медиҳад. Ба ин маълум мешавад, ки одамон дар макон ва замонҳои гуногун ба дунё меоянд ва ҳар кас мувофиқи муҳит диндор мешавад. Якеро насронӣ, дигареро яҳудӣ, сеюмиро мусулмон мегӯянд. Ва ҳатто мусулмонон гуногунанд, яъне. мансуб ба мазҳабҳои гуногун: ҳанафӣ, ҳанбалӣ, шофеӣ, моликӣ ва ғайра. Аз ин рӯ, набояд бо онҳо душманӣ кард ва ба онҳое, ки эътиқод доранд, бо нафрат нигоҳ кард.

Ҷомӣ онҳоеро, ки ҳамаи ин се марҳилаи маънавиро тай мекунанд, «комил» ва «пешвои мардум» номида, онҳоеро, ки чизеро намедонанд ва аз он лаззат намебаранд, «зери дарахтон» номида, онҳоро ба ҳайвонҳо гурӯҳбандӣ мекунад. Шахси комил аз дидгоҳи Ҷомӣ касест, ки ҳам шакл дорад ҳам мазмун ва баръакс ононе, ки шакл доранд, аммо мазмун надоранд, яъне, ки ба одам монанданд, вале аслан табиатан одам нестанд, гову хар, мор, каждум ва паланг меномад.

Таносуби инсон бо олам, моҳият ва сифат, ҷавҳар ва араз дар мероси Ҷомӣ баръало нишон дода шудааст. Баҳои баланди ирфоние, ки Ҷомӣ ба инсони комил додааст, аз ҳамин андеша муайян шудааст. Ба андешаи мутафаккир инсон дар ҳаёти иҷтимоъӣ ба сатҳи султону падшоҳӣ мерасад. Аммо бо вуҷуди ин ҳама камолот, ӯ «Маҳдуд» ва нотавон аст ва ҳатто ба вуҷуди заҳматҳои зиёд ба ин ноил шуда наметавонад. Бинобар ин метавон гуфт, ки маърифати инсон дар дидгоҳҳои фалсафии Ҷомӣ гуногун аст.

Ба ақидаи мутафаккир шахсе, ки ба камол расидааст, бояд марҳилаҳои «озодӣ, камолот»-ро аз худ намояд. Солики роҳи ҳақ, ки ҳадафаш ба даст овардани худшиносӣ аст, бояд муддати тӯлонӣ ба поксозии рӯҳ, қалб (ботин) машғул шавад. Солики тариқат бояд олами ботин ва берунии худро чӣ дар гуфтор ва чӣ дар рафтор пок созад.

Чуноне ки қаблан зикр гардид, масъалаи «инсони комил» аз муҳимтарин масъалаи осори назарияшиносони тасаввуф (монанди Ибни Арабӣ) ба шумор меравад. Ӯ пешниҳод кардааст, ки офариниш яке аз роҳҳои зарурии ҳастии воқеияти илоҳӣ ва василаи шинохти ҳастии илоҳии худ ҳамчун ашё аст. Баландтарин мартабаи «инсони комил» низ ба он сабаб аст, ки ӯ ин ду хислати зидди занонро дар худ таҷассум кардааст ва дар ин худшиносии зоти илоҳӣ нақши калидӣ дорад.

Чунин ҳолати “инсони комил“-ро ба оинае шабоҳат додан мумкин аст, ки атрибутҳои дар ӯ ниҳон бударо, яъне дар ҳолати билқувва зоти илоҳӣ мушоҳида мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки инсони комил ду ҷанбаи ба ҳам зидди табиати илоҳӣ: моддӣ ва рӯҳиро ба ҳам омезиш додааст. Ана ба ҳамин хотир вазъи хосаи “инсони комил“ дар олам боиси он гардида, ки ӯро сабаб ва мақсади офариниш хонда, тамоми дигар мавҷудоти олами ҳастӣ (кӯҳҳо, дарёҳо, ашёи заминиву осмонӣ ва ғайра) ба ӯ ва тобеи ӯ гардонида шудаанд. Илова бар гуфтаҳои боло бояд тазакур дод, ки ҳастии «инсони комил»

кафолати ҳастии олам буда, мазмун ва мундаричаи олами ҳастиро ташкил медиҳад.[1]

Зимнан, бояд тазаккур дод, ки Абдураҳмони Ҷомӣ аз ҷумлаи сӯфиёни пайрави нақшбандия равияи Хоҷа Баҳоваддин Муҳаммад Бухорӣ буд. Мисли дигар пайравони Нақшбандӣ, ӯ тасаввуфро бо таълимоти исломӣ сахт рабт додааст. Ҷомӣ ҷаҳонбинии диниро оқилона таҳким бахшида, худшиносии рӯҳӣ-эҳсосиро бо андешаҳои фалсафаи ишқ оро медиҳад. Бояд гуфт, ки бештари мутафаккирон ва файласуфони замони Ҷомӣ ба раванди тасаввуф пайравӣ намуда, дар мавзӯъҳои мухталифи ирфонӣ осори зиёде таълиф кардаанд, ки болотар баррасӣ шуда буд.

Масъалаи инсони комил ва мавқеи ӯ дар ҷомеа аз ҷолибтарин масъалаҳо буда, таваҷҷӯҳи файласуфон ва адибони даврaҳои гуногунро ба худ ҷалб кардааст. Масъалаи инсон хамчун асоси назарияи антропологӣи дар фалсафаи ақл мавқеи хоса дошта бошад ҳам, дар тасаввуф, бахусус дар таълимоти «инсони комил», ки моҳияти антропологияи ирфониро ифода мекунад, мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Ба андешаи Абдураҳмони Ҷомӣ инсон дар он вақт озод аст, ки аз ғароизи моддии худ озод шавад. Дар инсон ду ҷанба: табиӣ ва рӯҳонӣ ҳамеша дар тазод буда, инсони накӯ онест, ки ба сиришти маънавии худ такя дорад, пай дар пай нерӯ ва тавоноии худро сарфи он месозад, ки аз побандӣ ба ғароизи табиии худ раҳоӣ ёбад ва ба камолоти инсонӣ бирасад. Роҳе, ки шахс дар ин ҳолат пеш мегирад, аз ду марҳила иборат аст. Марҳалаи аввал наздик шудан ба ваҳдати мутлақ (Худо) аст ва дар ин марҳала инсон худро дар оинаи амал мебинад ва бо кайҳон айният дорад, микрокосмос ва макрокосмос якдигарро такрор мекунанд, ки аз рӯи сохт ва чи аз ҷиҳати таркиб инсон дар ин марҳила зоҳиршавии зебоии ваҳдати мутлақ ва нусхаи олам аст. Марҳилаи дуюм иборат аз иртиқои инсон ба «инсони комил» ба воситаи зӯҳду эътиқод,

**1** Зиёзода Идибеки Ғозӣ. Муҳаммад Иқбол. Зиндагӣ, Осор, ҷаҳонбинӣ. – Душанбе: "Андалеб ", 2015, саҳ-151.

озодшавии комил аз ғароизи табиӣ ва интиқол ёфтан ва худро дидан дар ваҳдат аст. Дар ин ҷо маҷмӯи зарурият амалиёти эстетикӣ-креативӣ вуҷуд дорад.

Абдураҳмони Ҷомӣ таъкид кардааст, ки шахси комил касе шуда метавонад, ки шариат, тариқат ва ҳақиқатро омӯхта фозил соҳибҳунар гардад. Пиндори нек, ахлоқи нек, гуфтори нек ва маърифати шахсияти комил хос буда, дар худ тамоми нишонаҳои беҳтарини ҳастиро таҷассум менамоянд. Тибқи таълимоти фалсафии тасаввуф, ки яке аз маъруфтаринашон Ҷомӣ аст, инсони комил зери таъсири равобити иҷтимоӣ қарор гирифта, ақли худододаш имкон медиҳад, ки дониши илмии худро такмил ва густариш диҳад ва ба инсон ду навъи муваффақият хос аст. Аввалан, ӯ мисли дигарон аз ҷиҳати ҷисмонӣ комил аст, сонияи, комёбии махсусе, ки танҳо хоси шахси инфиродӣ буда, ба ҳақиқату тариқат комёб шуда метавонад. Дар ин замина, мутафаккир таъкид менамояд, ки ҳар як инсон бояд чунин зинаҳои ахлоқиро тай намояд: зӯҳд (аскетизм), таҷрид (танҳоӣ), ақидат (эътиқод), тақво (парҳезгорӣ), таслим (итоат), тавфиз (умедворӣ), муҷоҳид (ҷидду ҷаҳд), футувват (ҷавонмардӣ), олиҳимматӣ (сидқ вафо), илм (ниёз) ва ғайраҳо. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки маҳз тавассути риояи ҳамин зинаҳои ахлоқии мазкур метавон ба маърифати ҳақиқӣ расид.

Дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ масъалаҳои ҳифзи шаъну шарафи шахсият, тарғиби адолат, саркашӣ аз нафси аммора, худхоҳӣ, тамаъҷӯӣ, зулм, ҷангу низоъ, тарғиби илму маърифат ва хирад мавқеъи асосиро ишғол мекунанд. Мутафаккир, ки тамоми ҳаёт ва фаъолияти худро ба хидмати мардум бахшидааст, хидмат ва ободии мардумро вазифаи инсонии худ медонад. Ба ақидаи ӯ инсон мисли дарахти мевадор аст ва меваи ин неъмат ишқи ӯ ба инсоният аст. Ҷомӣ тарафдори дустии халқҳо буд. Ӯ мехост, ки дӯстие дошта бошад, ки фарқиятҳои миллӣ ва нажодиро сарфи назар кунад. Дустии халқҳои узбеку тоҷик - ин ду ҳамсоя барои ӯ махсусан азиз буд. Ҷомӣ мегуфт, ки онҳо "хешовандони наздик" ҳастанд. Аз масъалаи муҳиме, ки шоир дар асари «Баҳористон» ба миён мегузорад, эътирофи шаъну шарафи инсон на аз рӯи сарвату мансаб, балки аз рӯи касбу ҳунар аст. Новобаста аз он ки одам

шаклан чӣ гуна ба назар мерасад, ӯ бояд қалбан ва рӯҳан поку сарватманд бошад. Мутафаккир нисбат ба инсон, мартабаи баланд, ахлоқу зиндагӣ эҳтироми беандоза дошта, андешаву умеду орзуҳои ӯро дар ашъораш таҷассум кардааст. Дар мероси илмию адабии Ҷомӣ муҳимтарин масъалаи илмӣ, адабӣ, динӣ ва ирфонии замони ӯ инъикос ёфтааст. Ҳангоми мутолиаи ин асар яке аз мавзуъҳое, ки диққати бештарро ба худ ҷалб мекунад, масъалаи инсондустӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи одам, бадани инсон ва ниҳоят, зарурати тарбия ва камолоти маънавӣ мебошад. Андешаҳои башардӯстонаи Ҷомӣ бештар дар маҷаллаҳои «Ҳафт авранг» ва «Баҳористон» инъикос ёфтааст.

Мутафаккири бузург бар он андеша аст, ки агар вуҷуди маънавии инсон бо зевари хирад ва ахлоқи ҳасана пероста ояд, тан ба бадӣ нахоҳад дод ва саъй хоҳад кард, ки ба сӯи накӯӣ ва хайру хубӣ хешро раҳсипор гардонад. Абдураҳмони Ҷомӣ оғози омӯхтани илму дониш, касбу ҳунарро аз даврони хурдсолӣ судманд медонад, зеро беҳтарин ва мусоидтарин аҳди гироии зеҳн ва қувваи ҳофиза ҳамин фасли бебанду бории инсон мебошад. Ҷомӣ ҳангоме, ки дар бораи инсон ва мавқеи он дар зиндагӣ сухан меронад, ӯро бе дӯстиву рафоқат, пайванд ва ҳамбастагии байни ҳам тасаввур намекунад. Дӯстии пок ва самимӣ гарави истеҳкоми ҷамъият яке аз омилҳои асосии бақои насли инсон ва муҳимтарин меъёри одамият меҳисобад. Ӯ дар таълимоти худ дар бораи пайвандҳои дӯстӣ, шартҳои дӯстӣ, интихоби ёрон, оини вафо ва вафодорӣ як силсила гуфторҳои ҳакимона дошта, назарияи хешро роҷеъ ба чигунагии ёрону дӯстон возеҳ ва равшан баён кардааст. Одамон бо дараҷаи фаҳму дониш, сатҳи огоҳӣ, тарбия рафтору кирдор, ҷаҳонбинӣ, муносибати ҷамъиятӣ, ҳисси инсондӯстӣ, меҳру отифа ва дигар хислатҳои инсонӣ гуногун мебошанд, ҳама дар як сатҳ ва дар як вазъу ҳоли ягонаи маънавӣ нестанд, бо хусусиятҳои хоси худ аз ҳам тафовут доранд.

Ҷомӣ дар суханронии худ достонҳоеро дар бораи адолат ва инсондӯстии шоҳони гузашта, аз қабили Ардашери Бобокан, Анӯшервон, Искандари Макдунӣ ва дигарон оварда, диққати шоҳ ва дигар хукуматдорони замонро бо адлу адолат ва таваҷҷуҳ ба ҳолу аҳволи мардумон ҷалб намудааст.

Инсондӯстии Ҷомӣ ихлос ва эътиқоди тамоми вай ба инсон, хоса ба аҳли меҳнат аз силсилаи гуфторҳояш роҷеъ ба деҳқон низ ба хубӣ дарҷ гардидааст. Вай мисли дигар мутафаккирони гузашта нисбат ба деҳқонон ва касбу кори онҳо таваҷҷӯҳи махсус ва эҳтироми беандоза зоҳир карда, ин табақаро ҳамчун офарандаи неъматҳои моддӣ, асоси ҳаёт ва ободии ҷаҳон ситоиш мекунад ва пайваста аз ҳукуматдорон даъват мекунад, ки аз хар гуна зулму ситам ва беадолатй нисбат ба деҳқонон ва маҳсулоти онҳо даст кашанд.

Зимнан асари «Баҳористон»-и Ҷомиро метавон бо ҳашт зинаи осмонӣ муқоиса кард, ки маҷмӯаи андешаҳои наҷиб, достонҳо, ривоятҳо, шеърҳои зебост. Яке аз идеяхои эчодй дар ин асар дустй, бахшидан, созиш ва адолат мебошад. Дар Баҳористон симои Искандар шоҳи одил тасвир шудааст. Дар ин асар Ҷомӣ менависад, ки аз Искандар пурсиданд: «Чаро ин давлату мулкро гирифтӣ ва дар он чӣ ёфтӣ?». Дар посух гуфт: Ба хотири аз байн бурдани душманӣ, душманонро дуст кардан ва дӯстиро мустаҳкам кардан.

Боядат мулки Сикандар, чун вай аз ҳусни сияр,

Душманонро дӯст гардон, дӯстонро дӯсттар.[1]

Тасаввури инсон дар маркази диққати андешаҳои ирфонӣ-фалсафии мутафаккир қарор дорад. Нигоҳи Ҷомӣ ба одамият бо ишқи ӯ ба Худо сахт алоқамандӣ дорад, яъне дар шахсе, ки муҳаббат ба Худо вуҷуд надошта бошад, дилсӯзӣ нисбат ба одамон низ наметавонад ташаккул ёбад. Дар ин замина метавон гуфт, ки таҳаммулпазирии Ҷомӣ ҳамчун зухуроти инсондӯстӣ тавсиф шуда, ба маънои васеъ маънидод шуда, метавон гуфт, ки он маҷмӯи тамоми хислату рафтори зебои инсон аст. Бояд қайд кард, ки андешаҳои маърифатпарварона дар бораи инсони комил аз ҷиҳати мазмун ва моҳияти худ ба андешаи инсони комил дар таълимоти тасаввуф мувофиқат мекунанд.

Яке аз дигар андешаҳои созанда дар “Баҳористон” саховатмандӣ, ошкорбаёнӣ ва ёрии ҳамдигарист. Масалан дар мавриди Ҳотам, ки хеле саховатманд буд Ҷомӣ дар Баҳористонаш чунин менависад:

Чун гадое, ки ними нон дорад,

1 Ҷомӣ, А. Баҳористон. -Душанбе: “Адиб”, 1987.- С. 160.

Ва тамоми диҳад зи хонаи хеш.
Беҳтар з-он бувад, ки шоҳи жаҳон,
Бидиҳад ниме аз хазонаи хеш.[1]

Абдураҳмони Ҷомӣ дар ин достон ҷавонон ва тамоми инсониятро ба саховатмандиву дилсӯзӣ ташвиқ намуда, мегӯяд, ки ҳар доранд, барои саодати дигарон ҳадя кардан аз фазилати саховатмандист. Ба андешаи вай миқдори ҳадя муҳим набуда, балки ҳозир будан ба додани он чизе, ки дар даст ҳаст, ба қадри имкон аз ҷавонмарӣ ва саховатмандист. Қисми ҳаштуми «Баҳористон» дар бораи мӯрчагон ва малаххо нақл мекунад. Онҳо мӯрчаеро мебинанд, ки малахро мебардорад, ки вазнаш даҳ маротиба зиёдтар аст. Ҳайрон шуда мегӯянд: «Ин мӯрчаро бубин, бори гаронро мекашонад, гарчанде ки қувваташ намерасад». Мӯрча инро шунида хандида мегӯяд: Одами асил бори гаронро на бо заҳмати бадани хеш мебардорад, балки бо кувваи садокати худ онро мебардорад». Дар ин маврид Ҷомӣ рубоии зеринро менависад:

Боре, ки осмону замин сар кашад аз он,
Мушкил тавон бо ёварии ҷисму ҷон кашид.
Ҳиммат қави кун ва мадади раҳравони ишқ,
К-он борро ба қуввати ҳиммат тавон кашид.[2]

Абдураҳмони Ҷомӣ бо ин қисса, аввалан, инсонро ба мисли мӯрча заҳматкашӣ даъват мекунад, дуюм, нишон медиҳад, ки мӯрча бо ҳадафи бардоштани бори сангин бояд бо як ҳисси ҷасорати қавӣ, аз душвориҳо натарсида амал кунад. Ба ҳамин тариқ, ӯ ба ҷавонон таълим медиҳад, ки барои ба мақсади наҷиб расидан бо руҳбаландии зиёд, аз душворй натарсида меҳнат кунанд. Ин абёти зебо дорои мазмуни хеле ғанӣ ва амиқ буда, баёнгари он аст, ки насли башар як махлуқи аҷибест, ки қодир ба иҷрои вазифаи илоҳӣ аст, ки Замину Осмон аз ӯҳдаи он намебарад. Ин нишон медиҳад, ки инсон дорои мавҷудияти бузург бо табиати илоҳӣ аст.

1 Ҳамон ҷо:.- С. 167.
2 Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. -Душанбе: “Адиб”, 1987.- С. 134.

Ҳамин тариқ, Ҷомӣ қадру қимати инсонро ба ҳунар ва бартарии сират медонад. Ва дар осори худ аҳаммияти илму донишро чун калиди маърифати ирфонӣ қайд намуда, илмро «тоҷи сари инсонӣ», «қуфлкушои ҳама дарҳо», низомдиҳандаи оламу шарафи инсонӣ медонад ва мардумро ба омӯзиши илму дониш ҳидоят мекунад. Ба назари Ҷомӣ адабу дониш ва ҳунар барои инсон аз зарууртарини сифатҳост ва омӯзиши онҳо дар ҷавонӣ лозим аст. Ҷомӣ китобро чун ёри ғамгусор ва устоди беминнат ситоиш намуда, онро «**аниси кунҷи танҳоӣ ва фурӯғи субҳи доноӣ**» донистааст. Дар мавриди касби дониш ва меҳнат рубоиёти зиёду гуфтааст, ки инҷо чанде аз онҳоро барои шиносоӣ пешниҳод мекунем:

Ин хона на манзили нишот асту тараб,
Ҳаст аз паи он ки то кашӣ ранҷи талаб.
Ҳам шаб орӣ ба рӯзу ҳам рӯз ба шаб,
Дар касби камоли нафсу таҳсили адаб[1].

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷӯҳи Ҷомиро ба худ ҷалб кардааст, масъалаи инсондӯстӣ мебошад. Тибқи таълимоти мутафаккир барои ба дараҷаи камолот расидан, соликро мебояд, ки дӯст доштанро омӯзад. Дӯстдорӣ, пеш аз ҳама нисбати насли худ, яъне инсон мебошад, ки он “ҷамеъи халқу Ҳақ” аст. Дар таълимоти мутафаккир масъалаи мавриди назар аз дарки моҳияти мақулаҳои ахлоқӣ ва аз нерӯҳои моҳиятии дар ҳолати қувва қарор доштан ба феъл овардан оғоз мешавад. Накӯӣ, накӯкорӣ ва некномӣ аз сифоти ҳасанаи инсон, ҷавҳари одамият, оини ҳама некон ба шумор омадааст. Ҷомӣ ҳамчун омӯзгори ахлоқ, омӯзгори самимӣ ба кашфи хислати нек ва шоистаи инсонӣ даъват карда, таъкид кардааст, ки ягона ёдгорие, ки пас аз марг боқӣ мемонад, номи нек аст. Шахсе, ки Ҷомӣ барои рушди рӯҳониаш ин қадар заҳмат кашидааст, бояд ҳақшинос ва сипосгузор бошад. Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун шахсияти барҷаста, мутафаккири инсонпарвар ва маорифпарвари ахлоқӣ дар зиштии ҷомеаи ситамгар ва харобии ахлоқи инсонӣ манбаи бадиҳоро медид, ки ваҳшонияти иҷтимоиро бештар мекунанд. Ҷомӣ мехост, ки инсон комил

1 Ҷомӣ, А. Осор. Ҷ.7. Душанбе, 1989. . – С. .320

бошад, бинобар ин, дар инсон хислатҳои некро парварида, хислатҳои бадро аз ӯ решакан кунад.

Билохира, ба андешаи мутафаккир, инсон бояд гавҳари худ, шаъну шарафи худро донад ва ҳифз кунад. Сухани Ҷомӣ «Қадршиноси гуҳари хеш бош » даъват ба эҳтиром ба номи волои инсонӣ ва эҳтироми шаъну шарафи инсонист. Аз дидгоҳи ӯ инсон ба унвони зубда ва хулосаи офариниш бояд ба ҳар васила мақоми олии инсонии худро дар зиндагӣ қадр ва ҳифз кунад ва дар камолоти худ пайваста ҳушёр бошад, то ба мақоми инсони комил бирасад. Чунин таваҷҷуҳ ба ҷаҳони маънавии инсон, майл ба беҳбудӣ ва ороиши ҷаҳони ботинии ӯ яке аз нишонаҳои дигари инсондӯстии ин шоири барҷастаи мост. Агар ба гуфтаҳои ӯ бо диққат назар андозем, мебинем, ки ӯ дар бораи инсон ва инсоният хеле васеъ ва ҳаматарафа фикр кардааст.

Абдураҳмони Ҷомӣ қариб тамоми фаъолияти хешро баҳри баланд бардоштани шаъну шарафи инсон ва ба дараҷаи камолот “инсони комил” расонидани он бахшидааст. Ҳамин аст, ки мутафаккир ишқи пок, инсондӯстӣ, илму маърифат, дӯстиву ҳамкорӣ ва ғамхории байни наслҳои инсониро масъулияти аввалиндараҷаи аҳли андеша дониста, дар тамоми осори хеш ба он диққати махсус равона намудааст. Мероси ӯ аз эҳтироми бузург ба насли инсонӣ ва тамаддунҳои гуногуни чаҳон шаҳодат медиҳад. Дар давоми зиёда аз се аср асарҳои ӯ ба шуури халқҳои Тоҷикон ва ҷаҳон роҳ ёфтаанд.

Тадқиқи масъалаи инсон дар таълимоти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ нишон медиҳад, ки ҳамчун намояндаи ҷараёни нақшбандия кӯшиши тарғиби ахлоқи ҳамидаю озодагӣ ва инсон будану инсондӯстӣ карда, аз узлату гӯшанишинӣ пайваста танқид менамояд. Моҳияти таълимоти ӯро мазмун ва мақсади арзишҳои ҷовидонаи ахлоқӣ ташкил медиҳанд. Пайравони Нақшбандия мардумро ба роҳи покии қалб, меҳнати ҳалол ҳидоят мекунанд ва яке аз масъалаҳои муҳим дар таълимоти пайравони ӯ даъват ба парҳез аз зуҳд, пазируфтани зиндагии хонаводагӣ ва маърифат аст. Онҳо бовар доштанд, ки Аллоҳ ба онҳо имкон додааст, ки бо меҳнати халол рӯзӣ пайдо кунанд ва ба манфиати дигар аъзоёни ҷомеа хизмат кунанд. Онҳо боварӣ доштанд, ки кор

ҳеҷ гоҳ одамонро аз Худо дур карда наметавонад, балки онҳо метавонанд тавассути зикр бо Худо бошанд. “Даст ба кор ва дил ба ёр” нишонаи ҳамин гуфтаҳои болост. Ҷолиби диққат аст, ки онҳо пайравони худро дар руҳияи эҳтиром ба меҳнат ва нафрат нисбат ба капитализм ва материализм тарбия мекарданд. Принсипи «Хилват дар анҷуман» маънои онро дошт, ки ӯ бояд дар ҷомеа бо мардум кор кунад вале дар айни замон зикри Худоро низ дар дил нигоҳ дорад. Муносибати онҳо ба зуҳд ва зоҳидӣ манфӣ ва танқидӣ буд, зеро боиси фақру оворагардӣ ва аз ҷомеа дур гаштани соликони тариқат мегардад.

Яке аз паҳлӯҳои таълимоти нақшбандия оид ба масъалаи инсон, масъалаи худшиносӣ аст, ки дар меҳвари осори Ҷомӣ қарор дорад. Ба эътиқоди ӯ, ҳадаф аз офариниши инсон шинохти Худост ва худшиносӣ танҳо тавассути шинохти инсон имконпазир аст. Ин маънои онро дорад, ки худшиносӣ ва худошиносии инсон ба ҳам пайванди ногусастанӣ, ҷудонопазир дошта, ҷузъи ҷудонашавандаи худшиносиро ташкил медиҳад, зеро масъалаи худшиносӣ ва худошиносӣ моҳияти таълимоти ирфонии Ҷомӣ будааст, ки он иборат аз касби хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, камолоти маънавӣ ва дурӣ аз ахлоқи разила мебошад. Ин маънои онро дорад, ки инсон баробари аз бадахлоқӣ дур шудан, арзиши ӯ ба Худо ва худошиносӣ имконпазир мешавад. Дар таълимоти ирфонии Ҷомӣ як қатор омилҳое вуҷуд доранд, ки рукни муҳимми худошиносӣ барои такмили фирқаро ташкил медиҳанд, ки ҳадафи ниҳоии онҳо наздикшавӣ бо Худост. Яке аз талаботи асосии усул ин аст, ки шахс дар раванди худшиносӣ бояд комилан аз ҳавас ва ангезаҳои ҷинсӣ озод бошад. Дар осори Ҷомӣ инсони комил бо олами сағир ва олами кабир ҳамрадиф буда, дар робита бо таълимоти ваҳдати вуҷуд инкишоф ёфтааст.

Ҳамин тариқ, ба андешаи Абдураҳмони Ҷомӣ инсон бояд аз як қатор санҷишҳо муҷоҳидат, риёзатҳо, мақомотро тай намояд, ки оқибат ба ӯ дараҷаи камолот муяссар гардад. Таълимоти нақшбандияи Ҷомӣ оид ба тасфия қалб мардумро дар рӯҳияи башардустӣ таълим медиҳад. Ва ақидаи Ҷомӣ таълимот оид ба меҳнати ҳалол, фалсафаи таҳамулпазирӣ, фақри ихтиёрӣ ва дурӣ аз сарвату сармоя беҳтарин василаи ба Ҳақ расидан ба ҳисоб меравад. Дар

эҷодиёти Ҷомӣ афкори иҷтимоии ормонӣ дар маснавиҳояш ифода гардида, ӯ шахсияти инсонро воло дониста исондӯстиро меҳвари таълимоти худ қарор додааст. Қариб дар тамоми осори худ Ҷомӣ фалсафаи башардӯстонаро мавриди таҳлил қарор дода, муҳаббати инсониро таблиғ намудааст. Ҷанбаи инсондӯстии Ҷомӣ ҷавҳари ашъори ӯро ташкил медиҳад.

Абдураҳмони Ҷомӣ шахсияти таърихиест, ки номи ӯ бо афкори иҷтимоӣ-фалсафии як давраи том алоқаманд аст. Мероси адабӣ ва фалсафии ӯ тамоми давраи адабиёти форсиро дар бар мегирад, ки беш аз шаш қарн дар хазинаи тиллоии мероси адабии ҷаҳонӣ буд. Вай ба инкишофи маданияти зеҳнии башарият таъсири калон расонда, номи ӯ бо афкори фалсафии як қатор халқҳои Осиёи Миёна алоқаманд аст. Низоми ахлоқии Ҷомӣ бар тарбияи инсони идеалӣ асос ёфтааст. Ҷомӣ бар ин назар аст, ки инсон дар интихоби амали худ озод аст. Аз ин рӯ, ӯ бар ин назар аст, ки озодии ҳар як шахс аз сатҳи маълумоташ вобаста аст.

Сарфи назар аз далелҳои олимон дар бораи қазову қадар дар ин масъалаҳо Ҷомӣ андешаҳои худро дошт. Ба эътиқоди ӯ, инсон тоҷи офариниш аст, аз ин рӯ, қобилияти муайяни эҷодӣ дорад. Аммо назари Ҷомӣ на ҳамеша бо андешаҳои мутафаккирони дигар мувофиқат мекунад. Ҷомӣ ҳамчун мутафаккири ирфонӣ инсонро тобеъ ба тақдир медонад. Ба эътиқоди Ҷомӣ, асоси ҳама аъмоли нек саховатмандист, ки инсон намегузорад, ки пайванди худро аз ҷомеа канда ва аз чаҳорчӯби ахлоқи умумибашарӣ берун равад. Ҷомӣ илмро дар муқобили таассуби динӣ гузошта, маҳз илмро аломати интихоби роҳи саҳеҳ ба сӯи Ҳақ медонад. Масалан, Ҷомӣ дар китоби "Нафаҳоту-л-унс" ки мустақиман ба омӯзиши тасаввуф ва зиндагии сӯфиён бахшида шудааст, ҳикмат ва маърифатро таблиғу ташвиқ кардааст. Ӯ чунин меҳисобад, ки суҳбат бо ҳакимон танҳо манфиатовар аст.[1] Масъалаи дигари муҳимтарини таълимоти ахлоқии Ҷомӣ саодат мебошад. Ба мисли ҳама мутаффакирони Шарқ Ҷомӣ низ саодати инсониро дар расидани рӯҳи инсонӣ ба нахуст мабдаи

1 Ҷомӣ, А. Нафаҳот-ул-унс. Душанбе, 2013. . – С. .55

